# РОҲНАМОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 3-ЮМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2.20.1+74.264.4я72**
**Р-84**

**Р-84.** Н. Қодиров, Б. Зулфонов, Р. Ибрагимова. **Роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 3-юм барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, «Маориф», 2016, 136 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-407-0**
**© «Маориф», 2016**

## Мундариҷа


Пешгуфтор…… 5
I. Муқаррароти умумӣ…… 6
1.1. Муқаддима…… 6
1.2. Мафҳумҳои асосӣ…… 8
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3…. 9
1.4. Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3…… 9
1.5. Принсипҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3. 10
1.6. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3. 11
1.7. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3 …… 12
1.7.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан…… 13
1.7.2. Принсипҳои таълими самаранок…… 13
1.7.3. Ташаккули малакаҳои фикррониии дараҷаи баланд…… 14
1.7.4. Алоқамандии байнифаннӣ…… 14
1.7.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон…… 14
II. Салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 3…… 15
2.1. Салоҳиятҳо аз рӯйи самтҳои «Инсон ва табиат», «Инсон ва ҷамъият» ва «Қоидаҳои бехатарии ҳаёт»…… 15
2.2. Баҳодиҳӣ ба салоҳияти хонандагон …… 15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ…… 16
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо…… 17
III. Барномаи таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 3…… 19
Нақшаи тақвими корӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3…… 19
**Тоҷикистони офтобрӯя – Ватани мо**…… 20
§ 1. Саёҳат ба табиати Тоҷикистон …… 20
§ 2. Душанбе – пойтахти давлати мо …… 23
§ 3. Вилоятҳои Тоҷикистон …… 26
§ 4. Шуғли асосии аҳолии кишвари мо …… 30
§ 5. Давлатҳои ҳамсояи мо …… 33
**Ашё ва ҳодисаҳои табиати ғайризинда** …… 37
§ 6. Ашёи табиӣ ва таркиби он …… 37
§ 7. Ҷинсҳои кӯҳӣ…… 40
§ 8. Хок чист? …… 43
§ 9. Чаро сатҳи Замин дар ҳама ҷо якхела нест? …… 45
§ 10. Гардиши об дар табиат …… 49
§ 11. Обҳои хушкӣ …… 50
§ 12. Ҳаво, таркиб ва хосиятҳои он …… 54
§ 13. Бод ва пайдоиши он …… 56
§ 14. Абр ва боришот чӣ гуна пайдо мешаванд? …… 59
§ 15. Обуҳавосанҷӣ ва аҳамияти он …… 61
**Табиати зинда** …… 63
§ 16. Олами зинда …… 63
§ 17. Гуногунии олами наботот…… 66
§ 18. Занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо …… 69
§ 19. Гуногунии олами ҳайвонот …… 72
§ 20. Занҷири ғизо дар табиат…… 75
§ 21. Гардиши моддаҳо дар табиат…… 79
§ 22. Ҳифзи муҳити зист …… 82
§ 23. Ҳайвонот ва набототи нодир …… 85
**Узвҳои бадани инсон ва ҳифзи саломатӣ**…… 88

§ 24. Сохти бадани одам........................................................................................................ 88
§ 25.Системаи асаб ва узвҳои ҳис ........................................................................................ 92
§ 26. Скелет ва мушакҳои одам ............................................................................................ 95
§ 27. Узвҳои гардиши хун ва ихроҷ...................................................................................... 98
§ 28. Узвҳои нафасгирӣ ........................................................................................................ 101
§ 29. Узвҳои ҳозима ............................................................................................................. 104
§ 30. Тарзи ҳаёти солим ....................................................................................................... 107
**Бехатарии ҳаёт** ..................................................................................................................... 111
§ 31. Аз оташ, об, газ ва барқ эҳтиёт шав! ......................................................................... 111
§ 32. Эҳтиёт дар роҳҳои мошингард.................................................................................... 114
§ 33. Ҷойҳои хатарнок .......................................................................................................... 118
§ 34. Нақшаҳои мо барои таътили тобистона .................................................................... 121
IV. Стратегияҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3………… 121
4.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан…………………………………………………... 121
4.2. Таълими хониши бошуурона……………………………………………………….................. 122
4.3. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил……………………………………… 126
V. Арзёбӣ………………………………………………………………………………………… 132
5.1. Принсипҳои арзёбӣ ..…………………………………………………………………………… 132
5.2. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан...………………….................... 133
5.3. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил………………………………… 134
Адабиёт………………………………………………………………………………………………… 135

## Пешгуфтор

Омӯзгорони гиромӣ!

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади сифатнок ва натиҷабахш гардонидани раванди таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) силсилаи стандартҳои нави фанниро таҳия ва дастраси Шумо гардонид. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта шуда, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии типи нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин диққати махсус ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим равона мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳо, вохӯриҳо ва дастуру супоришҳо ба соҳаи маориф диққати махсус дода, таъсири онро ба инкишофи ҷомеа таъкид мекунанд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта имсол дар суханронии Президенти Ҷумҳурӣ ҳангоми мулоқот бо зиёиёни мамлакат хеле мушаххас баён гардидааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”. Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Боварии комил дорем, ки ҳамаи мо аз як гиребон сар бароварда, ислоҳоти соҳаро дар амал татбиқ менамоем ва бо ин васила насли навраси ҷомеамонро ба роҳи дурусти маърифат раҳнамоӣ мекунем.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи касбӣ ва маърифатии Шумо, – омӯзгорони муҳтарам, эътимоди комил дошта, боварӣ дорад, ки якҷоя дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегардем.

Вазорати маориф ва илм, шумо, омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## 1.1. Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо)барои синфи сеюм ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими табиатшиносӣ-ро дар синфи 3 фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифодаи донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб карда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ намуда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешаванд.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста мебошад. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фан;
- муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;

- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (Мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

## 1.2. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо)

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешаванд, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадаст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳа – ҳар чизи сатҳаш пахни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд.

**Мақсади таълим**– банақшагирии пешакии натиҷаҳои фаъолияти таълим, натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда).

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** – фаъолияти пай дар пай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** - (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда ба ҳайси заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** –нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио**– аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъюу кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳо (муваффақиятҳо) аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳост.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили

чараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, омӯхтани дониш аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои саводнокии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки хондан, навиштан ва мазмуни ягон матни одиро баён карда метавонад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну мухтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фан ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлил** – яке аз усули таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

## 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3

Доираи татбиқи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, бобати банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, махсусан шуъба - кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳои (дониш, малака ва маҳорати) хонандагони синфи дуюм дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи сеюм

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои хонандагони синфи 3 дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон

ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.5. Принсипҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи сеюм

Стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи сеюм дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила, ҷамъият ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
- ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавии (асосии) хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

  *Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар хонандагон:*

  - *дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;*
  - *мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;*
  - *раванди азхудкунии маводди таълим барои онҳо шавқовар ва ҷолиб бошад;*
  - *барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;*
  - *ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъул бошанд;*
  - *омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;*
  - *ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;*
  - *раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;*
  - *ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;*
  - *ноком дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.*

- ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон. Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс,

оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгор бояд ба ҳама новобаста аз рӯйи хислат баробар диққат диҳад, ёрӣ расонад ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намояд.

- ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим. Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.
- инкишофи арзишҳо. Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.
- алоқамандии таълим бо ҳаёт. Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ бо мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне, дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.
- омӯзиш дар тӯли ҳаёт. Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон раванди омӯзишро дар тули ҳаёт тақозо мекунад.
- ташаккули малакаи баланди фикррони. Ҳадафи ниҳоии раванди таълим ташаккули малакаи баланди фикррони мебошад.
- арзёбӣ ба мақсади таълим. Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди онро самараноктар гардонем.

**1.6. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 3**

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи сеюм:

- муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи сеюм аз саводомӯзӣ;
- ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо);
- муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) мувофиқи талаботи синну солии хонандагони синфи 3;
- мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим, ки барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шудаанд; барқарор намудани робитаи мустаҳками байни онҳо;
- бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо), стандарти мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, бояд ӯро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим ҳидоят намояд;
- мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд.

Фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 3 дар нақшаи таълими асосӣ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои табиӣ ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсили зинаи ибтидоӣ 34 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| 3 | 34 | 1 | 34 |

## 1.7. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 3

Аксар низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб кунанд ва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣ ба мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон “Хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “Чӣ тавр меомӯзанд?” аз “Ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии (морпечи) татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълим гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул меёбад.

### 1.7.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 1.7.2. Принсипҳои таълими самаранок

Таълим дар он ҳолат самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- мақсади вазифаҳои таълимии гузоштаашударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ ҳамчун қисми таркибии ҷараёни таълим шинохта шавад;

– омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо таҳти назорат гирад.

### 1.7.3. Ташаккули малакаҳои фикрронии дараҷаи баланд

Дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд.

Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули фикрронии дараҷаи баланд равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар диаграммаи зерин мушоҳида карда метавонем.




Фикронии дараҷаи баланд тафаккурро пурра фаро мегирад, ки аз инҳо иборатанд:

– таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
– санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
– таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
– истифодаи усулҳои мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
– таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
– муайян намудани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.

Оид ба фикрронии дараҷаи баланд якчанд нуктаро бояд дар хотир гирифт:

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои фикрронии дараҷаи баланд арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, системаи арзёбии мо бояд пурра тағйир ёбад.
2. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки малакаи дараҷаи баланди фикрронӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 1.7.4. Алоқаи байни фаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъӣ буда, вале барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс, дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими босифат мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳанд. Аммо чунин шакли таълим мавзӯъ ва усулҳои мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 1.7.5. Салоҳиятҳои омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
– усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
– роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ

## (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 3

**2.1. Салоҳиятҳо аз рӯи самтҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо).**
**Салоҳиятҳо оид ба «Инсон ва табиат»:**
- Хусусияти як қатор унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.
- Муҳити атрофи маҳалашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои гуногун меандешад.

**Салоҳият аз рӯйи «Инсон ва ҷамъият»:**
- Як қатор роҳу воситаи расонидани ёриро ба оила, ҷамъият ва кишвар шарҳ ва намоиш дода метавонад.

**Салоҳияти «Қоидаҳои бехатарии ҳаёт»:**
- Оид ба нишон додани омилҳои зиёновар ва хатарнок барои саломатии инсон корҳои муайянро иҷро мекунад.

## 2.2. БАҲОДИҲӢ БА САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР СИНФИ 3

### Инсон ва табиат

Хусусияти як қатор унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.
*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
- хусусияти олами зинда ва ғайризиндаро фаҳмонда метавонад;
- ҳайвоноти муқими Тоҷикистонро аз рӯйи шакл, андоза, хусусият ва манфиати онҳо ба инсон шарҳ дода метавонад;
- номҳои кӯҳҳо ва дарёҳои калонтарини Тоҷикистонро номбар карда, онҳоро аз харита нишон дода метавонад;
- роҳҳои истифодаи об, ҳаво ва хокро нишон дода метавонад;
- шаклҳои алоқамандии инсон ва табиатро бо мисолҳо асоснок карда метавонад;
- сохти умумии бадан ва вазифаи узвҳои инсонро фаҳмонда, ҳамбастагии узвҳои организми одамро нишон дода метавонад.

Муҳити атрофи маҳалашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои гуногун меандешад.
*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
– мафҳуми «экология»-ро шарҳ дода, сабабҳои ифлос шудани табиати заминро

мегӯяд;
- ҳолати партовгоҳҳои мактаб ва маҳалашонро мушоҳида мекунад ва хулосаи зарурӣ мебарорад;
- оид ба роҳҳои дурусти истифодаи табиат мисолҳо меорад;
- моҳияти «Китоби Сурх» ва мамнуъгоҳро шарҳ медиҳад;
- оид ба мазмуни маводди омӯхташуда иншои хурд (эссе) менависад**;**
- оид ба истифодаи об таҳқиқоти хонаводаро мегузаронад**;**
- оид ба таҳдидҳои муҳити атроф дар плакат/газетаи деворӣ/ ҳисобот таҳия карда метавонад.

**Инсон ва ҷамъият**

Як қатор роҳу воситаи расонидани ёриро ба оила, ҷамъият ва кишвар шарҳ ва намоиш дода метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- фарқи гурӯҳҳои этникии маҳалашро шарҳ дода, фарқияти фарҳангиро гуфта метавонад;
- нақшаи (дарахти) оиларо тасвир карда метавонад;
- роҳу воситаҳои гуногуни ба аҳли хонавода ёрӣ расонданро шарҳ медиҳад;
- пойтахт, шаҳрҳои калон ва вилоятҳои Тоҷикистонро номбар карда метавонад;
- давлатҳои ҳамсояи Тоҷикистонро номбар мекунад ва аз харита нишон медиҳад;
- шаҳрванд ва хориҷиро фарқ карда метавонад;
- шуғли асосии мардуми Тоҷикистонро вобаста ба соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ шарҳ дода метавонад;
- аз воситаҳои навишторӣ, расму тасвирҳо ва харита истифода бурда метавонад.

**Қоидаҳои бехатарии ҳаёт**

Оид ба нишон додани омилҳои зиёновар ва хатарнок барои саломатии инсон корҳои муайянро иҷро мекунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- сабаби хатарнок будани оташ, об, газ ва баркро мефаҳмонад ва бо онҳо дуруст муносибат мекунад**;**
- қоидаҳои бехатарии ҳаракати роҳро номбар мекунад**;**
- ҳангоми савор шудан ба нақлиёти мусофирбар ба қоидаҳои бехатарӣ риоя мекунад;
- фаҳмиши «Тарзи ҳаёти солим»-ро шарҳ медиҳад;
- зарари одатҳои бадро ба организми одам бо мисолҳо мефаҳмонад**;**
- аҳамияти истеъмоли ғизои тоза, обу тоб ва варзиши баданро шарҳ дода, тарзи дурусти истифодаи ашёи гигиенаи шахсиро нишон медиҳад**;**
- оид ба таҳкими тарзи ҳаёти солим иншои хурд менависад.

## 2.3.Салоҳиятҳои тарбиявӣ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) - балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| Худро идора карда тавонистан | М | О | Б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| Муносибат бо дигарон | | | |
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | □ | |
| Иштирок ва саҳмгузорӣ | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | □ | | |
| Андешаронӣ | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкор аст | | □ | |

Мунтазам
Одатан
Баъзан

**Нишондиҳандаҳои хислатҳо**

Дар ҷадвали зерин нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайян хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда ( муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |

| | |
|---|---|
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан, дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад. (Ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон кумак меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад, ки саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад . |
| Эҷодкор аст | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## III. БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР СИНФИ 3

### Нақшаи тақвими кории фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 3

| **Бобҳои таълим** | **Соат** | **Сентябр** | | | | **Октябр** | | | | **Ноябр** | | | | **Декабр** | | | | | **Феврал** | | | | **Март** | | | | **Апрел** | | | | **Май** | | | | **Июн** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Нимсолаи 1** | | | | | | | | | | | | | | | | | **Нимсолаи 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Тоҷикистони офтобрӯя – Ватани мо*** | **5** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Ашё ва ҳодисаҳои табиати ғайризинда*** | **10** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Табиати зинда*** | **8** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Узвҳои бадани инсон ва ҳифзи саломатӣ*** | **7** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Бехатарии ҳаёт*** | **4** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳафтаҳои таҳсил | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | |

## НИМСОЛАИ I (17 СОАТ)

### Боби I. Тоҷикистони офтобрӯя – Ватани мо

### § 1.Саёҳат ба табиати Тоҷикистон (1соат)

**Салоҳиятҳо:**

- хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.
- муҳити атрофи маҳалашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои гуногун меандешад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- ватани ҷоноҷони мо будани Тоҷикистонро гӯянд;
- табиати зебо, сарватҳои табиӣ ва боигариҳои Тоҷикистонро тавсиф кунанд;
- хусусиятиҳо обҳои шифобахши кишварро шарҳ диҳанд;
- ҳифз ва оқилона истифода бурдани табиати Тоҷикистонро вазифаи ҳар як фарди кишвар донанд.

**Барнома.** Тоҷикистон ватани мо. Ҳашамати табиати Тоҷикистон. Боигариҳои табиати Тоҷикистон. Ҳифз намудани табиати Тоҷикистон. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо, харитаи Тоҷикистон ва воситаҳои навишторӣ.

**Методикаи таълим.** Методикаи таълими дар стандарти мазкур пешниҳодшаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, омӯзгорон вобаста ба шароиту имконияти маҳал ва сатҳи хонандагони худ метавонанд усулу фаъолиятҳои ҷолиберо, ки раванди салоҳиятнок гаштани хонандагонро метезонанд, ё мусоиданд, истифода баранд.

1) Дар дарси аввал фаъолиятҳои зеринро амалӣ гардонед. Барои ин 10 дақиқа вақтро сарф карда метавонед:
   - шинос шудан бо китоби дарсӣ;
   - шиносоӣ бо таҷҳизоти дарсӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо);
   - шиносоӣ бо қоидаҳои одобу ахлоқ ва рафтори хонандагон дар мактаб;
   - омӯзондани қоидаҳои мушоҳида кардан, савол додан ва пурсидан.
2) Саволгузорӣ. Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед ва ҷавобҳои онҳоро муҳокима намоед:
   - *Ватани мо чӣ ном дорад?*
   - *Чаро онро Тоҷикистон меноманд?*
   - *Табиати кишвари мо чӣ гуна аст?*
   - *Шумо кадом ҷойҳои машҳури Тоҷикистонро медонед?*
3) Суҳбат оид ба ҳашамати табиати Тоҷикистон. Мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:
   - *Ватани ҷоноҷони мо будани Тоҷикистон;*
   - *Макони зисти тоҷикон будани Тоҷикистон ва аз ин сабаб чунин номида шудани он;*
   - *Мамлакати кӯҳсор будани Тоҷикистон;*
   - *Манзараҳои зебо, обҳои мусаффо, обу ҳавои форам ва заминҳои ҳосилхезу Офтоби ҷонбахш доштани Тоҷикистон ва машҳури олам гаштани он;*
   - *Набототу ҳайвоноти бой доштани кишвари мо;*
   - *Аз сарватҳои зеризаминӣ (фулузҳои ранга, сангҳои қимматбаҳо ва ғайра) бой будани Тоҷикистон;*

- *Нуқтаи баландтарини Тоҷикистон (қуллаи Исмоили Сомонӣ мебошад, ки дар баланди 7495 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст) ва аз рӯйи он машҳури ҷаҳон гаштани он;*
- *Оид ба дарё, кӯлҳо ва чашмаҳои шифобахши Тоҷикистон.*

Дар ҷараёни суҳбат аз расмҳои зерин ва харитаи Тоҷикистон истифода бурда метавонед:







*Ҳашамати табиати Тоҷикистон. Дармонгоҳи Хоҷаобигарм*

4) Бозии таълимӣ - «Мо чӣ гуна шаҳрванди оқил буда метавонем?». Ба хонандагон якчанд вазъиятро фаҳмонед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки рафтори дуруст ва нодурустро нисбати табиати кишвар муайян кунанд. Зимни муҳокимаи масъалаҳо ба хонандагон кумак намоед ва барои ёфтани рафтори оқилонаи одамон мусоидат кунед. Вазъият (ҳолат)-ҳо:
   - ✓ *Одамон дар фасли зимистон дарахтонро бурида, барои гарм кардани хонаҳо истифода мебаранд;*
   - ✓ *Мардуми деҳа дар фасли баҳор ниҳоли дарахту буттаҳоро чунон зиёд шинониданд, ки барои чаронидани чорво дигар ҷой намонд;*
   - ✓ *Мардуми деҳа барои чаридани чорвои хонагиашон ба боғе, ки дар назди деҳа мавҷуд буд, мебурданд, зеро он ҷо алаф фаровон буд;*
   - ✓ *Мардуми деҳа барои кишту кори зироатҳо ҷангали назди деҳаро оташ заданд, то ки замини кишт ҳосил шавад;*
   - ✓ *Аҳли хонавода барои дамгирӣ ба табиат рафт. Дар бозгашт онҳо роҳ ба роҳ боқимондаи хӯрок ва коғазу қуттиҳои холиро партофта – партофта омаданд ва дохили мошинашонро тоза карданд;*
   - ✓ *Мардум поруи рӯзгори худро ба дарёчае, ки аз назди маҳалли зисти онҳо мегузашт, мепартофтанд, чунки дар маҳалли онҳо ҷои порупартоӣ набуд.*
5) Лаҳзаи дамгирӣ. Барои бартараф кардани хастагии хонандагон, интихобан ягон бозӣ гузаронед.
6) Мустаҳкамкунӣ ва хулосабарорӣ. Аз хонандагон пурсед, ки онҳо аз дарси имрӯза чӣ омӯхтанд? Аз рӯйи ҷавобҳои онҳо дарсро мустаҳкам намуда, хулосаҳои дарсро бароред. Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:
   - *Тоҷикистон ватани ҷоноҷони мо аст, ки бо табиати зебояш машҳури ҷаҳон гаштааст.*
   - *Тоҷикистон аз сарватҳои гуногуни табиӣ ва конданиҳои фоиданок бой аст.*
   - *Тоҷикистон бо обҳои шифобахшои низ шуҳрат дорад.*
   - *Ҳифз ва оқилона истифода бурдани табиати Тоҷикистон вазифаи ҳар яки мост.*
7) Хонандагонро барои иштироки фаъолонаашон дастгирии мусбӣ кунед.
8) Супориш ба хона:
   - китоби дарсиро бо латта ё плёнка муқовабандӣ кунед;
   - оид ба ҳифзи табиати маҳалли худ дар ҳаҷми 5-10 ҷумла иншои хурд нависед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Барои чӣ ватани моро Тоҷикистон мегӯянд?*
- *Боигариҳои асосии Тоҷикистонро номбар кунед.*
- *Маҳалли зисти шумо, ки як гӯшаи Тоҷикистон аст, бо чӣ фарқ мекунад?*
- *Ҷойҳои истироҳатии Тоҷикистонро номбар кунед.*
- *Шумо табиати зебои Тоҷикистонро чӣ гуна ҳифз карда метавонед?*

Намунаи тестҳо:

Ҷавобҳои дурустро интихоб кунед:

1. Тоҷикистон чӣ гуна кишвар аст?

А. Ҳамвор
Б. Кӯҳсор
В. Хунук
Г. Хушк

(Ҷавоб: Б)

2. Хусусияти табиати Тоҷикистонро муайян кунед:

А. Доимо барфу ях
Б. Ҳамеша гарм
В. Гуногун ва зебо
Г. Тамоми сол борон

(Ҷавоб: В)

3. Аз ақидаҳои зерин дурусташро интихоб кунед:

А. Дар Тоҷикистон сабзавот намерӯяд.
Б. Табиати моро гулу гиёҳҳо зебоӣ медиҳанд.
В. Баландии қуллаи Исмоили Сомонӣ 7495 метр аст.
Г. Дарёҳои Тоҷикистон аз кӯҳҳо сарчашма мегиранд.
Ғ. Дармонгоҳи Хоҷаобигарм фахри тоҷикон аст.
Д. Кӯлҳои Тоҷикистон табиати зебо надоранд.

(Ҷавоб: Б, В, Г, Ғ)

## § 2. Душанбе – пойтахти давлати мо (1 соат)

**Салоҳият:**

- Як қатор роҳу воситаи расонидани ёриро ба оила, ҷамъият ва кишвар шарҳ ва намоиш дода метавонад..

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- Душанберо ҳамчун пойтахти кишвар номбар кунанд;
- оид ба таърихи Душанбе маълумоти мухтасар диҳанд;
- ҷойҳои машҳур, зебо ва фахри миллиро дар Душанбе гӯянд;
- оид ба маркази маъмурӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва саноатӣ будани Душанбе маълумот диҳанд;
- шаҳри Душанберо аз харитаи Тоҷикистон нишон диҳанд.

**Барнома.** Душанбе – пойтахти Тоҷикистон. Мавқеи ҷойгиршавии шаҳри Душанбе дар Тоҷикистон. Пайдоиш ва таърихи шаҳри Душанбе. Душанбеи қадима ва ҳозира – фарқият. Ҷойҳои фахрии шаҳри Душанбе. Маркази маданӣ ва маърифатӣ будани шаҳри Душанбе. Кор бо матн, харита ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёт.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми таҳияи нақшаи дарс шумо аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Масъалагузориро тариқи суҳбат гузаронед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

   Саволҳо:

   – *Кадоме аз шумо шаҳри Душанберо дидаед?*
   – *Душанбе чӣ гуна шаҳр аст?*
   – *Душанбе бо чӣ машҳур аст?*
   – *Кӣ шаҳри Душанберо аз харита нишон медиҳад?*

   Атрофи ин саволҳо бо хонандагон суҳбат кунед. Фикри ҳамаи хонандагони хоҳишмандро гӯш кунед ва имконият диҳед, то хонандагон ҷавобҳои якдигарро пурра намоянд.

2) Муқоисаи расмҳо. Бо истифодаи расмҳои зерин аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ кор карда, фарқи онҳоро муайян кунанд ва фикрҳои худро пешниҳод намоянд:



*Душанбеи пешина*



*Душанбеи ҳозира*

3) Маълумот оид ба шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти давлати Тоҷикистон. Дар вақти шинос намудани хонандагон барои нишон додани хусусиятҳои шаҳр ва зебогии гулгашту хиёбонҳои он аз расми зерин истифода баред:



Барои нишон додани мавқеи шаҳри Душанбе дар Тоҷикистон аз харитаи зерин истифода баред:




4) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Рӯзе шумо ҳамроҳи ягон кас ба яке аз боғҳои пойтахт омадед. Ба шумо дар роҳ ҳар гуна хӯрданиҳои бомаза харидаанд, ки дар когазҳо печонида шуда буданд. Шумо дар боғ чӣ гуна рафтор мекунед?*
   - *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Донишҳои асосии мавзӯи имрӯзаро такрор намуда, дарсро мустаҳкам, хулоса ва ҷамъбаст кунед. Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:
   - *Душанбе пойтахти давлати Тоҷикистон аст.*
   - *Дар аввал Душанбе як деҳаи калоне буд, ки хонаҳои пасти гилин ва кӯчаҳои танг дошт.*
   - *Замоне, ки деҳаи Душанбе маркази Тоҷикистон интихоб шуд, дар ҷойи он як шаҳри замонавӣ бино ёфт.*
   - *Ҳоло Душанбе шаҳри калонтарин, маркази саноатӣ ва илмию фарҳангии Тоҷикистон аст.*
7) Хонандагонро бо суханони рӯҳбаландкунанда дастгирии мусбӣ кунед.
8) Вазифаи хонагӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мавзӯъро ҳамроҳи падару модар аз китоб хонанд ва оид ба мавзӯъ бо онҳо суҳбат кунанд. Дар вақти хондани мавзӯъ калимаҳои нофаҳмoро дар дафтар нависанд ва дарси оянда аз рафиқон ва омӯзгор пурсанд.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед.Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зеринро арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом ҷойҳои Душанберо тамошо кардаед? Дар бораи он ҳикоя кунед.*

– *Номи шаҳри Душанбе аз куҷо пайдо шудааст?*
– *Мавзеъҳои машҳури шаҳри Душанберо номбар кунед.*
– *Чаро Душанберо маркази илмию фарҳангии Тоҷикистон меноманд?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҳарфи ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Шаҳри Душанбе чӣ тавр пайдо шудааст?

А. Аз аввал шаҳр буд
Б. Аз дигар ҷо кӯчонда оварданд
В. Дар ҷойи деҳаи Сешанбе
Г. Дар ҷойи деҳаи Душанбе

(Ҷавоб: Г)

2. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед).

Ҳоло Душанбе шаҳри калонтарин ва маркази _________ фарҳангии Тоҷикистон аст.

(Ҷавоб: илмию)

3. Ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро дар ҷадвали зерин интихоб кунед:

| | | |
|---|---|---|
| ҳа | не | Номи шаҳри Душанбе аз рӯзи душанбе пайдо шудааст. |
| ҳа | не | Шаҳри Душанбе ба рӯзи душанбе алоқа надорад. |
| ҳа | не | Душанбеи пешина хонаҳои пасти гилин дошт. |
| ҳа | не | Душанбеи ҳозира шаҳри замонавӣ мебошад. |
| ҳа | не | Дар Душанбе корхонаҳои саноатӣ вуҷуд надоранд. |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: ҳа – 1,3,4; не – 2,5)

## § 3.Вилоятҳои Тоҷикистон (1 соат)

**Салоҳият:**

– Як қатор роҳу воситаи расонидани ёриро ба оила, ҷамъият ва кишвар шарҳ ва намоиш дода метавонад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- вилоятҳои Тоҷикистонро номбар кунанд;
- мавқеи ҷойгиршавии онҳоро фаҳмонанд;
- хусусияти ҳар як вилоятро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- номи вилоятеро, ки дар он зиндагӣ мекунан,д гӯянд;
- вилоятҳоро аз харитаи Тоҷикистон нишон диҳанд.

**Барнома.**Тақсимоти маъмурии Тоҷикистон – вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи марказ (НТМ). Хусусият ва мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо. Мо дар кадом вилоят зиндагӣ мекунем? Вилоятҳо дар харита. Бозӣ ва лаҳзаи дамгирӣ. Кор бо китоб, расмҳо, харитаҳо ва воситаҳои навишторӣ. Мушоҳида, таҳлил ва муҳокима. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёт.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз кор бо харитаи Тоҷикистон оғоз кунед.
   Намунаи харита:




Харитаро ба хонандагон нишон дода, гӯед, ки дар он вилоятҳои Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи марказ тасвир ёфтаанд. Онҳо бо рақамҳо ва рангҳои гуногун ишора шудаанд. Ба хонандагон номи вилоятҳоро пешниҳод намоед ва онҳоро аз харита нишон диҳед:

1. Вилояти Суғд;
2. Вилояти Хатлон;
3. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
4. Ноҳияҳои тобеи марказ.

2) Оид ба ҷойгиршавӣ ва хусусияти ҳар як вилоят ба хонандагон мухтасар маълумот диҳед. Дар вақти шиносоӣ аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

– ***Вилояти Суғд*** *дар шимоли Тоҷикистон буда, марказаш шаҳри Хуҷанд мебошад. Хуҷанд шаҳри саноатӣ ва маркази илму фарҳанг аст. Вилояти Суғд яке аз вилоятҳои тараққикардаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин вилоят корхонаҳои ресандагӣ, бофандагӣ, қолинбофӣ мавҷуданд. Кишоварзӣ ва чорводорӣ низ хуб тараққӣ кардааст. Дар ин вилоят аз меваю сабзавот, консерва, афшура ва меваҳои хушк истеҳсол мекунанд, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он машҳур аст. Ҳунарҳои кандакорӣ ва заргарӣ дар ин гӯшаи Тоҷикистон хеле хуб инкишоф ёфтаанд. Дар роҳи маркази вилояти Суғд ду нақби калонтарини Тоҷикистон - нақбҳои Истиқлол ва Шаҳристон воқеъ аст.*

– ***Вилояти Хатлон*** *дар ҷануби Тоҷикистон ҷойгир аст. Маркази вилояти Хатлон шаҳри Қӯрғонтеппа аз Душанбе 100 километр дур аст. Хатлон аз рӯйи шумораи аҳолӣ калонтарин вилояти Тоҷикистон мебошад. Шуғли асосии мардуми Хатлон кишоварзӣ ва чорводорӣ аст. Дар шаҳри Нораки вилояти Хатлон калонтарин неругоҳи барқи обии Тоҷикистон ҷойгир аст. Мавзеъҳои машҳуртарини ин вилоят мамнуъгоҳҳои «Бешаи палангон», «Даштиҷум», минтақаи истироҳатии Сарихосор, қалъаи Ҳулбук ва мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошанд.*

– ***Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*** *дар қисми шарқӣ (офтоббаро)-и Тоҷикистон ҷойгир буда, марказаш шаҳри Хоруғ аст. Бадахшон аз рӯйи масоҳат калонтарин ва аз рӯйи шумораи аҳолӣ камтарин вилояти Тоҷикистон аст. Қисми зиёди Бадахшонро кӯҳҳо ишғол кардаанд. Кӯҳҳои Помир ва кӯли Сарез диққати меҳмонони хориҷиро аз ҳама бештар ба худ ҷалб мекунанд. Ҳар сол ҳазорон нафар ба*

*тамошои ин мавзеъҳо меоянд. Бадахшон макони сангҳои қимматбаҳои лаъл ва лоҷвард аст. Ин сангҳоро на фақат дар кишвари худамон, балки ба дигар мамлакатҳо бурда, дар оро додани биноҳо ва роҳравҳо истифода мебаранд.*

– ***Ноҳияҳои тобеи марказ*** *дар гирду атрофи Душанбе ҷойгиранд. Ин ноҳияҳо аз рӯи тақсимоти ҳудуд ба маркази Тоҷикистон тобеанд. Дар ноҳияҳои тобеи марказ алюмин, тилло, ангиштсанг ва масолеҳи сохтмон истеҳсол мекунанд. Ҷойҳои машҳуртарин дар ноҳияҳои тобеи марказ Қалъаи Ҳисор, Корхонаи алюминбарории шаҳри Турсунзода, осоишгоҳҳои Хоҷаобигарм, Шоҳамбарӣ ва Обигарм мебошанд.*

Расмҳое, ки дар ҷараёни шиносоӣ бо вилоятҳо истифода бурда метавонед:



*Театри Камоли Хуҷандӣ (ш. Хуҷанд)*



*Рамзи шаҳри Қӯрғонтеппа*



*Шаҳри Хоруғ*



*Заводи алюминбарории шаҳри Турсунзода*

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Кори гурӯҳӣ – кор бо харитаи тарҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, харитаҳои тарҳиро ба онҳо тақсим кунед ва чунин супориш диҳед:
   – *Аз рӯйи харитаи боло вилоятҳоро ба харитаи тарҳӣ гузаронед ва онҳоро ранг кунед. Номи маркази вилоятҳоро нависед;*
   – *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

Намунаи харитаи тарҳии Тоҷикистон:



Барои иҷрои кор ба хонандагон вақти муайян диҳед ва баъди ба анҷом расидани вақт, муаррифии корҳоро ба роҳ монед.

5) Бозӣ – муайян кардани вилояти худ. Ба гурӯҳҳо варақаҳоро бо навиштаҷоти «Вилояти мо аст» ва «Вилояти мо нест» тақсим кунед. Шарти бозиро ба хонандагон фаҳмонед: «Ман номи вилоятҳоро бо навбат номбар мекунам. Шумо маслиҳат намуда, муайян кунед, ки ин вилояти шумо зиндагӣ мекардагӣ аст ё не. Мувофиқан варақаро бардоред!».

Намунаи варақаҳо:

| Не | Ҳа |
|---|---|

6) Мустаҳкамкунӣ ва хулосабарории дарс. Ба хотири барқарор намудани робитаи муттақобила ва мустаҳкамкунии дарс масъалаҳои асосии мавзӯи имрӯзаро аз хонандагон пурсед ва ҷавобҳои онҳоро муттаҳид карда, аз дарс хулосаҳо бароред.
   Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:
   - *Дар Тоҷикистон се вилоят: Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ мавҷуд аст.*
   - *Вилояти Суғд дар шимоли Тоҷикистон буда, марказаш шаҳри Хуҷанд аст.*
   - *Вилояти Хатлон дар ҷануби Тоҷикистон ҷойгир аст. Маркази вилояти Хатлон шаҳри Қӯрғонтеппа мебошад.*
   - *Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар қисми шарқи (офтоббарои) Тоҷикистон ҷойгир буда, марказаш шаҳри Хоруғ аст.*
   - *Ноҳияҳои тобеи марказ дар гирду атрофи Душанбе ҷойгиранд.*
7) Дарсро ҷамъбаст кунед ва меҳнати хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши вазифаи хонагӣ.
   – *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед. Ҷавоби онҳоро дар дарси оянда аз омӯзгор пурсед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Барои чӣ шаҳри Душанбе ба ягон вилоят дохил намешавад?*
- *Дар шаҳр ё ноҳияи шумо чиҳо истеҳсол мекунанд ва кадом ҷойҳои машҳур вуҷуд доранд?*
- *Вилоятҳои Тоҷикистонро номбар кунед.*
- *Марказҳои вилоятҳоро номбар кунед.*
- *Вилояте, ки шумо зиндагӣ мекунед чӣ ном дорад?*

Намунаи тестҳо:

1. Мувофиқа кунед.

Мувофиқатии вилоятҳоро бо маркази онҳо муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Суғд | А. Хоруғ |
| 2. Хатлон | Б. Хуҷанд |
| 3. Бадахшон | В. Душанбе |
| 4. НТМ | Г. Қӯрғонтеппа |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-Г; 3-А; 4-В)

2. Ҷавоби дурустро интихоб намоед.

Қалъаи Ҳулбук дар кадом вилоят ҷойгир шудааст?

А. Суғд
Б. Хатлон
В. Бадахшон
Г. НТМ

(Ҷавоб: Б)

3. Ҷумларо пурра кунед (Калимаи партофташударо ёбед).

Дар вилояти Суғд меваҳои _______ истеҳсол мекунанд, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он машҳуранд.

(Ҷавоб: хушк)

## § 4. Шуғли асосии аҳолии кишвари мо (1 соат)

**Салоҳият:**

- Як қатор роҳу воситаи расонидани ёриро ба оила, ҷамъият ва кишвар шарҳ ва намоиш дода метавонад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- хусусияти аз қадим меҳнатдӯст будани мардуми тоҷикро шарҳ диҳанд;
- оид ба шуғли асосии мардуми тоҷик маълумот диҳанд;
- аз дастранҷи мардуми Тоҷикистон намунаҳои мушаххас оранд;
- дар пешравии Тоҷикистон саҳми мардуми кишварро қайд кунанд;
- оид ба шуғли дӯстдоштаи худ иншои хурд нависанд.

**Барнома.**Тоҷикон – халқи меҳнатдӯст. Деҳқонӣ – шуғли қадимаи мардуми тоҷик. Шуғли асосии мардуми кишвар дар замони муосир. Маҳсулоти дастранҷи мардуми Тоҷикистон. Кор бо расму тасвирҳо, матн ва воситаҳои навишторӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Бозиҳои таълимӣ ва бартарафкунандаи мондашавӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳо ва маслиҳатҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз гузоштани саволҳои зерин оғоз кунед:
   - *Падар ё модари шумо дар куҷо кор мекунанд?*

– *Касби онҳоро номбар карда метавонед?*
– *Шумо боз кадом касбҳоро медонед?*
– *Дар оянда кадом касбро интихоб карданӣ ҳастед?*

Саволҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо гӯед, ки имрӯз мавзӯи дарсии мо «Шуғли асосии аҳолии кишвари мо» мебошад.

2) Шиносоӣ бо шуғли аҳолии кишвар. Хонандагонро бо хусусиятҳои касбу корҳои гуногуни мардуми Тоҷикистон шинос кунед. Дар вақти шиносоӣ аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред.

Намунаи матн, ки ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:

✓ *Аз қадимулайём мардуми Тоҷикистон меҳнатдӯст буданд. Ба шаҳру деҳоти мо нигаред. Биноҳои зебою баландошёна, коху қасрҳо, роҳу нақбҳо, корхонаҳо, неругоҳҳои бузурги оби барқӣ. Ҳамаи ин самараи меҳнати мардуми коргар аст. Оё ба бозор рафтаед? Меваю сабзавот, гӯшту ҳасиб ва дигар анвои хӯрдании фаровонро дидаед? Ҳамаи ин маҳсули кори кишоварзону чорводорон мебошад.*

✓ *Мардуми Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд.* ***Шуғли асосии мардуми мо кишоварзӣ ва чорводорӣ мебошад.*** *Дар баробари ин мардуми мо дар саноат, нақлиёт, сохтмон ва дигар соҳаҳои хоҷагӣ кор мекунанд. Бино кардани хонаҳо, таъмири роҳҳо, сохтмони нақбҳо, бунёди боғҳои дилкушо меҳнати мардуми заҳматкаши мо аст. Агар шумо боре ба самти шаҳрҳои Хуҷанд ва Кӯлоб сафар кунед, худатон мебинед, ки чӣ гуна роҳҳои ҳамвор сохта шудаанд.*

✓ *Роҳсозон дили кӯҳҳоро сӯрох карда, нақб кандаанд. Чунин нақбҳо дар Тоҷикистон зиёданд. Нақбҳо роҳи одамонро кӯтоҳ карда, бехатарии роҳро таъмин мекунанд.*

✓ *Мо дар синфхонаҳои барҳаво таҳсил карда, дониш меомӯзем, зираку доно мешавем ва дар оянда касби худро интихоб мекунем. Ин натиҷаи меҳнати устодони заҳматкаши мост.*

✓ *Агар бемор шавем, ба табибон муроҷиат мекунем. Онҳо моро табобат мекунанд. Шуғли онҳо табибӣ аст. Аз як ҷой ба ҷойи дигар ба воситаи нақлиёт зуд рафта мерасем. Ин натиҷаи кори ронандагон аст. Шумо ҳам дар оянда шуғле ё касберо интихоб карда, ба мардуми Тоҷикистон хизмат мекунед.*

Намунаи расмҳое, ки дар ҷараёни шиносоӣ аз онҳо истифода бурда метавонед:



*Фаровонӣ дар бозорҳо – дастранҷи деҳқонони мо*

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Бозӣ: «Кӣ дуруст меёбад?» - Мустаҳкамкунии дарс.

Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Дар варақаҳо касбу корҳои гуногунро нависед ва ба гурӯҳҳо диҳед. Хусусияти касбу корҳои гуногуни аҳолии кишварро ба хонандагон гӯед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки мувофиқ ба он варақаро боло бардоранд.

Ҷавобҳои хонандагонро пайгирӣ кунед ва варианти дурустро интихоб намоед. Намунаи варақаҳо:

| | | |
|---|---|---|
| Омӯзгор | Деҳқон | Коргар |
| Фермер | Ронанда | Духтур |

5) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст кунед. Барои хулосабарорӣ ба хонандагон бо саволи «Шумо имрӯз чиро омӯхтед?» муроҷиат кунед ва ҷавобҳои онҳоро шунавед. Якҷоя бо хонандагон хулосаҳои дарсро бароред.

Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:

- *Аз қадимулайём мардуми Тоҷикистон меҳнатдӯст буданд.*
- *Мардуми Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд, вале шуғли асосии мардуми мо кишоварзӣ ва чорводорӣ мебошад.*
- *Ҳамаи мардуми Тоҷикистон барои ободии кишварамон заҳмат мекашанд.*
- *Мо низ дар оянда бояд касберо интихоб намуда, барои пешравии кишварамон хизмат кунем.*

6) Дониши хонандагонро қадр кунед.
7) Супориши вазифаи хонагӣ.
   – *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед. Ҷавоби онҳоро дарси оянда аз омӯзгор пурсед;*
   – *Оид ба шуғли дӯстдоштаи худ иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

– *Меҳнатдӯст будани мардуми тоҷикро чӣ гуна исбот карда метавонед?*
– *Зироати ғалладона ва меваю сабзавот дастранҷи кадом мардуми тоҷик аст?*
– *Маҳсулоти саноатиро кӣ истеҳсол мекунад?*
– *Шахсоне, ки саломатии моро барқарор мекунанд, киҳоянд?*
– *Оид ба заҳмати омӯзгорон мисолҳо оред.*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷумларо пурра кунед (Калимаи партофташударо ёбед).

Мардуми тоҷик аз қадимулайём ____________ буданд.

(Ҷавоб: меҳнатдӯст)

2. Ҷавоби дурустро интихоб намоед.

Шуғли асосии мардуми Тоҷикистонро муайян кунед:

А. Кишоварзӣ ва чорводорӣ
Б. Касби омӯзгорӣ
В. Касби духтурӣ
Г. Касби ронандагӣ

(Ҷавоб: А)

3. Мувофиқа кунед.

Касби мардуми Тоҷикистонро бо натиҷааш мувофиқа кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Омӯзгор | А. Кашондани одамон ва бор |
| 2. Духтур | Б. Рӯёнидани ҳосил |
| 3. Деҳқон | В. Нигоҳдории саломатӣ |
| 4. Ронанда | Г. Додани дониш |

(Ҷавоб: 1-Г; 2-В; 3-Б; 4-А)

## § 5. Давлатҳои ҳамсояҳои мо (1 соат)

**Салоҳият:**

– як қатор роҳу воситаи расонидани ёриро ба оила, ҷамъият ва кишвар шарҳ ва намоиш дода метавонад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- давлатҳои ҳамсояи Тоҷикистонро номбар кунанд;
- ҷойгиршавии онҳоро (мувофиқи тарафҳои уфуқ) фаҳмонанд;
- хусусиятҳои фарққунандаи кишварҳои ҳамсояро шарҳ диҳанд;
- ҳамсояҳои Тоҷикистонро аз харита нишон диҳанд ва онҳоро дар харитаи тарҳӣ ранг кунанд.

**Барнома.** Кадом кишварҳо ҳамсояҳои моянд? Онҳо дар кадом тарафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд? Хусусияти ҳамсояҳои мо. Ҳамсояҳои мо дар харита. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Кор ба воситаҳои навишторӣ ва харитаҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - *Шумо ҳамсоя доред?*
   - *Ҳамсояҳо аз кадом тарафи шумо ҷойгиранд?*
   - *Бо кадом ҳамсоя муносибати хуб доред?*
   - *Оё кишвари мо ҳам ҳамсоя дорад?*
   - *Онҳо кадом миллатҳо мебошанд?*

   Саволҳоро муҳокима кунед ва хулосаи онҳоро бо баён кардани номи мавзӯъ анҷом бахшед – «Ҳамсояҳои кишвари мо».
2) Шиносоӣ бо ҳамсояҳои Тоҷикистон. Хонандагонро бо ҳамсояҳои мо – Афғонистон, Чин, Қирғизистон ва Ӯзбекистон шинос кунед. Хусусияти ҳар яке аз кишварҳои ҳамсояро ба таври мухтасар шарҳ диҳед. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Аз харита истифода бурда, кишварҳои ҳамсояҳоро ба хонандагон нишон диҳед. Намунаи харитаи Тоҷикистон бо тасвири ҳамсоякишварҳо:




Мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:

- *Кишварҳо ҳам мисли одамон ҳамсоя доранд. Ҳамсояҳои Тоҷикистон* ***Қирғизистон, Ўзбекистон, Афғонистон ва Чин (Хитой)*** *мебошанд.*
- ***Қирғизистон*** *монанди Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст. Пойтахти Қирғизистон шаҳри Бишкек мебошад. Дар Қирғизистон қирғизҳо, ўзбекҳо, русҳо, тоҷикон ва қазоқҳо зиндагӣ мекунанд. Шуғли асосии мардуми Қирғизистон кишоварзӣ ва чорводорӣ, бахусус гӯсфанд ва қутоспарварӣ мебошад. Дар Қирғизистон яке аз зеботарин кӯлҳо Иссиққӯл ҷойгир аст. Юрта яке аз рамзҳои Қирғизистон аст. Юрта манзили махсусест, ки қирғизҳо зиндагӣ мекунанд.*
- *Дар қисми офтобшини Тоҷикистон* ***Ҷумҳурии Ўзбекистон*** *ҷойгир аст. Пойтахташ шаҳри Тошканд мебошад. Дар Ўзбекистон дар баробари ўзбекҳо халқҳои дигар, аз ҷумла тоҷикон, русҳо, қазоқҳо, тоторҳо зиндагӣ мекунанд. Ҷумҳурии Ўзбекистон бо шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, ҳосили фаровони пахта ва меваю сабзавот машҳур аст. Шаҳрҳои қадимаи Самарқанду Бухоро дар замонҳои пеш маркази илму фарҳанги тоҷикон буданд ва баъди тақсими сарҳадҳо дар асри бистум ба ҳайати Ўзбекистон дохил шуданд.*
- *Ҳамсояи дигари Тоҷикистон* ***Ҷумҳурии мардумии Чин*** *(Хитой) дар қисми офтоббаро ҷойгир аст. Пойтахташ шаҳри Пекин мебошад. Ҷумҳурии мардумии Чин аз рӯйи шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ҷойи аввалро мегирад. Дар Хитой аввалин бор чатр, яхмос, пул (кӯпрук)-ҳои овезон, қутбнамо истеҳсол кардаанд. Пахта ва абрешимро низ аввалин бор дар Чин истеҳсол намудаанд. Коса ва табақҳои чинӣ низ номи худро аз кишвари Чин дарёфтаанд. Машҳуртарин ёдгории таърихии Хитой Девори кабири Чин аст, ки қариб 8000 км дарозӣ дорад. Ҳар сол онро миллионҳо нафар сайёҳон тамошо мекунанд.*
- ***Ҷумҳурии исломии Афғонистон*** *дар қисми ҷанубии Тоҷикистон ҷойгир аст. Пойтахти ин кишвар шаҳри Кобул мебошад. Дар Афғонистон асосан тоҷикон ва паштуҳо зиндагӣ мекунанд. Аз болои дарёи Панҷ байни Тоҷикистону Афғонистон панҷ пул (кӯпрук) сохта шудааст. Ба воситаи ин пулҳо мардуми тоҷику афғон дар мавзеъҳои наздисарҳадӣ молҳои худро савдо мекунанд.*

Расмҳое, ки дар ҷараёни шиносоӣ истифода бурдан мумкин аст:



*Юрта (хайма)-и қирғизӣ*



*Девори кабири Чин*

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Мустаҳкамкунии дарс. Дониши хонандагонро бо савол ва супоришҳои зерин мустаҳкам кунед:
    - ✓ Ҳамсояҳои Тоҷикистонро номбар кунед.
    - ✓ Онҳо дар кадом тарафи Тоҷикистон ҷойгиранд?
    - ✓ Ҳамсояҳои мо бо чӣ машҳуранд?
    - ✓ Ҳамсояҳои Тоҷикистонро аз харита нишон диҳед.
5) Кор бо харитаи тарҳӣ. Харитаҳои тарҳии пешакӣ омоданамудаи худро ба хонандагон тақсим кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳар кадом ҳамсояи Тоҷикистонро бо ранги махсус ранг кунанд. Намунаи харитаи тарҳӣ:




6) Хулосабарорӣ аз дарс. Аз хонандагон пурсед, ки аз дарси имрӯза чӣ омӯхтанд ва дар асоси ҷавобҳои онҳо хулосаҳои дарсро бароред.
    Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:
    - Ҳамсояҳои Тоҷикистон Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Чин (Хитой) мебошанд.
    - Пойтахти Қирғизистон шаҳри Бишкек, Ӯзбекистон Тошканд, Ҷумҳурии мардумии Чин (Хитой) шаҳри Пекин ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон шаҳри Кобул аст.
    - Тоҷикистон бо ҳамсояҳои худ муносибати хуб дорад ва молҳои худро бо онҳо хариду фурӯш мекунад.
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед.
8) Супориши хонагӣ:

– *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо ба дафтаратон нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- Ҳамсояҳои Тоҷикистонро номбар кунед ва пойтахти онҳоро гӯед.
- Кадоме аз кишварҳои ҳамсоя ба мисли Тоҷикистон кӯҳсор аст?
- Чин дар ҷаҳон бо чӣ машҳур аст?
- Ӯзбекистон дар кадом тарафи Тоҷикистон ҷойгир шудааст?
- Муносибатҳои савдои Афғонистон бо Тоҷикистон чӣ гуна аст?

Намунаи тестҳо:

1. Мувофиқа кунед.

Мувофиқатии кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистонро бо пойтахти онҳо муайян намоед:

| | |
|---|---|
| 1. Афғонистон | А. Тошкант |
| 2. Ӯзбекистон | Б. Пекин |
| 3. Қирғизистон | В. Кобул |
| 4. Чин (Хитой) | Г. Бишкек |

(Ҷавоб: 1-В; 2-А; 3-Г; 4-Б)

2. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед).

Дар Қирғизистон яке аз зеботарин кӯлҳо ____________ ҷойгир аст.

(Ҷавоб: Иссиққӯл)

3. Ҳарфи ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Машҳуртарин ёдгории таърихии Чин кадом аст?

А. Пойтахти Хитой
Б. Аҳолии Чин
В. Девори кабири Чин
Г. Корхонаҳои Чин

(Ҷавоб: В)

# Боби II. Ашё ва ҳодисаҳои табиати ғайризинда

## § 6. Ашёи табиӣ ва таркиби он  (1 соат)

**Салоҳият:**

– хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мафҳуми «ҷисм»-ро фаҳмонанд;
- ҷисмҳоро ба гурӯҳҳо: табиӣ, сунъӣ, зинда ва ғайризинда ҷудо кунанд;
- оид ба ҳар навъи ҷисмҳо аз табиат мисолҳо оранд;
- мафҳуми «модда»-ро шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи нақша ашёи табииро мувофиқи навъҳо гурӯҳбандӣ кунанд;
- аҳамияти ҷисмҳои зинда ва ғайризиндаро барои инсон шарҳ диҳанд.

**Барнома.** Ашёи табиӣ. Гуногунии ашёи табиӣ. Мафҳумҳои ҷисм, ва модда. Фарқияти ҷисмҳои табиӣ ва ҷисмҳои сунъӣ (бо дасти инсон сохташуда). Ҷисмҳои табиӣ: Офтоб, рустанӣ, ҳайвон, абр, санг, хок. Ҷисмҳои зинда ва ғайризинда. Фарқияти ҷисмҳои зинда ва ғайризинда. Аҳамияти ҷисмҳои зинда ва ғайризинда барои одамон – кишоварзӣ, корҳои сохтмонӣ, парвариши зироатҳои ороишӣ ва ғайра. Ба роҳ мондани муқоисаи объектҳои омӯзиш (ҷисмҳои табиӣ ва сунъӣ). Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёт.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз намоед. Ба хонандагон чунин саволҳоро метавонед пешниҳод кунед: *Ашё гуфта чиро мефаҳмед? Номи ашёҳро, ки дар атрофамон ҳаст, номбар кунед.* Дар якҷоягӣ бо хонандагон ин саволҳоро муҳокима кунед.
2) Диққати бачаҳоро ба расмҳо ҷалб намуда, онҳоро бо намудҳои гуногуни ашёҳои табиӣ ва рангу шакли онҳо шинос кунед. Оид ба истифодаи ашёи табиӣ ва сунъӣ ба хонандагон маълумот диҳед.
3) Оид ба ҷисмҳои зинда ва ғайризинда бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Аз онҳо пурсед: *Хок чӣ аст? Дар маҳаллашон кадом хокҳо вуҷуд доранд? Одамон хокро чӣ гуна истифода мебаранд?* ва ғайра. Атрофи ин масъалаҳо суҳбат намоед ва хонандагонро бо ин маълумот шинос кунед.
4) Муқоисаи ҷисмҳои зинда ва ғайризинда. Барои муқоиса аз расмҳои зерин истифода баред.



*Ашё (ҷисм)-ҳои табиӣ*



*Ашё (ҷисм)-ҳои сунъӣ*

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ кор кунанд ва маслиҳат намуда, нақшаи зеринро тасвир намоянд. Аз рӯйи хусусиятҳо фарқияти ҷирмҳои осмонӣ, ҷисмҳои заминӣ, зинда ва ғайризиндаро муайян кунанд. Кори якчанд дунафараи хоҳишмандонро шунавед ва донишҳои хонандагонро оид ба ин масъала пурра кунед.




6) Донишҳои асосии мавзӯъро тариқи саволу ҷавоб мустаҳкам кунед.
7) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст намоед. Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:
   - *Ҳамаи ашёе, ки моро иҳота кардаанд, ҷисм ном доранд.*
   - *Ҷисмҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: табиӣ ва сунъӣ.*
   - *Ҷисмҳои табиӣ зинда ва ғайризинда мешаванд.*
   - *Ҷисмҳои зинда ғизо мегиранд, инкишоф меёбанд, насл медиҳанд, зиёд мешаванд ва мемиранд.*
   - *Ҷисмҳо аз моддаҳо ташкил ёфтаанд.*
8) Дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш барои хона:
   – Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед. Маънои ин калимаҳоро дарси оянда аз ҳамсинфон ва омӯзгор пурсед.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

– *Ҷисм чист?*
– *Доир ба ҷисмҳои табиӣ ва сунъӣ мисолҳо оред.*
– *Оид ба ҷисмҳои зинда ва ғайризинда мисолҳо оред.*
– *Ҷисмҳои зинда кадом хусусиятҳоро доранд?*
– *Модда чист?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Кадоме аз ин ҷисмҳоро одам сохтааст?

А. Ситора
Б. Дарахт
В. Қалам
Г. Гурба

(Ҷавоб: В)

2. Ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро интихоб кунед.

Ҷисмҳои табииро дар ҷадвали зерин муайян намоед:

| | | |
|---|---|---|
| ҳа | не | хона, автомобил, радио |
| ҳа | не | дарахт, санг, ҳайвон |
| ҳа | не | об, хок, ҳаво, абр |
| ҳа | не | либос, пойафзол, миз |
| ҳа | не | себ, нок, шафтолу, ангур |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: ҳа-2,3,5; не-1,4)

3. Мувофиқа намоед.

Ҷисмҳои табиӣ ва сунъиро муайян кунед:

1. Ҷисмҳои сунъӣ
2. Ҷисмҳои табиӣ

А. Дарахт
Б. Радио
В. Китоб
Г. Гиёҳ
Ғ. Моҳтоб

(Ҷавоб: 1-Б,В; 2-А,Г,Ғ)

## § 7. Ҷинсҳои кӯҳӣ

**Салоҳият:**

– хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- баъзе ҷинсҳои кӯҳиро номбар кунанд;
- хусусияти онҳоро шарҳ диҳанд;
- оид ба мафҳумҳои минерал, шпати даштӣ, квартс, оҳаксанг, хоросанг, ангиштсанг, кварсит, қум, рег, гил, торф, абрақ ва ғайра маълумоти ибтидоӣ диҳанд;
- бо истифодаи нақша ҷинсҳои кӯҳиро гурӯҳбандӣ намоянд.

**Барнома.**Ҷинсҳои куҳӣ. Гуногунии ҷинсҳои кӯҳӣ аз рӯйи хусусиятҳо. Фарқияти ҷинсҳои кӯҳии сахт аз ҷинсҳои кӯҳии нарм. Истифодаи ҷинсҳои кӯҳӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ. Аҳамияти ҷинсҳои кӯҳӣ барои одамон. Ба роҳ мондани муқоисаи объектҳои омӯзиш: ҷинсҳои кӯҳии сахт ва нарм. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз намоед. Ба хонандагон чунин саволҳоро метавонед пешниҳод кунед: *Шумо сангро мешиносед? Онро дар куҷоҳо дучор омадан мумкин аст? Аз рӯйи ранг ва шакл онҳо чӣ гуна мешаванд?* Дар якҷоягӣ бо хонандагон ин саволҳоро муҳокима кунед.
2) Диққати бачаҳоро ба расмҳои зерин ҷалб намуда, онҳоро бо намудҳои гуногуни сангҳои табиӣ ва рангу шакли онҳо шинос кунед. Оид ба истифодаи санг (қум, рег, сангҳои қиматбаҳо) ба хонандагон маълумот диҳед.

Расми ҷинсҳои кӯҳӣ барои истифода:



Ҷинси кӯҳии сахт (мармар)



Ҷинси кӯҳии нарм (рег)

3) Бозӣ – лаҳзаи дамгирӣ. Ба хотири бартараф намудани хастагии хонандагон, интихобан ягон бозӣ гузаронед.
4) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки нақшаи зеринро дар дафтарашон тасвир намоянд ва бо истифода аз матн онро пур кунанд. Аз гурӯҳҳои хоҳишманд баррасии корашонро пурсон шавед. Намунаи нақша:




Намунаи матн барои кори гурӯҳии хонандагон:

*Дар рӯйи замин қабати хок хобидааст, ки дар он рустаниҳо мерӯянд, кирмҳо ва ҳашаротҳо зиндагӣ мекунанд. Дар зери қабати хок ҷинсҳои кӯҳӣ ҷойгиранд. Ба ҷинсҳои кӯҳӣ – қум, гил, оҳаксанг, ангиштсанг ва ғайраҳо дохил мешаванд. Онҳо қабат-қабат ҷойгир шудаанд. Ҷинсҳои кӯҳии зеризаминӣ аз якчанд сантиметр то даҳҳо метр ғафс мешаванд.*

*Ҷинсҳои кӯҳӣ моддаҳои сахту ковоке мебошанд, ки қишри замин (пӯсти замин) аз онҳо ташкил ёфтааст. Гарчанде «ҷинсҳои кӯҳӣ» гӯянд ҳам, ин ҷинсҳо на фақат дар кӯҳҳо, балки дар ҳамвориҳо зери қабати хок низ дида мешаванд.*

*Ҷинсҳои кӯҳӣ ду хел мешаванд: ҷинсҳои кӯҳии сахт ва ҷинсҳои кӯҳии нарм (ковок). Ба ҷинсҳои кӯҳии сахт оҳаксанг, хоросанг, ангиштсанг ва ғайра дохил мешаванд. Ҷинсҳои кӯҳии нарм – қум, рег, гил, торф ва ғайра мебошанд. Ин ҷинсҳоро ба осонӣ бо даст шикастан ё майда кардан мумкин аст.*

*Ҷинсҳои кӯҳӣ аз минералҳои ҷудогона иборат мебошанд. Масалан, ҷинси кӯҳии хоросанг аз се минерали гуногун – шпати даштӣ, квартс ва абрақ иборат аст. Ҷинси кӯҳии нарм – қум аз донаҳои квартс, шпати даштӣ ва дигар минералҳо иборатанд.*

*Бисёр ҷинсҳои кӯҳӣ танҳо аз як минерал иборатанд. Масалан, оҳаксанг фақат аз калсит ва қуми тозаи квартс танҳо аз квартс иборат мебошанд.*

*Баъзе минералҳо дар табиат хеле кам дучор мешаванд ва ҷинсҳои кӯҳӣ ба шумор намераванд. Масалан, тилло, алмос ва ғайра.*

*Ҳамаи ҷинсҳои кӯҳӣ ва минералҳое, ки одам онҳоро истифода мебарад, канданиҳои фоиданок номида мешаванд.*

5) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст кунед.
6) Дониши хонандагонро қадр намоед ва супориши хонагӣ диҳед.
7) Супориш ба хона:
   - Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтар нависед. Маънои онҳоро дарси оянда аз омӯзгор пурсед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- Ҷинси кӯҳӣ гуфта чиро меноманд?
- Чанд хели ҷинсҳои кӯҳиро медонед?
- Аз ҷинсҳои кӯҳии нарм (ковок) мисол оред.
- Аз ҷинсҳои кӯҳии сахт мисол оред.
- Ҷинсҳои кӯҳӣ аз чӣ ташкил ёфтаанд?
- Аз ҷинсҳои кӯҳӣ мисолҳо оред, ки аз як ё якчанд минералҳо иборат бошанд.
- Кандании фоиданок гуфта чиро меноманд?

Намунаи тестҳо:

1. Мувофиқа кунед (ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед)

Мафҳумҳоро бо шарҳашон мувофиқ гузоред:

| | |
|---|---|
| 1. Ҷинсҳои кӯҳӣ | А. Ҷинсҳои кӯҳӣ ва минералҳое, ки одам истифода мебарад; |
| 2. Минералҳо | Б. Ҷинсҳои сахт ва ковоке, ки пӯсти заминро ташкил додаанд; |
| 3. Канданиҳои фоиданок | В. Қисмҳои таркибии ҷинсҳои кӯҳӣ ё моддаҳои мустақил. |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-В; 3-А)

Ҷавобҳои дурустро интихоб кунед:

2. Ҷинси кӯҳии сахтро ёбед:
   А. Қум
   Б. Оҳаксанг
   В. Гил
   Г. Сангреза
   (Ҷавоб: Б)

3.Ҷинси кӯҳии ковокро ёбед:
   А. Ангиштсанг
   Б. Квартсит
   В. Гил
   Г. Гранит
   (Ҷавоб: В)

4. Аз ақидаҳои зерин, дурусташро интихоб кунед:
А. Ҷинсҳои кӯҳӣ танҳо дар кӯҳҳо мавҷуданд.
Б. Ҷинсҳои кӯҳӣ дар ҳамвориҳо ҳам вуҷуд доранд.
В. Пӯсти замин аз ҷинсҳои кӯҳӣ ташкил ёфтааст.
Г. Ҷинсҳои кӯҳӣ аз минералҳо иборатанд.
Ғ. Ангиштсанг минерал аст.
Д. Алмос ва тилло ҷинси кӯҳӣ мебошанд.

(Ҷавоб: Б,В,Г)

## § 8. Хок чист? (1 соат)

**Салоҳият:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- тарзи ҳосил шудани хокро ба таври оддӣ гӯянд;
- қабатҳои хокро аз рӯйи нақша нишон диҳанд;
- сабаби ҳосилхез ва беҳосил будани хокро фаҳмонанд;
- тарзи ҳосилхез кардани заминро бо мисолҳо шарҳ диҳанд;
- таҷриба гузаронида, таркиб ва хусусиятҳои хокро муайян кунанд.

**Барнома.** Гуногунии ашёи табиӣ. Ҷинсҳои кӯҳӣ. Хок ва хусусиятҳои он. Фарқияти санг аз хок. Коркарди хок. Аҳамияти хок барои одамон – кишоварзӣ, корҳои сохтмонӣ, парвариши зироатҳои ороишӣ ва ғайра. Хокҳои маҳалли худ ва истифодаи онҳо. Гузаронидани таҷриба барои муайян кардани таркиби хок. Истифодаи чистон барои муайян кардани объекти омӯзиш. Истифодаи матн ва расмҳо. Мушоҳида ва таҳлили объектҳои омӯзиш. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим:**

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз намоед. Ба хонандагон чунин саволҳоро метавонед пешниҳод кунед:
   – *Шумо хокро мешиносед?*
   – *Онро дар кӯчаҳо дучор омадан мумкин аст?*
   – *Ба фикри шумо хок барои чӣ ба инсон лозим аст?*

   Дар якҷоягӣ бо хонандагон ин саволҳоро муҳокима кунед.
2) Шиносоиро бо хок аз ёфтани чистон оғоз кунед.

   *Сару даҳон надорад,*
   *Обу алаф мехурад.* (Ҷавоб: хок)
3) Оид ба хок бо хонандагон маълумот диҳед. Ҳангоми шинос намудани хонандагон аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Шиносоиро ба тариқи суҳбат ба роҳ монед. Мазмуни маълумоти ба хонандагон пешниҳодшаванда чунин буда метавонад:

✓ *Аз боқимондаҳои пӯсидаи рустанӣ ва ҳайвонот пору ҳосил мешавад. Хок аз ҳисоби гил, қум ва пору ҳосил мешавад. Қабати болоии ҳосилхези заминро хок меноманд.*

✓ *Ҳайвонҳое, ки дар хок зиндагӣ мекунанд (кирми лойхурак, ҳашаротҳо, кирминаи онҳо, кӯрмуш ва г.), рустаниҳоро хӯрда, ҳазм мекунанд. Боқимондаи хӯроки онҳо аз рӯда ба хок афтида, пору мешавад ва хокро ҳосилхез мекунад.Дар хок,инчунин майдатарин организмҳо (микроорганизмҳо) зиндагӣ мекунанд. Микроорганизмҳо моддаҳои пӯсидаи хокро боз ҳам бештар мепӯсонанд. Аз моддаҳои пӯсида (пору) намакҳое ҳосил мешаванд, ки барои ғизогирии растаниҳо заруранд.*

- ✓ *Хок хосияти обгузаронӣ, ҳавогузаронӣ ва ҳосилхезӣ дорад.*
- ✓ *Коркарди хок барои захира кардан ва нигоҳ доштани намии хок ёрӣ расонида, алафҳои бегона ва ҳашаротҳои зарарнокро нобуд мекунад ва хокро ҳосилхез мегардонад.*

Намунаи расмҳо барои истифода:




*Қабатҳои хок*





*Олоти дастӣ ва техникии коркарди хок*

4) Таҷриба. Маводди лозимиро барои гузаронидани таҷриба омода намоед. Хонандагонро ба таҷрибагоҳ даъват кунед ва ҳангоми гузаронидани таҷриба бехатарии онҳоро таъмин намоед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷараёни таҷрибаро бодиққат мушоҳида кунанд ва дар хотир гиранд.

   Таҷрибаро чӣ тавре, ки дар расм тасвир ёфтааст, гузаронед:



   Қадамҳо:

1. *Аз полиз каме хок гирифта, ба косачаи оҳанин андозед ва онро гарм кунед (нигаред ба расм).* Аз хонандагон пурсед: Чиро мушоҳида кардед?
2. *Ба болои хоки гарм шудаистода пораи шишаро нигоҳ доред (нигаред ба расм).* Аз хонандагон пурсед: Чиро мушоҳида кардед?
3. *Гармкуниро то сӯхтани хок давом диҳед.* Чиро мушоҳида ва ҳис кардед?
4. *Кулӯхмайдаро ба зарфи обдор андозед.* Чиро мушоҳида кардед?

Якҷоя бо хонандагон натиҷаи таҷрибаҳоро муайян кунед ва бо онҳо муҳокима намоед.

**Эзоҳ.**Омӯзгор бояд пешакӣ барои гузаронидани таҷриба тайёрӣ бинад. Ба хотири бехатарии хонандагон ба онҳо иҷозат надиҳед, ки дар танҳоӣ ин таҷрибаро гузаронанд.

5) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст намоед.
6) Дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед. Супориш ба хона:
   - *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Хок аз чӣ ҳосил мешавад?*
- *Таърифи хокро гӯед.*
- *Пору чист?*
- *Рангҳои хокро номбар кунед. Дар маҳалли шумо кадом намудҳои хок ҳаст?*
- *Хосиятҳои асосии хокро номбар кунед.*
- *Коркарди хок барои чӣ лозим аст?*

Намунаи тестҳо:

Ҷавобҳои дурустро интихоб кунед.

1. Хок дар натиҷаи майдашавии кадоме аз ашёи зерин пайдо шудааст?

А. Гил
Б. Ҷинсҳои кӯҳӣ
В. Пору
Г. Коғаз

(Ҷавоб: Б)

2. Таркиби хок аз чӣ иборат аст?

А. Танҳо аз пору
Б. Санг ва об
В. Гил, кум, пору, об ва ҳаво
Г. Ҷинсҳои кӯҳӣ ва пору

(Ҷавоб: В)

3. Ҳосилхезии хок бештар аз чӣ вобастагӣ дорад?

А. Аз миқдори ҳавои таркиби хок
Б. Аз миқдори поруи таркиби хок
В. Аз миқдори оби таркиби хок
Г. Аз сангрезаҳои таркиби хок

(Ҷавоб: Б)

4. *Ҷумларо пурра кунед* (калимаи партофташударо ёбед):

Аз намудҳои хок серҳосилтаринаш _____________ мебошад.

(Ҷавоб: сиёҳхок)

## § 9.Чаро сатҳи Замин дар ҳама ҷо якхела нест?

**(1 соат)**

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мафҳуми «релеф»-ро шарҳ диҳанд;
- шаклҳои асосии релефро номбар кунанд;
- хусусияти ҳар як шакли релефро фаҳмонанд;
- аз рӯйи хусусиятҳо шаклҳои релефро аз ҳам фарқ кунанд;
- аз диаграмма истифода бурда, теппа ва кӯҳро муқоиса кунанд.

**Барнома.** Дарси мазкур давоми маълумоти аз синфи 2 гирифтаи хонандагон буда, дониши хонандагонро оид ба шаклҳои релеф мукаммал мегардонад.

Сатҳи замин. Гуногунии сатҳи замин - ҳамворӣ, чарӣ, тепа, кӯҳ. Релеф чист? Унсурҳои ташкилкунандаи релеф. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо матн, воситаҳои навиштори ва расму тасвирҳо.Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз намоед. Ба хонандагон чунин саволҳоро метавонед пешниҳод кунед:
   – *Оё шумо кӯҳ ва чариро дидаед?*
   – *Ҳамвор аз ноҳамвор чӣ фарқ дорад?*
   – *Онро дар куҷоҳо дучор омадан мумкин аст?*

   Дар якҷоягӣ бо хонандагон ин саволҳоро муҳокима кунед.
2) Аз рӯйи нақшаи зерин дар бораи мавзӯи нав ба хонандагон каме маълумот диҳед.




Дар вақти баёни мавзӯъ аз расмҳои зерин истифода баред:



Ҳамвории теппадор



Кӯҳ



Қаторкӯҳ



Ҷарӣ




Қисмҳои теппа

3) Кори гурӯҳӣ бо истифодаи диаграммаи Венн. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва супориш диҳед, ки теппаро бо кӯҳ муқоиса намоянд. Супориш ба гурӯҳҳо:
   - *Аз диаграммаи зерин истифода бурда, фарқият ва умумияти теппа ва кӯҳро муайян кунед;*
   - *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед*.

   (Бо нақша чунин кор кардан лозим аст: аломату хусусиятҳои теппа дар тарафи чап, кӯҳ дар тарафи рост ва ҷиҳатҳои монандии онҳо дар мобайн навишта мешавад).




4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хулосаҳои худро оид ба кори анҷомдодашуда гӯянд.

Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:

- ✓ *Мавзеъҳои фарохи сатҳи Заминро, ки то 200 метр баландӣ доранд, ҳамворӣ меноманд.*
- ✓ *Заминро аз ҷарӣ шудан эҳтиёт кардан лозим аст.*
- ✓ *Теппа аз 10 то 200 метр баландӣ дорад.*
- ✓ *Кӯҳ аз маҳалли атроф хеле баланд мебошад.*
- ✓ *Ҳар як кӯҳ ба мисли теппа домана, нишебӣ ва қулла дорад.*
- ✓ *Кӯҳҳо бо ҳам пайваст шуда, қаторкӯҳҳоро ба вуҷуд меоранд.*

5) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
6) Супориши вазифаи хонагӣ.

*Матни китоби дарсиро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед.*
– *Бо аҳли оилаатон оид ба мавзӯи имрӯза саволу ҷавоб кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Чӣ гуна мавзеъҳоро ҳамворӣ меноманд?*
- *Ҳамвории теппадор аз ҳамвории тахт чӣ фарқ дорад?*
- *Пайдоиш ва пешгирии ҷариро фаҳмонед.*
- *Теппа чист? Қисмҳои теппаро номбар кунед.*
- *Кӯҳ чист? Баландии кӯҳҳо то чанд метр буда метавонад?*
- *Мафҳуми қаторкӯҳро шарҳ диҳед.*
- *Чаро дар кӯҳҳо корҳои хоҷагидорӣ душвор аст?*

Намунаи тестҳо:

1. Теппа ва кӯҳ аз кадом қисмҳо иборатанд?
   А. Домана, нишебӣ, қулла
   Б. Соҳил, баландӣ, нӯг
   В. Қулла, водӣ, нишебӣ
   Г. Хок, сангреза, домана

(Ҷавоб: А)

2. Кадоме аз ин шаклҳои релеф бештар барои кишту кор истифода мешавад?
   А. Теппа
   Б. Ҷарӣ
   В. Ҳамворӣ
   Г. Кӯҳ

(Ҷавоб: В)

3. Ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро интихоб кунед.
   Чӣ тавр пайдоиши ҷариро пешгирӣ мекунанд?

| | | |
|---|---|---|
| ҳа | не | Соҳилҳои ҷариро шудгор мекунанд |
| ҳа | не | Дарахту буттаҳои атрофро мебуранд |
| ҳа | не | Дарғот месозанд |
| ҳа | не | Бутта ва дарахт мешинонанд |
| ҳа | не | Ҷариро пешгирӣ карда намешавад |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: ҳа-1,3,4; не-2,5)

## § 10. Гардиши об дар табиат  (1 соат)

**Салоҳият:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- нақши обро барои табиат ва мавҷудоти зинда фаҳмонанд;
- қувваҳоеро, ки обро дар табиат ба гардиш медароранд, таҳлил кунанд;
- хусусияти баамалоии гардиши хурд ва калони обро шарҳ диҳанд;
- раванди баамалоии гардиши обро аз рӯйи нақша нишон диҳанд;
- аҳамияти гардиши обро барои табиат фаҳмонанд.

**Барнома.**Аҳамияти об дар табиат. Гардиши об дар табиат. Гардиши хурди об ва гардиши бузурги об. Аҳамияти об дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон. Кор бо расму тасвирҳо, матн ва ҷадвал. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед:

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оғоз намоед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:
   – *Дар ҳаёти ҳаррӯза шумо обро чӣ гуна истифода мебаред?*
   – *Чаро «Бе об ҳаёт нест» мегӯянд.*
2) Кор бо расм. Расми “Гардиши об дар табиат”-ро ба хонандагон нишон диҳед ва аз рӯйи он масъалагузорӣ кунед. Саволҳо:
   – *Дар расм чиро дида истодаед?*
   – *Тирчаи кабуди ба боло ҳаракаткунанда чиро ифода карда истодааст?*
   – *Тирчаи ба поён ҳаракаткунанда чӣ?*
   – *Нақши Офтоб аз чӣ иборат аст?*
   – *Бо абрҳо чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст?*
   – *Аз қуллаи кӯҳҳо чӣ ҷорӣ шуда истодааст?*
   – *Оби ҷоришуда ба куҷо рехта истодааст?*



Аз рӯйи расм хонандагонро бо ҷараёни баамалоии ҳодисаи гардиши об дар табиат шинос намоед.

3) Лаҳзаи дамгирӣ. Ба ихтиёри омӯзгор.
4) Масъалаҳои асосии мавзӯъро тариқи саволу ҷавоб бо хонандагон муҳокима намуда, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
5) Дарсро ҷамъбаст намуда, хонандагонро барои иштироки фаъолонаашон дастгирии мусбӣ кунед.
6) Супориш ба хона.
   – *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед (дарси оянда аз омӯзгор пурсед).*
   – *Дар хона бо падару модаратон оид ба мавзӯъ суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Замин дорои кадом захираҳои обӣ мебошад?*
- *Хосиятҳои обро шарҳ диҳед.*
- *Гардиши хурди об чист?*
- *Гардиши калони обро шарҳ диҳед.*
- *Кадом қувваҳо обро дар табиат ба гардиш медароранд?*
- *Аҳамияти гардиши об дар табиатро шарҳ диҳед.*

Намунаи тестҳо:

***Ҷумлаҳоро пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):***

1. Агар об аз баҳру уқёнусҳо бухор шуда, боз ба баҳру уқёнусҳо резад, ин гардиши ___________ об аст. (Ҷавоб: хурди)

2. Агар об аз баҳру уқёнусҳо бухор шуда, ба хушкӣ резад ва роҳи дуру дарозро тай намуда, ба оби уқёнусу баҳрҳо ҳамроҳ шавад, инро гардиши ____________ об меноманд.
(Ҷавоб: бузурги)

## § 11. Обҳои хушкӣ (1 соат)

**Салоҳият:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд;

- хусусияти обҳои зеризаминиро шарҳ диҳанд;
- қисмҳои дарёро номбар кунанд ва аз рӯйи нақша нишон диҳанд;
- хусусияти кӯл ва обанборҳоро гӯянд;
- аз рӯйи хусусиятҳо дарёро аз кӯл фарқ кунанд;
- аҳамияти обҳои зеризаминӣ, дарё ва кӯлҳоро фаҳмонанд.

**Барнома.** Обҳои зеризаминӣ.Чашма. Пайдоиши чашма. Хусусияти шифобахшии обҳои минералӣ. Дарё. Аҳамияти дарёҳо барои табиат ва ҳаёти инсон. Кӯл. Кӯли табиӣ ва кӯли сунъӣ. Обанбор. Кори об. Шаршара. Аҳамияти об дар ҳаёти инсон. Кор бо расмҳо ва матн. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Тасвири объекти омӯзиш. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим:**

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оғоз намоед. Саволҳо:
   - *Оё шумо чашмаро дидаед?*
   - *Агар дидаед, дар куҷо?*
   - *Дарё чист?*
   - *Кӯл аз дарё чӣ фарқ дорад?*

   Дар атрофи саволҳо бо хонандагон муҳокимаронӣ кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед.
2) Шиносоӣ бо маълумоти мавзӯъ. Аз расмҳои зерин истифода бурда, хонандагонро бо хусусиятҳои чашма, дарё, кӯл ва обанборҳо шинос кунед:






Дарёи ҳамворӣ



Дарёи кӯҳӣ



Дарё ва қисмҳои он



*Шаршара*



*Кӯли табиӣ*

Аҳамияти обҳои зеризаминӣ, дарё ва кӯлҳоро ба хонандагон фаҳмонед. Хусусан ба аҳамияти энергетикии дарёҳо зиёдтар диққат диҳед.

3) Кори гурӯҳӣ бо истифодаи воситаҳои навишторӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид кунед. Гурӯҳбандӣ ба ихтиёри омӯзгор. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
   - ✓ *Матнро оид ба кори об хонед ва фикрҳоятонро дар нақша тасвир намоед;*
   - ✓ *Коратонро ба ҳамсинфон рӯйнамо кунед.*

Намунаи нақша барои кори гурӯҳӣ:

| Вайронкориҳои об | Ободкориҳои об |
|---|---|
| | |

Матн барои кори гурӯҳӣ:

**_Кори об._**

*Об метавонад дар табиат корҳои зиёде кунад. Об аз сатҳи замин хокро шуста, чуқур мекунад ва бо гузашти солҳо дар сатҳи замин ҷарӣ пайдо мешавад. Ҷарӣ сол то сол чуқур, васеъ ва дароз мешавад.*

*Селобҳои кӯҳӣ шаршараҳоро ба вуҷуд оварда, на фақат ҷинсҳои ковок, балки харсангҳои калонро кофта вайрон мекунанд ва дар кӯҳҳо дараҳо пайдо мешаванд.*

*Ҳангоми ба қаъри замин заҳидан об кори худро давом медиҳад. Он аз байни қабатҳои замин ба худ роҳ кушода, баъзе ҷисмҳои сари роҳашро маҳлул мекунад ва ғорҳоро ба вуҷуд меорад.*

*Об на фақат вайронкор аст. Он метавонад созанда ҳам бошад. Ҷинсҳои шустаро оварда, дар поёноби дарё ҷазираҳоро ба вуҷуд меорад. Оби дарё ҳангоми обхезии баҳорӣ лойқаи ҳосилхез меорад, ки дар он рустаниҳо хуб нашъунамо меёбанд.*

4) Бо тариқи саволу ҷавоб дониши хонандагонро оид ба дарси имрӯза мустаҳкам кунед. Баъзе дарё ва кӯлҳоро аз харита нишон диҳед.

5) Якҷоя бо хонандагон хулосаҳои дарсро бароред. Хулосаҳои имконпазири дарс чунин буда метавонанд:
   - *Оберо, ки аз сатҳи замин поён ҷойгир шудааст, обҳои зеризаминӣ меноманд.*
   - *Обҳои зеризаминиеро, ки дар таркибашон ба миқдори зиёд намакҳои гуногун маҳлул шудааст, обҳои минералӣ номида мешаванд.*
   - *Обе, ки дар сатҳи хушкӣ ҷорӣ аст, дарёро ташкил медиҳад.*
   - *Кӯл пастхамии табиии аз об пуршуда аст. Кӯлҳо равон ва норавон мешаванд.*
   - *Обанборҳоро одамон бо мақсади сохтани НБО ва обёрӣ кардани заминҳо месозанд.*
   - *Об метавонад вайронкор ва созанда бошад.*
6) Дарсро ҷамъбаст ва дониши хонандагонро қадр кунед.
7) Супориши хонагӣ.
   – *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед.*
   – *Оид ба дарё ва кӯлҳо бо аҳли оила суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣкарда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
– *Кадом обҳоро обҳои зеризаминӣ меноманд?*
– *Пайдо шудани чашмаро шарҳ диҳед.*
– *Барои чӣ баъзе чашмаҳоро шифобахш меноманд?*
– *Оби дарёҳоро бо кадом мақсад истифода мебаранд?*
– *Кӯл чист ва он чанд хел мешавад?*
– *Бо кадом мақсад одамон обанборҳои сунъӣ месозанд?*
– *Оид ба харобкорӣ ва созандагии об мисол оред.*

Намунаи тестҳо:

1. Мувофиқа кунед (ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).
Ҷинсҳои обгузарон ва обнагузаронро муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Ҷинсҳои обгузарон | А. Гил |
| 2. Ҷинсҳои обнагузарон | Б. Сангреза |
| | В. Хок |
| | Г. Қум |

(Ҷавоб: 1-Б,В,Г; 2-А)

2. Ҷавоби дурусти «ҳа» ё «не»-ро интихоб кунед.
Чӣ гуна обро оби минералӣ меноманд?

| | | |
|---|---|---|
| ҳа | не | Обе, ки дар таркибаш лой дорад |
| ҳа | не | Обе, ки дар таркибаш намакҳои гуногун дорад |
| ҳа | не | Обе, ки дар таркибаш газҳои гуногун дорад |
| ҳа | не | Обе, ки дар таркибаш қум дорад |
| ҳа | не | Обе, ки хусусияти шифобахшӣ дорад |

(Ҷавоб: аз боло ба поён, ҳа-2,3,5; не-1,4)

3. Ақидаҳои дурустро интихоб кунед:
А. Обе, ки дар сатҳи хушкӣ ҷорӣ аст, дарё номида мешавад.
Б. Одамон оби дарёро барои корҳои гуногун истифода мебаранд.
В. Одамон аз оби дарёҳо истифода намебаранд.
Г. Кӯл пастхамии табиии аз об пуршуда аст.
Ғ. Оби ҳамаи кӯлҳо равон мебошад.

Д. Обанбор кӯли сунъиест, ки онро одамон сохтаанд.

(Ҷавоб: А,Б,Г,Д)

4. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед):

Об на фақат вайронкор аст, вай метавонад ____________ ҳам бошад.

(Ҷавоб: созанда ё ободкор)

## § 12.Ҳаво, таркиб ва хосиятҳои он (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мафҳуми «атмосфера»-ро шарҳ диҳанд;
- хусусияти паҳншавии ҳаворо дар табиат фаҳмонанд;
- газҳо ва омехтаҳои таркиби ҳаворо номбар кунанд;
- хосиятҳои ҳаворо гӯянд;
- аҳамияти ҳаворо барои табиат шарҳ диҳанд;
- оид ба мазмуни мавзӯъ кори амалӣ иҷро кунанд.

**Барнома.** Ҳаво. Аҳамияти ҳаво. Хосият ва таркиби ҳаво. Атмосфера. Гази оксиген. Гази карбонат. Омехтаҳои таркиби ҳаво. Кори амалӣ – муайян кардани миқдори газҳои таркиби атмосфера. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёт. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Бозиҳо. Кор бо мант, ҷадвал ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз ангезиши зеҳн оғоз кунед. Ба хонандагон бо саволҳо муроҷиат кунед ва атрофи онҳо каме муҳокимарониро ба роҳ монед. Метавонед чунин саволҳоро ба хонандагон пешниҳод намоед:
   - *Барои чӣ мо нафас мекашем?*
   - *Мо чиро нафас мекашем?*
   - *Оё одам бе ҳаво зиста метавонад?*
   - *Чаро не?*
   - *Ҳаворо чӣ ифлос мекунад?*
2) Дар бораи ҳаво, хосияти ҳаво ва таркиби он маълумоти мухтасарро ба хонандагон пешниҳод намоед. Оид ба ҳиссаи газҳои таркиби атмосфера – нитроген, оксиген ва карбон маълумот диҳед. Аз расмҳои дастрас ва ашёҳои дар синф буда истифода баред. Барои муайян кардани хосиятҳои ҳаво расмҳои зеринро истифода бурда метавонед:



*Зарфи ба об чаппа ғӯтонидашуда*



*Чархи автомобил*

3) Кори амалӣ. Нақша (диаграмма)-и зеринро ба хонандагон пешниҳод карда, хоҳиш кунед, ки онро аз рӯйи супориш пур кунанд.
Супориш:
   – Гази нитроген, оксиген ва карбонат ба таркиби ҳаво дохил мешаванд. Дар ҳиссаҳои доира ҷойи ҳар кадоми онҳоро муайян кунед ва номашро нависед.

Намунаи диаграмма:



4) Бо саволу ҷавоб дониши хонандагонро оид ба мавзӯъ мустаҳкам намоед.
5) Якҷоя бо хонандагон хулосаҳои дарсро бароварда, таассуроти онҳоро аз дарс пурсон шавед. Хулосаҳои дарс метавонанд чунин бошанд:
   ✓ *Заминро аз ҳама тараф қабати ғафси ҳаво печонда гирифтааст, ки онро атмосфера меноманд.*
   ✓ *Қабати ғафси ҳаво ранг дорад. Ранги кабуди осмон – ин қабати ғафси ҳавоест, ки Офтоб онро равшан кардааст.*
   ✓ *Ҳаво хосиятҳои зиёд дорад: ишғоли ҷой, фишурдашавӣ ва васеъшавӣ, гармигузаронӣ, ба боло ҳаракат кардан – хосиятҳои ҳаво мебошанд.*
   ✓ *Таркиби ҳаво аз газҳои зиёд иборат аст. Газҳои асосии таркиби ҳаво - нитроген, оксиген ва карбон мебошанд.*

6) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   - *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед (дарси оянда аз омӯзгор маънои онҳоро пурсед).*
   - *Оид ба истифодаи ҳаво дар оилаатон маълумоти хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Атмосфера чист?*
- *Паҳншавии ҳаворо дар табиат шарҳ диҳед.*
- *Чаро ба назари мо осмон кабуд менамояд?*
- *Хосиятҳои ҳаворо шарҳ диҳед.*
- *Таркиби ҳаво аз кадом газҳо иборат аст?*
- *Кадом омехтаҳои таркиби ҳаворо номбар карда метавонед?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби нодурустро интихоб кунед.

Хосиятҳои ҳаво чунинанд:

А. Берангӣ ва шаффофӣ
Б. Васеъ ва фишурдашавӣ
В. Сахтии ҳаво
Г. Гармигузаронӣ

(Ҷавоб: В)

2. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Ба зарфи чаппа ғӯтонидашуда, об намедарояд. Сабаб дар чист?

А. Ҳаво ҷойро ишғол кардааст
Б. Ҳавои дохили зарф фишурда шудааст
В. Ҳарорати об хунук аст
Г. Дар таркиби ҳаво гази карбонат вуҷуд дорад

(Ҷавоб: А)

3. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед):

Газҳои асосии таркиби ҳаво гази _______________ ва гази _____________ мебошанд.

(Ҷавоб: нитроген, оксиген)

## § 13. Бод ва пайдоиши он (1 соат)

**Салоҳият:**
- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- сабаби барфпӯш будани қуллаи кӯҳҳои баландро гӯянд;
- сабаби кадом вақт дар болои об ва кадом вақт дар болои хушкӣ гарм будани ҳаворо шарҳ диҳанд;
- вақти аз баҳр ба хушкӣ ва аз хушкӣ ба баҳр вазидани ҳаворо гӯянд;
- мафҳумҳои «бод» ва «тӯфон»-ро шарҳ диҳанд;
- бодҳои безарар ва харобиоварро аз ҳам фарқ кунанд.

**Барнома.**Ҳодисаҳои табиӣ. Гармии ҳаво. Сардии ҳаво. Ҳарорати ҳаво рӯзона ва шабона. Ҳаракати ҳаво – бод. Самти вазиши бод. Тӯфон ва гирдбодҳои даврзананда. Алоқаманд

намудани мазмуни омӯзиш бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ, харита ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим:**

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оғоз намоед. Аз саволҳои зерин истифода баред:
   - *Имрӯз ҳаво чӣ гуна аст?*
   - *Ҳама рӯз ҳолати ҳаво чунин мемонад?*
   - *Тағйирёбии обу ҳаво ба чӣ вобаста аст?*
2) Дар бораи ҳодисаҳое, ки ба гарму хунукшавии ҳаво вобастаанд, маълумот диҳед. Аз расмҳо ва дигар воситаҳои дастрас истифода баред. Мазмуни зеринро пешниҳод кунед (мазмун дар шакли фишурда оварда шудааст):

   *...Сатҳи Замин дар ҳама ҷо як хел гарм намешавад. Дар он ҷойҳое, ки Замин зиёдтар гарм мешавад, ҳаво гарм аст ва боло мебарояд. Ба ҷойи он ҳавои хунук меояд. Ҳамин тавр, ҳаво мунтазам омехта мешавад. Омехташавии (ҳаракати) ҳаворо дар сатҳи Замин бод (шамол) меноманд. Бод метавонад суст ва ниҳоят сахт вазад. Боди сахтро тӯфон мегӯянд. Баъзан тӯфонҳо дар шакли гирдбоди даврзананда пайдо мешаванд. Тӯфон ва гирдбодҳо ҳама чизро дар роҳашон вайрон мекунанд. Махсусан, онҳо дар баҳрҳо даҳшатноканд, чунки мавҷҳои калонро ҳосил мекунад.*

   Расмҳо барои истифода:




*Самти вазиши бод дар давоми шабонарӯз*





*Тӯфон ва гирдбодҳои даврзананда*

3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз харитаи Тоҷикистон кӯҳҳоеро ёбанд, ки дар қуллаашон барфу пирях доранд. Барои ин кор ба онҳо ёрӣ расонед. Аз харитаи табиии Тоҷикистон

истифода баред.

4) Масъалагузорӣ. Бо саволи “Кӯҳҳое, ки дар қуллаҳояшон барф доранд, метавонанд дар Африқои гарм ҳам бошанд?” ба хонандагон муроҷиат карда, фикру андешаи якчанд нафарро гӯш кунед.
5) Кори дунафарӣ. Ҷадвали зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки хусусияти бодҳои фоидаовар ва зарароварро дар он нависанд. Намунаи ҷадвал барои кори дунафара:

| *Бодҳои безарар* | *Бодҳои зараровар* |
|---|---|
| | |

6) Донишҳои асосии мавзӯъро тариқи саволу ҷавоб аз хонандагон пурсед ва дарсро мустаҳкам кунед.
7) Бо хонандагон дар якҷоягӣ хулосаҳои дарсро бароред. Бо ин мақсад аз саволи “Шумо аз дарси имрӯза чиро омӯхтед?” муроҷиат карда метавонед. Хулосаҳои дарс чунин буда метавонанд:
   – *Ҳаво шаффоф буда, аз худаш нурҳои Офтобро мегузаронад.*
   – *Аз ҳисоби замини гармшуда ҳаво ҳам гарм мешавад ва ба боло ҳаракат мекунад.*
   – *Ҳар қадар аз сатҳи гарми Замин боло шудан гирем, ҳамон қадар ҳаво хунук мешавад.*
   – *Омехташавии (ҳаракати) ҳаворо дар сатҳи Замин бод (шамол) меноманд.*
8) Супориш барои хона. Ба хонандагон масъаларо пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар хона ҳал кунанд. Барои кумак ба волидай муроҷиат карда метавонанд. Масъала:

   “Одамоне, ки тобистон дар соҳили баҳр, болои қум истироҳат менамуданд, ҳарорати ҳаворо чен карданд. Ҳароратсанҷ +28$^0$С нишон дод. Одаме, ки заврақсавор аз соҳил дур рафта буд, мушоҳида кард, ки ҳарорат дар баҳр +25$^0$С аст. Фарқи ин ҳароратҳоро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст?”

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

– *Об чист?*
– *Хосиятҳои обро номбар кунед.*
– *Оид ба се ҳолати об мисол оред.*
– *Кадом ҳодисаҳои табиӣ ба об вобастаанд?*
– *Аҳамияти обро барои табиат шарҳ диҳед.*
– *Аҳамияти об барои инсон аз чӣ иборат аст?*
– *Чаро мо бояд обро тоза нигоҳ дорем?*
– *Барои тоза нигоҳ доштани об кадом корҳоро анҷом додан мумкин аст?*

Намунаи тестҳо:

1. Ақидаҳои дурустро интихоб кунед:
   А. Ҳавои хунук ба боло ҳаракат мекунад.
   Б. Ҳаво дар рӯйи замин гарм шуда, ба боло ҳаракат мекунад.

В. Омехташавии ҳаворо дар сатҳи Замин бод меноманд.
Г. Шабона ҳаво дар болои об хунук аст.
Ғ. Ҳангоми болоравӣ, ҳаво хунук мешавад.
Д. Ҳаво доимо дар ҳаракат мебошад.

(Ҷавоб: Б,В,Г,Ғ,Д)

2. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Рӯзона ҳаво гарм аст, дар:

А. Болои хушкӣ
Б. Болои баҳр
В. Дар ҳарду
Г. Дар ягонтоаш

(Ҷавоб: А)

3. Ҷумларо пурра кунед (Калимаи партофташударо ёбед):

Агар бод аз баҳр вазар дар таркиби он намӣ ________ мебошад.

(Ҷавоб: зиёд)

## § 14. Абр ва боришот чӣ гуна пайдо мешаванд? (1соат)

**Салоҳият:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

• тарзи пайдо шудани туман ва абрро фаҳмонанд;
• намудҳои боришотро номбар кунанд;
• ҷараёни пайдоиши боришотро ба таври содда фаҳмонанд;
• дар бораи зарари жола ба хоҷагии халқ маълумот диҳанд;
• фикрҳои худро бо истифодаи воситаҳои навишторӣ нишон диҳанд.

**Барнома.** Абрҳои осмонӣ. Туман. Пайдоиши абр ва туман. Намудҳои боришот – борон, барф, жола. Пайдоиши боришот. Фоида ва зарари боришоти атмосферӣ ба хоҷагии халқ. Кор бо матн, расм ва тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим:**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оғоз намоед. Саволҳо метавонанд чунин бошанд:
   – *Оё шумо медонед, ки дар кадом фасли сол борон бештар меборад?*
   – *Барф нишонаи кадом фасл аст?*
   – *Барои чӣ дар фасли тобистон барф намеборад?*

   Оид ба ин саволҳо бо хонандагон муҳокимаронӣ кунед. Бигзор хонандагон фикрҳои ҳамдигарро пурра намоянд.
2) Ба хонандагон оид ба мавзӯи нав маълумоти мушаххас диҳед. Ҳангоми шиносоӣ аз расмҳои дастрас ва аёниятҳо истифода баред.

   Оид ба масъалаҳои зерин маълумот дода метавонед:
   ✓ *Дар кураи Замин об хеле зиёд аст. Ҳангоми гармшавӣ об ба буғ табдил меёбад (бухор мешавад).*
   ✓ *Вақте ки ҳаво хунук мешавад, аз буғ зарраҳои хурди об пайдо мешавад. Мег (туман) аз ҳамин гуна зарраҳои об иборат аст.*
   ✓ *Дар баландиҳои гуногуни Замин абрҳо ҷойгиранд. Абр ҳамон мег (туман) аст, ки дар баландӣ ҷойгир шудааст. Зарраҳои об дар абрҳо якҷоя шуда, ба қатраи калонтар табдил меёбанд. Абр тира шуда, ба абри сиёҳ табдил меёбад. Қатраҳои об калон ва вазнин шуда, худро дар боло нигоҳ дошта наметавонанд ва дар шакли борон, зимистон дар шакли барф ба замин мерезанд.*

- ✓ *Баъзан дар баҳору тирамоҳ жола меборад. Жола ҳамон вақт пайдо мешавад, ки агар ҷараёни гарми ҳаво буғро хеле боло бардорад. Буғ ба зарраҳои яхи дар боло мавҷудбуда мечаспад. Дар натиҷа, жола пайдо мешавад.*
- ✓ *Жолаи сахт ба хоҷагӣ зарари калон мерасонад: киштзорҳои гандум, ҷавдор, пахта ва инчунин ҳосили боғу токзорро нобуд мекунад.*

Расмҳо барои истифода:



*Абрҳои боронӣ*



*Донаҳои жолаи зараровар*

3) Нақшаи зерин (кластер)-ро дар тахтаи синф тасвир кунед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки барои пур кардани он ба шумо ёрӣ расонанд:




Барои пур кардани нақша метавонед аз маълумоти китоб истифода баред. Дар хоначаҳои холӣ номи боришот навишта мешавад.

4) Аз нақшаи боло истифода бурда, дар бораи фоида ва зарари боришот бо хонандагон суҳбат намоед.
5) Оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб карда, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст намоед. Ҳангоми хулосабарорӣ фикрҳо (хулосаҳо)-и хонандагонро ба эътибор гиред. Хулосаҳои имконпазири дарс чунин буда метавонанд:
   - *Дар таркиби ҳаво буғи ба чашм ноаёни об мавҷуд аст ва вақте ки ҳаво хунук мешавад, аз буғ қатраҳои хурди об ба вуҷуд меоянд. Мех (туман) аз ҳамин гуна қатраҳои об иборат аст.*
   - *Абр ҳамон мег (туман) аст, ки аз замин боло ҷойгир шудааст.*

- *Борон, барф ва жола  намудҳои боришот мебошанд.*
- *Барои муҳофизат аз зарари жола ва дигар ҳодисаҳои табиӣ одамон аз замонҳои пеш кӯшиш намуданд, ки обу ҳаворо пешгӯӣ кунанд.*

7) Дониши хонандагонро қадр кунед ва бо суханони рӯҳбаландкунанда  онҳоро дастгирии мусбӣ намоед.
8) Супориши хонагӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки обу ҳавои маҳалли худро дар давоми як ҳафта мушоҳида кунанд ва дар асоси мушоҳидаҳои худ маълумотнома омода созанд.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Туман чӣ гуна пайдо мешавад?*
- *Пайдоиши абрҳоро шарҳ диҳед.*
- *Намудҳои боришотро номбар кунед.*
- *Оид ба зарари жола ба рӯзгори одамон чӣ гуфта метавонед?*
- *Пешгӯии обу ҳаво барои одамон чӣ аҳамият дорад?*

Намунаи тестҳо:

1. Мувофиқа кунед (Ҷавоби дурустро аз тарафи рост ёбед).

Мафҳумҳоро бо хосияташон мувофиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Меғ (туман) | А. Дар баландиҳои гуногун ҷойгир шудааст |
| 2. Абр | Б. Ҷамъшавии қатраҳои об дар сатҳи Замин |
| 3. Абри сиёҳ | В. Ин абрҳо боришот меоранд |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-А; 3-В)

2. Ҷумларо пурра кунед (Калимаҳои партофташударо ёбед):

Қатраҳои калони об вазнин шуда, худро дар боло нигоҳ дошта наметавонанд ва дар шакли __________, зимистон дар шакли __________ ба замин мерезанд.

(Ҷавоб: борон, барф)

## § 15.Обуҳавосанҷӣ ва аҳамияти он
## (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- соҳаи илми обуҳавосанҷиро шарҳ диҳанд;
- зарурати пешгӯии обу ҳаворо гӯянд;
- оид ба истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ маълумот диҳанд;
- баъзе асбобҳои истгоҳи обуҳавосанҷиро номбар карда, усули кори онҳоро фаҳмонанд;
- тарзи пешгӯйии обу ҳаворо тавассути радифҳои Замин шарҳ диҳанд;
- обу ҳавои маҳалли худро мушоҳида карда, натиҷаи онро қайд намоянд.

**Барнома.** Илми обуҳавосанҷӣ. Истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ. Ҳароратсанҷ ва боднамо. Пешгӯйии обу ҳаво. Нақши телевизиону радио ва рӯзномаҳо дар пешгуйии обу ҳаво. Саҳми дастгоҳҳои обуҳавосанҷии кайҳонӣ. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кори амалӣ. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим:**

Дар дарси мазкур хонандагон донишҳои дар натиҷаи мушоҳидаҳои ҳаётии худ пайдокардаро такмил медиҳанд.

1) Дарсро аз суҳбат дар бораи тағйир ёфтани обу ҳаво оғоз кунед. Масалан, метавонед бо чунин саволҳо ба онҳо муроҷиат кунед:
   - *Обу ҳаво гуфта чиро мегӯянд?*
   - *Ба фикри шумо чаро обу ҳаво тағйир меёбад?*
   - *Тағйирёбии обу ҳаворо чӣ тавр мефаҳмед?*

   Бигзор хонандагон ҷавобҳои ҳамдигарро пурра кунанд.
2) Аз расмҳои дастрас истифода бурда, оид ба илми обуҳавосанҷӣ, аҳамияти он, таҷҳизоти истгоҳи обуҳавосанҷӣ ва пешгӯйии обу ҳаво тавассути дастгоҳҳои кайҳонӣ ба хонандагон кӯтоҳ маълумот диҳед. Дар ҷараёни суҳбат ба мушоҳидаҳои ҳаётии бачаҳо такя намоед (Дар куҷо шумо доир ба обу ҳаво маълумот шунидаед? ва ғайра).

   Аз расми зерин барои шинос намудани хонандагон бо истгоҳи обуҳавосанҷӣ истифода бурда метавонед:



*Истгоҳи обуҳавосанҷӣ*

3) Саволгузорӣ. Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед: *Ҳароратсанҷ чӣ гуна асбоб аст? Боднамо чӣ аст? Чаро обу ҳаворо пешгӯӣ мекунанд?* Ҷавобҳои онҳоро шунавед ва атрофи ин масъалаҳо ба хонандагон кӯтоҳ маълумот диҳед. Агар дастрас бошад, хонандагонро бо намудҳои ҳароратсанҷ шинос кунед (аз ҳароратсанҷи хонагӣ низ истифода бурдан мумкин аст).
4) Амалия дар дунафараҳо. Ба дунафараҳо супориш диҳед, ки як матни хабариро доир ба пешгӯии обу ҳаво омода намоянд. Масалан, онҳо чунин пешгӯӣ карда метавонанд: «Пагоҳ дар деҳа ҳавои бебориш дар назар дошта шудааст. Баъди нимаи дуюми рӯз ҳаво каме абрнок мешавад………..». Ба дунафараҳои хоҳишманд имконият диҳед, то ки корашонро ба аҳли синф пешниҳод намоянд.
5) Оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва дониши онҳоро мустаҳкам намоед.
6) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст кунед.
7) Меҳнати хонандагонро қадр кунед.
8) Барои хона супориш диҳед. Супориши хонагӣ:
   - *Обу ҳавои маҳалатонро мушоҳида кунед.*
   - *Мушоҳидаҳоятонро ҷамъбаст намуда, оид ба обу ҳавои якмоҳа, фасл ва солона маълумотнома нависед.*

- *Барои навиштани маълумотнома аз таҷрибаи синфи 2 ва одамони калонсол истифода баред.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Обуҳавосанҷӣ чиро меомӯзад?*
- *Аҳамияти истгоҳҳои обуҳавосанҷиро фаҳмонед.*
- *Таҷҳизоти истгоҳи обуҳавосанҷиро номбар кунед.*
- *Пешгӯии обу ҳаво ба кӣ ва барои чӣ зарур аст?*
- *Оид ба дастгоҳҳои махсуси обуҳавосанҷӣ, ки аз замин боло ҷойгиранд, маълумот диҳед.*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро дар давра гиред.

Обуҳавосанҷӣ чиро меомӯзад?

А. Табиати зинда
Б. Ҷирмҳои осмонӣ
В. Алоқаи байни одаму табиат
Г. Тағйирёбии обу ҳаво

(Ҷавоб: Г)

2. Ҳарфи ақидаҳои дурустро интихоб кунед:

А. Обуҳавосанҷӣ аз замонҳои қадим вуҷуд дошт.
Б. Обуҳавосанҷӣ илмест, ки тағйирёбии табиатро меомӯзад.
В. Аввалин маркази обуҳавосанҷӣ дар ш. Хуҷанд сохта шудааст.
Г. Обуҳавосанҷон рӯзе як маротиба нишондоди асбобҳоро менависанд.
Ғ. Обуҳавосанҷон вазъи обу ҳаворо пешгӯӣ намуда, ба мардум мерасонанд.

(Ҷавоб: А,В,Ғ)

3. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед):

Коркмандони марказҳои обуҳавосанҷӣ бо ёрии асбобҳои гуногун ҳолати обу ҳаворо ____________ мекунанд.

(Ҷавоб: муайян)

# Боби III. Табиати зинда

## § 16.Олами зинда (1соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мафҳумҳои «Муҳити атроф» ва «Олами зинда»-ро шарҳ диҳанд;
- ашё ва ҳодисаҳои муҳити атрофро номбар намоянд ва ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд;
- хусусияти олами зиндаро бо суханони худ фаҳмонанд;
- акси яке аз намояндагони мавҷудоти зиндаро тасвир кунанд;
- оид ба ягон намояндаи мавҷудоти зинда иншои хурд (эссе) нависанд.

**Барнома.** Шарҳи мафҳумҳои «Муҳити атроф» ва «Олами зинда». Ашёҳои муҳити атроф. Ҳодисаҳои муҳити атроф. Гурӯҳбандии ашё ва ҳодисаҳо. Хусусияти олами зинда. Намудҳои

олами зинда – наботот, ҳайвонот, занбӯруғ ва микроорганизмҳо. Тасвири объекти омӯзиш. Пешниҳоди маълумоти хаттӣ оид ба мазмуни мавзӯъ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо матн ва расму тасвирҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз кунед. Саволҳоро бо мақсади бедор кардани дониши пешинаи хонандагон истифода баред. Саволҳо чунин буда метавонанд:
   - *Моро кадом ашё ва ҳодисаҳои табиӣ ишғол кардаанд?*
   - *Кадом намояндагони табиати зиндаро номбар карда метавонед?*
   - *Хусусиятҳои табиати зинда кадомҳоянд?*

   Саволҳоро бо хонандагон муҳокима кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед. Баъди муҳокимаронӣ номи мавзӯъро эълон кунед - ***Муҳити атроф. Олами зинда***.
2) Шиносоӣ бо маълумот оид ба муҳити атроф ва олами зинда.Дар рафти шиносоӣ аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

   *Аз омӯзиши курси табиатшиносии синфи 2 мо аллакай медонем, ки дар табиат ашё ва ҷисмҳои зиёде мавҷуданд. Онҳо хеле гуногунанд. Аз худи инсон сар карда, то шапалакҳое, ки дар дашту саҳро парвоз мекунанд, кӯҳу пушта, баҳру уқёнусҳо, мӯрчаҳо, дарахту буттаҳо ва Офтобу ситораҳои осмонӣ ҳамаи ин табиат мебошанд.*

   *Ин қадар гуногун будани табиат одамонро ба ҳайрат овардааст. Барои он ки ба ин гуногунии табиат сарфаҳм раванд, одамон онро ба табиати зинда ва ғайризинда ҷудо кардаанд.*

   *Табиати зиндаро организмҳои зинда ташкил медиҳанд. Ҳамаи унсурҳоеро, ки дар табиат моро иҳота кардаанд, муҳити атроф мегӯянд. Дар муҳити атроф унсурҳо хеле зиёданд ва аз ягон ҷиҳат фоида мерасонанд. Баъзеи онҳо ҳамчун манзили зист, дигараш ҳамчун ғизо, сеюми манбаи нафаскашӣ ба ҳисоб меравад. Организмҳои зинда ба муҳити атрофи худ мутобиқат пайдо мекунанд.*

   *Табиати зиндаро илм (фан)-и махсус – биология меомӯзад. Биология аз калимаҳои юнонии «биос» - ҳаёт ва «логос» - илм гирифта шудааст.*

   *Ҳамаи мавҷудоти зиндаро олимони биолог ба чор гурӯҳи калон ҷудо мекунанд: олами наботот (рустаниҳо), олами ҳайвонот, олами занбӯруғҳо ва олами микроорганизмҳо.*

   *Гурӯҳҳои номбаршуда аз рӯйи хусусияти сохт ва тарзи зиндагӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бинобар ин ҳар як гурӯҳи онро илми махсус меомӯзад. Ин илмҳо шохаҳои фанни биология ба шумор мераванд. Шумо бо ин фанҳо дар синфҳои болоӣ пурратар шинос мешавед.*

Расмҳое, ки дар ҷараёни шиносоӣ истифода бурда метавонед:



Ҳайвон



Рустанӣ



Занбӯруғ



Микроорганизм

*Намояндагони 4 шакли мавҷудоти зинда*

3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва ҷадвали зеринро ба онҳо тақсим кунед. Чунин супориш диҳед:
   - ✓ *Намояндагони мавҷудоти зиндаро дар ҷадвал нависед;*
   - ✓ *Коратонро ба ҳамсинфон муаррифӣ кунед.*

Намунаи ҷадвал:

| Рустанӣ | Ҳайвон | Занбӯруғ | Микроорганизм |
|---|---|---|---|
| | | | |

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунӣ. Масъалаҳои асосии мавзӯъро ба тариқи саволу ҷавоб, бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
7) Супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона чунин буда метавонад:
   – *Аз намояндагони мавҷудоти зинда якеро интихоб кунед ва онро дар дафтар (албом) тасвир намоед.*
   – *Оид ба расми тасвиркардаатон ҳикояи хурд (эссе) нависед, ки аз 4-5 ҷумла зиёд набошад.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- – *Шумо кадом ашёҳои табиатро номбар карда метавонед?*
- – *Оид ба табиати ғайризинда ва зинда мисолҳо оред.*
- – *Муҳити атроф чист?*
- – *Организмҳо ба муҳити зисти худ чӣ гуна мутобиқ мешаванд? Мисолҳо оред.*
- – *Мавҷудоти зиндаро кадом илм меомӯзад?*
- – *Шаклҳои мавҷудоти зиндаро номбар кунед.*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Ҳамаи унсурҳоеро, ки табиати моро иҳота кардаанд, __________ __________ мегӯянд.

(Ҷавоб: муҳити атроф)

2. Мувофиқа кунед (ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Ашёи табииро ба ғайризинда ва зинда мувофиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Ашёи ғайризинда | А. Мошин |
| 2. Ашёи зинда | Б. Моҳӣ |
| | В. Дарахт |
| | Г. Об |

(Ҷавоб: 1-А,Г; 2-Б,Д)

3. Ҷавоби дурустро дар давра гиред.

Табиати зиндаро кадом фан меомӯзад?

А. Математика
Б. Забони модарӣ
В. Биология
Г. Санъат ва меҳнат

(Ҷавоб: В)

## § 17. Гуногунии олами наботот (1 соат)

**Салоҳият:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- омилҳои муҳитро, ки ба гуногунии наботот таъсир мекунанд, номбар кунанд;
- шароитҳои ҳаётгузаронии набототро фаҳмонанд;
- аҳамияти рӯшноӣ, гармӣ ва намиро ба инкишофи наботот қайд кунанд;
- хусусияти ба муҳити зист мутобиқ шудани набототро шарҳ диҳанд;
- маҳалли зисташонро таҳқиқ карда, таъсири омилҳои гуногуни табииро ба афзоиши наботот гуянд.

**Барнома.** Омилҳои муҳити зист – рӯшноӣ, гармӣ, намӣ. Таъсири омилҳои атроф ба наботот. Шароит барои зист. Мутобиқати растаниҳо ба муҳити зист. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ. Кор бо мант, воситаҳои навишторӣ ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз ёфтани рамз оғоз кунед. Мафҳуми «Олами наботот»-ро дар шакли рамз ба хонандагон пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро ёбанд. Ба онҳо гӯед, ки агар рамзро дуруст ёбанд, номи мавзӯи имрӯзаи мо пайдо мешавад. Агар лозим шавад, дар ёфтани рамз ба хонандагон кумак кунед. Масалан, метавонед гӯед, ки «Ин номи яке аз мавҷудоти зинда аст», «Мо дарси гузашта дар бораи онҳо омӯхта будем» ва ғайра.

Намунаи рамз:

| Л | И | М | О | А |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

| А | Б | Т | О | Т | О | Н |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

2) Масъалагузорӣ оид ба растаниҳо. Кор бо ҷадвали ММД. Аз хонандагон пурсед, ки оид ба растаниҳо чӣ медонанд ва ҷавоби онҳоро дар сутуни 1-уми ҷадвал нависед. Баъд, бо саволи «Оид ба рустаниҳо боз чиро донистам мехоҳед?» муроҷиат карда, сутуни дуюми ҷадвали ММД-ро пур кунед.

Намунаи ҷадвали ММД:

| Медонам (М) | Мехоҳам донам (М) | Донистам (Д) |
| --- | --- | --- |
| …………….. ……….. <br>……………………….. <br>…………….. ………….. <br>………… ………… <br>………………….. <br>……………………….. | ………………………… <br>…… ………………… <br>……………… ……… <br>………………………… <br>……………………… | |

3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ – «***Таъсири муҳити атроф ба гуногунии олами наботот***». Хонандагонро бо маълумоти асосии мавзӯъ шинос намоед.

Мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:

*Ҳамаи он чизеро, ки барои сабзидани рустанӣ зарур аст, шароити зисти рустанӣ мегӯянд. Барои сабзидани рустанӣ об, ҳаво, гармӣ ва хок зарур аст.*

*Агар барои рустанӣ об, ҳаво, гармӣ ва хок пайдо шавад, он хуб нашъунамо мекунад. Агар онҳо набошанд, рустанӣ нобуд мешавад.*

*Дар ҳама ҷои рӯйи замин барои рустаниҳо шароити зист як хел нест. Аз ин сабаб дар кураи Замин рустаниҳои гуногун мерӯянд. Рустаниҳо хосияти мутобиқшавӣ доранд. Пеш аз ҳама, барои рустаниҳо равшанӣ, гармӣ ва намӣ зарур аст. Гуногунӣ ва мутобиқшавии рустаниҳо дар кураи Замин аз мавҷудияти ин омилҳо вобаста аст.*

*Дар ҷойҳое, ки гармӣ кам аст, дарахтони* ***қадпаст*** *мерӯянд. Дар ҷойҳое, ки равшанӣ, гармӣ ва намӣ зиёд аст, рустаниҳои зиёд ва гуногун мерӯянд. Дар биёбонҳои гарму камоб наботот кам мерӯянд. Рустаниҳои ин минтақа ба* ***хушкӣ ва ҳарорати баланд*** *мутобиқ шудаанд. Баъзе рустаниҳо ба мисли дарахти санавбар фақат дар ҷойҳои кушоду равшан тоқа-тоқа мерӯянд. Ба ин рустаниҳо равшании зиёд лозим аст. Чунин рустаниҳоро* ***равшанидӯст*** *меноманд. Баъзе растаниҳои дигар, баръакс дар соя хуб нашъунамо мекунанд. Ин растаниҳоро* ***соядӯст*** *мегӯянд. Баъзе рустаниҳо намии зиёдро талаб мекунанд. Инҳо рустаниҳои* ***намидӯст*** *мебошанд ва бештар дар ботлоқҳо, соҳили ҷӯйбору дарёҳо ва кӯлҳо мерӯянд. Ба ин рустаниҳо пудина, себарга, ар-ар (тирак) ва ғайра дохил мешаванд.*

*Рустаниҳои дигар ба намӣ он қадар эҳтиёҷ надоранд. Онҳо дар ҷои хушку регзор мерӯянд. Онҳоро рустаниҳои* ***ба хушкӣ тобовар*** *мегӯянд. Ин рустаниҳо решаи дароз дошта, то қабати намдори замин дароз мешаванд. Мисол, решаҳои шутурхор то 20 метр ба замин чуқур меравад.*

*Баъзе рустаниҳо ба монанди гули* ***нилуфар бевосита дар об*** *месабзанд. Баргу гули нилуфар дар рӯйи об буда, решааш дар дохили об муаллақ ҷойгир мешавад.*

4) Фаъолияти гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Рустаниҳо дар фасли зимистон барг надоранд, аммо чаро гули дохили хона тамоми сол барг дорад ва сабз аст?*

   Барои иҷрои кор ба гурӯҳҳо вақт диҳед ва ба хотири пешравии корашон маслиҳат диҳед, кумак кунед. Баъди анҷоми вақти муайяншуда муаррифии корҳоро аз гурӯҳи хоҳишманд оғоз кунед. Дар вақти муаррифӣ кӯшиш кунед, ки байни гурӯҳҳо муҳокимаронӣ ба амал ояд, хонандагон ба ҳамдигар савол диҳанд, фикрҳои ҳамдигарро пурра кунанд.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунии дарс – баргаштан ба ҷадвали ММД.

Ба ҷадвали ММД баргашта, сутуни сеюми онро пур мекунем. Бо ин мақсад аз хонандагон мепурсем: Оид ба рустаниҳо кадом маълумоти навро ба даст овардед? Ҷавобҳои онҳоро дар сутуни 3-юми ҷадвали ММД менависем:

| Медонам (М) | Мехоҳам донам (М) | Донистам (Д) |
|---|---|---|
| ……………. ………. ……………………….. …………….. ………….. ………… ………… ……………….. ……………………….. | ………………………… …… ………………… ……………… ……… ………………………… ……………………… | ……………………… ……………. ………… ……………………….. ………. …………... …… …………………………… ………. ………………. ……………………… ……………………….. ………… ……………… |

Баъд аз гирифтани ҷавобҳои хонандагон ва пур кардани сутуни сеюми ҷадвал, диққати онҳоро ба ҷадвали ММД ҷалб карда, қайд кунед, ки: - *Бинед бачаҳо, шумо дар ин дарс чӣ қадар маълумоти нав гирифтед! –Чӣ қадар доно шудед!* ва ғайра. Рӯҳияи хонандагонро бардоред.

Сутунҳои 2 ва 3-и ҷадвалро муқоиса карда, муайян кунед, ки он чизе хонандагон донистан мехостанд, ба он ҷавоб гирифтаанд ё не. Агар саволҳои беҷавоб бошанд, каме дар бораи онҳо маълумот диҳед.

7) Дарсро бо хонандагон дар якҷоягӣ хулоса кунед. Таассуроти онҳоро аз дарс пурсон шавед. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Омилҳоеро, ки бе онҳо рустанӣ зиста наметавонад (рӯшноӣ, гармӣ, ҳаво, об), шароити зисти рустанӣ меноманд.*
   - *Дар рӯи Замин шароити якхела нест. Аз ин сабаб паҳншавии рустаниҳо дар кураи Замин гуногун мебошад.*
   - *Вобаста ба шароити муҳит рустаниҳо мутобиқат пайдо мекунанд.*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
9) Супориши вазифаи хонагӣ:
   - *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед.*
   - *Ягон намуди набототи маҳалатонро интихоб кунед ва мушоҳида кунед, ки дар фаслҳои сол он чӣ гуна тағйир меёбад (мутобиқ мешавад). Натиҷаашро нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Чиро муҳити атроф меноманд?*
- *Кадом шароитҳо барои афзоиши рустаниҳо заруранд?*
- *Агар дар муҳити зист барои рустанӣ шароити зарурӣ набошад, ба он чӣ ҳодиса рӯйи медиҳад?*
- *Гуногунии паҳншавии растаниҳоро дар рӯи замин шарҳ диҳед.*
- *Оид ба рустаниҳои равшанидӯст, соядӯст, намидӯст ва обӣ мисолҳо оред.*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Омилҳоеро, ки бе онҳо рустанӣ зиста наметавонад, чӣ меноманд?

А. Обу ҳаво
Б. Сангу хок
В. Ҷинсҳои кӯҳӣ
Г. Шароити зист

(Ҷавоб: Г)

2. Ҳарфи ҷавобҳои дурустро дар давра гиред.

Омилҳои мусоидро барои ҳаёти растанӣ муайян кунед:

| | |
|---|---|
| А. Равшанӣ | Ғ. Намӣ |
| Б. Сангҳо | Д. Автомобилҳо |
| В. Гармӣ | Е. Хок |
| Г. Биноҳо | Ё. Ҳаво |

(Ҷавоб: А,В,Ғ,Е,Ё)

3. Мувофиқа кунед (Ҷавобҳои дурустро аз сутуни рост ёбед).

Рустаниҳоро бо хосияташон мувофиқ гузоред:

| | |
|---|---|
| 1. Соядӯст | А. Ба ин рустаниҳо оби зиёд лозим аст |
| 2. Равшанидӯст | Б. Ин рустаниҳо дар ҷойҳои соя хуб мерӯянд |
| 3. Намидӯст | В. Ба ин рустаниҳо равшании зиёд лозим аст |
| | Г. Онҳо дар ҷойҳои камоб зиста наметавонанд |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-В; 3-А,Г)

## НИМСОЛАИ II (17 СОАТ)

### § 18. Занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо
### (1 соат)

**Салоҳиятҳо:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- баъзе намудҳои занбӯруғ ва микроорганизмҳоро номбар кунанд;
- хусусиятҳои ҳаётии онҳоро шарҳ диҳанд;
- оид ба паҳншавии ин навъҳои мавҷудоти зинда маълумот диҳанд;
- аҳамияти занбӯруғ ва организмҳои микроскопиро гӯянд;
- ҳангоми баёни фикр аз воситаҳои тасвирӣ истифода баранд.

**Барнома.** Занбӯруғ ва микроорганизмҳо – мавҷудоти зинда. Тарзи ҳаёти занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо. Паҳншавии онҳо. Аҳамияти занбӯруғ ва микроорганизмҳо барои табиат ва ҳаёти инсон. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо матн, расму тасвирҳо ва воситаҳои навишторӣ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз таҳлили мисоли ҳаётӣ оғоз кунед. Мисоли ҳаётиро, ки мазмуни он ба мавҷудияти микроорганимҳо вобаста аст, ба хонандагон пешниҳод кунед ва онро муҳокима намуда, мавзӯи имрӯзаро муайян кунед.

   Мисоли ҳаётӣ:

   *«Бегоҳ дар оила шӯрбо пухта буданд. Хӯрок хеле бомазза омад, зеро модари хона дар тайёр кардани хӯрок зани бисёр боҳунар буд. Ҳамаи аъзои оила шӯрборо паққос зада хӯрданд ва ба модар раҳмат гуфтанд. Солеҳҷон, ки дар синфи 3 мехонд, бо як коса шӯрбо сер накарда, аз модараш боз ним косаи дигар шӯрбо хост. Модар ин хоҳиши ӯро иҷро кард. Саҳар вақте, ки аъзои оила наҳорӣ карданӣ шуданд, Солеҳҷон гуфт, ки ман боз аз ҳамон шӯрбои дирӯза хӯрдан мехоҳам. Модар гуфт, ки аз шӯрбои дирӯза қариб чизе намондааст ва ман онро ҳатто дар яхдон нагузоштаам. Солеҳҷон, ки маззаи шӯрбои дирӯза аз даҳонаш намерафт, якравӣ карда, мегуфт, ки ман шӯрбо мехӯрам. Модар ноилоҷ шӯрбои дирӯзаро каме гарм карда, ба назди Солеҳҷон оварда монд. Баъди наҳорӣ ҳама аз паси корҳои худ рафтанд,*

*Солеҳҷон низ либосҳояшро пӯшида, ба мактаб рафт. Баъди дарси дуюм ногаҳон шиками Солеҳҷон ба дард даромад ва беҳол гашт. Ӯро муаллим ба хонаашон ҷавоб дод».*
Бачаҳо, биёед муайян кунем, ки чаро бо Солеҳҷон чунин ҳодиса рӯй дод?

2) Масъалагузорӣ аз рӯйи воқеаи ҳаётӣ – истифодаи кластер. Вобаста ба мазмуни воқеа ҷавобҳои хонандагонро ҷамъ оред ва онро дар кластер нависед. Намунаи кластер:




Агар дар ҷараёни муҳокимарониҳо аз тарафи ягон хонанда оид ба микроорганизмҳо фикре садо диҳад, ба ҳамон такя карда, номи мавзӯъро гӯед ва қайд кунед: - *Агар мо ин мавзӯъро дуруст аз худ намоем, сабаби бо Солеҳҷон рӯй додани чунин ҳодисаро мефаҳмем.*

3) Шиносоӣ бо мавзӯъ. Ба хонандагон оид ба хусусияти ҳаётӣ, паҳншавӣ ва аҳамияти занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо маълумот диҳед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

***Занбӯруғҳо.*** *Занбӯруғҳо дар табиат хеле васеъ паҳн шудаанд. Занбӯруғҳо барои табиат ва ҳаёти инсон аҳамияти беандоза доранд. Онҳо моддаҳоро пӯсонда, ҳосилнокии хокро зиёд мекунанд. Бисёр намуди занбӯруғҳоро инсон барои тайёр кардани хӯрок, дар тиб ва дигар корҳои хоҷагӣ истифода мебарад. Баъзе занбӯруғҳо заҳрноканд ва онҳоро истеъмол кардан мумкин нест. Ҳангоми ҷамъоварии занбӯруғҳо эҳтиёт шудан лозим аст.*

***Микроорганизмҳо.*** *Микроорганизмҳо мавҷудоти зиндаи хеле хурданд. Онҳоро бо чашми одӣ дида намешавад. Барои дидани микроорганизмҳо ба мо асбоби махсуси пурбин (микроскоп) лозим аст.*

*Микроорганизмҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд? Онҳоро қариб дар ҳама ҷо – об, ҳаво, хок ва зери замин вохӯрдан мумкин аст. Микроорганизмҳо низ барои табиат ва ҳаёти инсон аҳамиятноканд. Дар табиат онҳо дар пӯсонидани боқимондаи организмҳои зинда нақши муҳим мебозанд. Одамон аз микроорганизмҳо фоида ба даст меоранд. Дар саноати хӯрокворӣ ва тиб бо ёрии онҳо маҳсулоти гуногун тайёр мекунанд.*

*Баъзе микроорганизмҳо зарароваранд. Онҳо об ва хӯрокро заҳролуд карда, одамро ба бемориҳои гуногун гирифтор мекунанд. Бинобар ин, пеш аз истеъмоли хӯрок*

*дастҳоро бо собун бояд шуст. Аз истеъмоли хӯроки шабмонда эҳтиёт шудан лозим аст.*

Расмҳо барои истифода дар дарс:



*Занбӯруғи заҳрнок*



*Гуногунии микроорганизмҳо*

4) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Гурӯҳҳоро вобаста ба навъи мавҷудоти зинда номгузорӣ кунед. Масалан, гурӯҳи олами наботот, гурӯҳи олами ҳайвонот, гурӯҳи олами занбӯруғҳо ва гурӯҳи олами микроорганизмҳо. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
   - *Фикр кунед ва муайян намоед, ки оё шумо дар оилаатон аз микроорганизмҳо ва занбӯруғҳо истифода мебаред?;*
   - *коратонро ба ҳамсинфон пешниҳод кунед.*
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Хулосабарорӣ. Оид ба дарси имрӯза якҷоя бо хонандагон хулосабарорӣ кунед ва таасуроти онҳоро аз дарси имрӯза пурсон шавед. Масалан бо чунин саволҳо муроҷиат карда метавонед:
   - *Шумо аз дарси имрӯза чӣ маълумоти нав гирифтед?*
   – *Ин донишҳоро дар куҷо истифода бурда метавонед?*
   – *Кадом кор ба шумо писанд наомад?*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориш ба хона:
   – *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед;*
   – *Бо аҳли оилаатон оид ба занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо маслиҳат карда, роҳҳои пешгирии зараре̄бӣ аз ин организмҳоро муайян кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Занбӯруғҳо чӣ гуна организмҳо мебошанд?*
- *Оид ба аҳамияти занбӯруғҳо барои табиат ва инсон мисолҳо оред.*
- *Чаро баъзе занбӯруғҳоро хӯрдан мумкин нест?*
- *Мегӯянд, ки микроорганизмҳоро бо чашм дида намешавад. Барои чӣ?*
- *Аҳамияти микроорганизмҳо аз чӣ иборат аст?*
- *Аз кадом сабаб мо бояд аввал дастҳоро шуста, баъд хӯрок хӯрем?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Занбӯруғҳоро инсон дар куҷо истифода мебарад?

А. Барои мошинсозӣ
Б. Саноати хӯрокворӣ ва тиб
В. Нест кардани ҳашарот
Г. Гарм кардани хона

(Ҷавоб: Б)

2. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед):

Баъзе микроорганизмҳо зарароваранд ва одамро ба ____________ гуногун гирифтор мекунанд.

(Ҷавоб: бемориҳои)

3. Ҳарфи ҷавоби дурустро интихоб намоед.

Асбоберо, ки бо ёрии он микроорганизмҳоро дидан мумкин аст, муайян кунед:

А. Дурбин
Б. Айнак
В. Телескоп
Г. Микроскоп

(Ҷавоб: Г)

## § 19. Гуногунии олами ҳайвонот
## (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- шароити мувофиқро барои ҳаёти ҳайвоноти гуногун номбар кунанд;
- вобастагии ҳайвонот ба муҳити зист ва хусусияти мутобиқати онҳоро шарҳ диҳанд;
- ҳайвоноти гуногунро вобаста ба мутобиқаташон ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд;
- оид ба яке аз ҳайвоноти машҳури маҳалли зисти худ ё атрофи он маъмулотномаи хурд таҳия намоянд

**Барнома.**Ҳайвонот – мавҷудоти зинда. Таъсири омилҳои муҳит ба гуногунии ҳайвонот. Мутобиқати ҳайвонот ба шароити зист. Гурӯҳбандии ҳайвонот вобаста ба мутобиқат. Тасвири объекти омӯзиш. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо, воситаҳои навишторӣ ва матн.

**Методикаи таълим.** Тавсияҳои зерин даркори банақшагирии дарс ба шумо кумак карда метавонанд.

1) Дарсро аз ба хотир овардани донишҳои хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад масъалаҳои зеринро аз онҳо пурсед:

– *Дар синфи 2 оид ба ҳайвонот чиро омӯхта будед?*
– *Кадом маълумотро ба хотир оварда метавонед?*
– *Умуман дар бораи ҳайвонот чӣ гуфта метавонед?*

Дар атрофи саволҳо бо хонандагон муҳокимаронӣ кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед.

2) Шиносоӣ бо мавзӯи нав. Аз расмҳо ва аёниятҳои дастрас истифода бурда, оид ба ҳайвонот, паҳншавӣ ва мутобиқати онҳо ба хонандагон маълумот диҳед.

Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Қариб дар ҳама ҷо – хушкӣ, об, ҳаво ва ҳатто дар ҷойҳое, ки ҳамеша барфу яхпӯш аст, ҳайвонҳо зиндагӣ мекунанд. Барои ҳайвонҳо низ мисли рустаниҳо шароити муайяни зист лозим аст. Ба ин шароитҳо об, ҳаво, хӯрок ва ҳарорат дохил мешаванд. Сохти бадан ва тарзи ҳаёти ҳайвон ба муҳите, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунад, сахт вобастагӣ дорад. Ҳайвонҳо ҳам ба монанди рустаниҳо ба шароити муҳити зист қобилияти мутобиқшавӣ доранд.*

*Дар даштҳои хушк ва биёбонҳо, ки об ва рустаниҳо кам аст, ҳайвонҳое зиндагӣ мекунанд, ки қобилияти тез давидан доранд. Онҳо барои ҷустуҷӯи об ва хӯрок масофаи зиёдро тай мекунанд.*

*Буми шимолӣ, кабки қутбӣ, рӯбоҳи шимолӣ дар минтақаҳои хунуки сербарф зиндагӣ мекунанд. Онҳо ранги сафед доранд, ки он аз душманонашон муҳофизат мекунад. Чунин монанд будани ранги ҳайвонро бо ранги маҳалли зисташ – ранги ҳимоякунанда меноманд.*

*Дар ҷангалҳои кишварҳои гарм фил, шер, паланг ва маймунҳо зиндагӣ мекунанд.*

*Олами ҳайвоноти зериобӣ низ хеле гуногун аст. Ин ҳайвонҳо ба тарзи ҳаёти обӣ мутобиқ шудаанд. Аз ҳама ҳайвони калони сайёраи мо кити кабуд низ дар баҳру уқёнусҳо зиндагӣ мекунад. Хӯрокаш аз ҳайвонҳои майда ва рустаниҳои зериобӣ иборат аст.*

*Баъзе ҳайвонҳои минтақаҳои хунук, масалан, хирси сафед ва пингвин дар зери пӯсташон қабати ғафси равған доранд, ки онҳоро аз хунукӣ муҳофизат мекунад. Хӯроки ин ҳайвонҳо асосан моҳӣ аст.*

*Парандагоне, ки дар соҳили ботлоқу обанборҳо зиндагӣ мекунанд, пойҳои дароз доранд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ҷойҳои тунукоб гашта, хӯрок ба даст оранд.*

*Хулоса, ҳайвонҳоро дар ҳама ҷо вохӯрдан мумкин аст. Олимон ҳаёти ҳайвонҳои минтақаҳои гуногуни Заминро омӯхта, муайян кардаанд, ки онҳо қобилияти ба шароити муҳити зист мутобиқ шудан доранд.*

Аз расмҳои зерин ва расму тасвирҳои дигари дастрас истифода бурда метавонед:



*Фили африқоӣ бо бачааш*



*Шер*



Кити кабуд



Пингвинҳои Антарктида

3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Усули гурӯҳбандӣ ба ихтиёри муаллим. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
   - Дар гурӯҳ муҳокима намуда, масъалаҳои зеринро ҳал кунед:
     – *Морҳо дар минтақаҳои салқин (муътадил) асосан рӯзона фаъолият мекунанд, дар минтақаҳои гарм бошад - шабона. Сабабашро фаҳмонед.*
     – *Ба фикри шумо, барои чӣ хар дар хоктӯдаҳо ғел мезанад?*
     – *Бештари ҳайвонҳо зуд-зуд насл медиҳанд, вале шумораашон зиёд намешавад. Сабаб дар чист?*
   - Коратонро ба ҳамсинфон рӯйнамо кунед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс – кор бо диаграммаи Венн. Аз диаграммаи Венн истифода бурда, ба хонандагон чунин супориш диҳед:

   - *Ҷиҳатҳои фарққунанда ва монандии наботот ва ҳайвонотро муайян кунед.* Ҷиҳатҳои фарққунанда дар ду тарафи диаграмма ва монандии онҳо дар мобайни диаграмма навишта мешавад.

   Намунаи Диаграммаи Венн:




6) Хулосабарории дарс. Якҷоя бо хонандагон хулосаҳои асосии дарсро бароред. Фикрҳои онҳоро оид ба маводди азхудшуда пурсед. Бигзор хонандагон таассуроти хешро оид ба мавзӯъ гӯянд.

   Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Дар тамоми кураи Замин ҳайвонҳо зиндагӣ мекунанд.*
   - *Ҳайвонҳо ҳам ба монанди рустаниҳо ба шароити муҳити зист мутобиқ мешаванд.*
   - *Ин мутобиқшавӣ ба ҳайвонот имкон медиҳад, ки хӯрок пайдо кунанд ва худро аз душманон ҳифз намоянд.*

7) Дарсро ҷамъбаст ва дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед.

Супориши хонагӣ:
- ✓ *Матни китобро хонед ва мафҳумҳои нофаҳморо нависед:*
- ✓ *Оид ба яке аз ҳайвонҳои маҳалли худ маълумотнома ё иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Ҳайвонҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд?*
- *Барои ҳаёти ҳар як ҳайвон кадом шароитҳо заруранд?*
- *Оид ба мутобиқати ҳайвонҳо мисол оред.*
- *Ранги муҳофизаткунанда барои ҳайвонҳо чӣ аҳамият дорад?*
- *Оид ба мутобиқати ҳайвонҳои маҳалли худ мисол оред.*

Намунаи тестҳо:

1. Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.

Ҷои зисти ҳайвонҳоро дар сайёраи Замин муайян кунед:

А. Минтақаҳои гарм
Б. Дар хушкӣ
В. Дар ҳама ҷои кураи Замин
Г. Минтақаҳои хунук

(Ҷавоб: В)

2. Ҷумларо пурра кунед (Калимаи партофташударо ёбед):

Ҳайвонҳо ҳам ба монанди рустаниҳо ба шароити муҳити зист қобилияти ______________ доранд.

(Ҷавоб: мутобиқшавӣ)

3. Мувофиқа намоед (Ҷавобҳои дурустро аз сутуни рост ёбед).

Ҳайвонҳоро бо мутобиқаташон мувофиқ гузоред:

| | |
|---|---|
| 1. Аспи ёбоӣ | А. Барои ба дарахт баромадан мутобиқ шудааст |
| 2. Маймун | Б. Равғани ғафс ӯро аз хунукӣ муҳофизат мекунад |
| 3. Калтакалос | В. Қобилияти тез давидан дорад |
| 4. Хирси сафед | Г. Рангаш ӯро аз душманонаш ҳимоя мекунад |

(Ҷавоб: 1-В; 2-А; 3-Г; 4-Б)

## § 20.Занҷири ғизо дар табиат (1соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- зарурати ғизо гирифтани организмҳоро гӯянд;
- дар бораи он, ки мавҷудоти зинда ҳамдигарро ба сифати ғизо истифода мебаранд маълумот диҳанд;
- баomántаври содда ва мураккаб «Занҷири ғизо»-ро фаҳмонанд;
- зинаҳои занҷири ғизоро бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ нишон диҳанд;
- ҳангоми баёни фикр аз расму тасвирҳо ва воситаҳои навишторӣ истифода баранд.

**Барнома.** Ғизогирии организмҳо. Силсила (занҷир)-и ғизо – ҳамдигарро ба сифати хӯрок истеъмол кардани организмҳои зинда. Занҷири сода ва мураккаби ғизо. Зинаҳо дар занҷири ғизо. Мисолҳои силсилаи ғизо дар табиат.Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ ва расму

тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ. Расмкашӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Масъалагузорӣ бо истифодаи кластер. Ба хонандагон бо саволи зерин муроҷиат кунед ва ҷавобҳои онҳоро дар нақша (кластер) нависед.
   Савол:
   - *Чаро организмҳои зинда ғизо мегиранд?*

   Намунаи кластер:




   Миқдори хӯшаҳо (доирачаҳои атроф)-и кластерро вобаста ба миқдори ҷавоби хонандагон каму зиёд кардан мумкин аст.
2) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ. Оид ба хусусиятҳои занҷири ғизо ба хонандагон маълумот диҳед. Аз расмҳои дастрас истифода баред. Ба хонандагон мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Ҳамаи мавҷудоти зинда бояд хӯрок хӯранд. Хӯроки аз ҳама дастрас барои мавҷудоти зинда ин рустаниҳо мебошанд.*

*Дар табиат силсилае вуҷуд дорад, ки аз рӯйи он мавҷудоти зинда якдигарро ҳамчун ғизо истифода мебаранд. Инро **занҷири ғизо** мегӯянд. Оғози ин занҷир рустаниҳо мебошанд.*

*Барои рустаниҳо танҳо нури Офтоб, об, ҳаво ва хок лозиманд. Онҳо ин чизҳоро аз муҳити атроф мегиранд. Организмҳои дигар бошад, танҳо бо нури Офтоб ва об қаноат намекунанд.*

*Занҷири ғизо аз якчанд зина иборат аст. Зинаи аввалро рустаниҳо ташкил медиҳанд. Ба зинаи дуюм организмҳое дохил мешаванд, ки рустаниҳоро ҳамчун ғизо истифода мебаранд. Зинаи сеюмро дарандаҳо ташкил медиҳанд. Онҳо ҳайвонҳои алафхӯрро истеъмол мекунанд. Дарандаҳое ҳастанд, ки дарандаи нисбат ба худ хурдро мехӯранд. Хуллас, занҷири ғизо аз 3-4 зина иборат буда метавонад.*

*Гарчанде занҷири ғизо, ба назари мо, сода намояд ҳам, дар асл он хеле мураккаб аст.*

Расмҳо барои истифода:

Занҷири одии ғизо



Занҷири мураккаби ғизо



3) Бозии таълимӣ – «Кӣ зудтар?». Бозиро дар шакли мусобиқа (эстафета) гузаронед. Зинаҳои гузаронидани бозӣ:
   - Дар тахтаи синф ду коғази калон (флипчарт)-ро овезон кунед. Агар коғази калон набошад, тахтаи синфро ба ду ҳисса ҷудо кунед;
   - Номи ҳайвонҳоро ба миқдори баробар ва бо номгӯи якхела дар ҳар ду сутуни тахта нависед;
   - Хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед ва онҳоро дар ду қатор, паси ҳам рӯ ба тахтаи синф гузоред;
   - Ба хонандагон фаҳмонед, ки бо ишораи ман дар муддати 2 дақиқа аз ҳар қатор як нафарӣ (аз пеши қатор сар карда) дар рӯ ба рӯйи ҳайвонҳои навишташуда чӣ хӯрдани онҳоро менависад ва қалам (ё бӯр)-ро ба рафиқаш дода, худаш ба қафои қатор мегузарад;
   - Баъди анҷоми вақти муайяншуда корро қатъ кунед;
   - Ҷавобҳои ҳар ду гурӯҳро шуморед, дурустии ҷавобҳоро санҷед ва муайян кунед, ки кадом гурӯҳ ғолиб омадааст;
   - Ба ифтихори гурӯҳи ғолиб чапакзанӣ кунед.

**Намунаи супориши тахтаи синф:**

| Гурӯҳ (қатор)-и 1 | Гурӯҳ (қатор)-и 2 |
|---|---|
| Гург - | Гург - |
| Гӯсфанд - | Гӯсфанд - |
| Буз - | Буз - |
| Хар - | Хар - |
| Гов - | Гов - |
| Шер - | Шер - |
| Паланг - | Паланг - |
| Мурғ - | Мурғ - |
| Муш - | Муш - |
| Магас - | Магас - |
| Кирм - | Кирм - |
| Кабӯтар - | Кабӯтар - |
| Кабк - | Кабк - |
| Рӯбоҳ - | Рӯбоҳ - |
| Малах - | Малах - |

4) Мустаҳкамкунии донишҳои андӯхташуда. Аз рӯйи масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва дониши онҳоро мустаҳкам намоед.
5) Хулосабарорӣ. Бо хонандагон дар якҷояги хулосаҳои дарсро бароред. Аз онҳо пурсед, ки имрӯз аз дарс чиро омӯхтанд.
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед. Супориш ба хона:
    - *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед.*
    - *Аз аҳли оила оид ба мавзӯи имрӯза маслиҳат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Чаро организмҳои зинда ғизо мегиранд?*
- *Оид ба силсилаи ғизо (занҷири ғизо) чӣ гуфта метавонед, шарҳ диҳед.*
- *Зинаҳои силсилаи ғизоро номбар кунед.*
- *Оид ба якчанд намуди занҷири ғизо мисолҳо оред.*
- *Занҷири сода аз мураккаб чӣ фарқ дорад?*
- *Дар занҷири ғизо аз ҳама поён чӣ меистад?*
- *Дар занҷири ғизо аз ҳама боло чӣ меистад?*

Намунаи тестҳо:

1. Пайдарҳамиро муайян кунед (дар хоначаҳои холӣ рақам гузоред).

Ҷойгиршавии организмҳоро дар ҷадвал мувофиқи занҷири ғизо муайян кунед:

| | |
|---|---|
| | Харгӯш |
| | Алаф |
| | Паланг |
| | Рӯбоҳ |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: 1-2, 2-1, 3-4, 4-3)

2. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Кадоме аз ин организмҳо дар занҷири ғизо аз ҳама боло меистад?

А. Муш
Б. Гиёҳ
В. Санҷоб
Г. Уқоб

(Ҷавоб: Г)

3. Мувофиқа кунед (Ҷавобҳои дурустро аз сутуни тарафи рост ёбед).

Зинаҳои занҷири ғизоро бо организмҳо мувофиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Зинаи 3 | А. Рустаниҳо |
| 2. Зинаи 2 | Б. Дарандаҳо |
| 3. Зинаи 1 | В. Ҳайвонҳои алафхӯр |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-В; 3-А)

4. Ҷумларо пурра кунед (Калимаҳои партофташударо ёбед):

Дар табиат мавҷудоти зинда якдигарро ҳамчун ғизо истифода мебаранд, ки онро ____________ ________ меноманд.

(Ҷавоб: занҷири ғизо)

## § 21.Гардиши моддаҳо дар табиат (1соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- организмҳоеро, ки дар гардиши бузурги ҳаёт иштирок мекунанд, номбар кунанд;
- хусусияти организмҳои истеҳсолкунандаро шарҳ диҳанд;
- хусусияти организмҳои истеъмолкунандаро фаҳмонанд;
- оид ба организмҳои вайронкунанда маълумот диҳанд;
- нақши рустаниҳоро дар гардиши ҳаёт нишон диҳанд;
- аҳамияти гардиши бузурги ҳаётро барои табиати Замин фаҳмонанд.

**Барнома.** Гардиши бузурги ҳаёт. Ба амал омадани гардиши моддаҳо тавассути гардиши ҳаёт. Организмҳои итеҳсолкунанда, истеъмолкунанда ва вайронкунанда. Нақши рустаниҳо дар гардиши ҳаёт. Аҳамияти гардиши бузурги ҳаёт дар табиат. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз кор борасм оғоз кунед.Бо ин мақсад аз расми зерин истифода бурда метавонед:




Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расмро бодиққат аз назар гузаронанд ва оид ба мазмуни он фикрҳои худро пешниҳод намоянд.Барои кумак ба хонандагон аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:

- *Дар расм чиро мебинед?*
- *Кадом ашёи табиати ғайризинда ва зинда тасвир ёфтааст?*
- *Тирчаҳои сурх чиро ифода мекунанд?*
- *Чаро тирчаҳо байни онҳо давр мезананд?*

2) Шиносӣ бо гардиши бузурги ҳаёт. Маълумотро оид ба гардиши ҳаёт дар табиат ба хонандагон пешниҳод кунед. Ҳангоми шиносӣ аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон истифода баред. Мазмуни маълумоти пешниҳодшаванда чунин буда метавонад:

*Дар яке аз дарсҳои гузашта мо дар бораи гардиши об дар табиат сухан ронда будем. Ҳоло бошад, мебинем, ки гардиши ҳаёт дар табиат чӣ гуна ба амал меояд.Организмҳои зиндае, ки дар гардиши ҳаёт иштирок мекунанд, ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:* ***1. Истеҳсолкунандаҳо; 2. Истеъмолкунандаҳо; 3. Вайронкунандаҳо.***

*Ба истеҳсолкунандаҳо рустаниҳо дохил мешаванд. Дар табиат фақат рустаниҳо метавонанд нури Офтоб, гази карбонат ва обро истифода бурда, моддаҳои ғизоӣ истеҳсол кунанд. Моддаҳои ғизоӣ гуфта, мо қанд, оҳар ва равғанро дар назар дорем. Рустаниҳо ин моддаҳоро дар баргу поя, реша ва меваашон захира мекунанд.*

*Ҳайвонҳо ба гурӯҳи истеъмолкунандаҳо дохил мешаванд.Онҳо моддаҳои истеҳсолкардаи рустаниҳоро мехӯранд. Аз ин хотир,ҳайвонҳоро организмҳои истеъмолкунанда меноманд.*

*Микроорганизмҳо ва занбӯруғҳо боқимондаи мурдаи ҳайвонот ва рустаниҳоро вайрон карда, онҳоро мепӯсонанд. Моддаҳои пӯсида ба хок баргашта, аз нав барои рустаниҳо ғизо мешаванд. Барои ҳамин микроорганизмҳо ва занбӯруғҳоро вайронкунандаҳо мегӯянд.*

*Ҳангоми гардиши моддаҳо дар табиат хок низ нақши асосӣ мебозад. Дар хок моддаҳои ғизоӣ ҷамъ мешаванд, ки онҳоро рустаниҳо истифода мебаранд.*

*Ҳамин тавр, ҳамаи организмҳои зинда ва хок иштирокчиёни асосии гардиши бузурги ҳаёт дар табиат ба ҳисоб меравандд.*

*Гардиши ҳаёт дар табиат муҳим аст. Ба воситаи гардиши ҳаёт дар табиат ҳамаи организмҳои зинда барои худ хӯрок меёбанд.*

3) Амалия дар дунафараҳо – кор бо ҷадвал.Хонандагонро ба дунафараҳо муттаҳид намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки организмҳои дар гардиши ҳаёт иштироккунандаро мувофиқан дар ҷадвал гузоранд.

Намунаи ҷадвал:

| Истеҳсолкунандаҳо | Истеъмолкунандаҳо | Вайронкунандаҳо |
|---|---|---|
| | | |

Баъди анҷоми вақт натиҷаи кори дунафараҳои хоҳишмандро гӯш кунед.

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунӣ. Масъалаҳои асосии дарсро тариқи саволу ҷавоб бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст намоед. Дар якҷоягӣ бо хонандагон хулосаҳо барорет. Аз онҳо чунин суолро пурсед: Шумо аз дарси имрӯза чӣ омӯхтед? Дар асоси ҷавобҳои онҳо хулосаҳои дарс бароварда мешавад. Хулосаҳои дарс тахминан чунин мешаванд:
   - ✓ *Дар гардиши ҳаёт се гурӯҳи организмҳо иштирок мекунанд: истеҳсолкунандаҳо, истеъмолкунандаҳо ва вайронкунандаҳо.*
   - ✓ *Истеҳсолкунандаҳо рустаниҳо мебошанд.*
   - ✓ *Истеъмолкунандаҳоро асосан ҳайвонот ташкил медиҳанд.*
   - ✓ *Вайронкунандаҳо микроорганизмҳо ва занбӯруғҳоянд.*
   - ✓ *Нақши хок низ ҳангоми гардиши моддаҳо дар табиат бузург аст.*
   - ✓ *Ба воситаи гардиши ҳаёт дар табиат ҳамаи организмҳои зинда барои худ хӯрок меёбанд.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, хонандагонро барои иштироки фаъолонаашон дастгирии мусбӣ кунед.
8) Барои хона супориш диҳед:
   - *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед.Маънои онҳоро дарси оянда аз ҳамсинфон ва омӯзгорон пурсед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

**Намунаи саволу супоришҳо:**

- *Кадом гурӯҳи организмҳо дар гардиши ҳаёт иштирок мекунанд?*
- *Хосияти организмҳои истеҳсолкунандаро шарҳ диҳед.*
- *Хосияти организмҳои истеъмолкунандаро фаҳмонед.*
- *Чаро микроорганизмҳоро организмҳои вайронкунанда меноманд?*
- *Аҳамияти гардиши ҳаёт дар табиат аз чӣ иборат аст?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Кадоме аз ин организмҳо моддаҳои ғизоӣ истеҳсол мекунанд?

А. Рустаниҳо

Б. Ҳайвонот

В. Микроорганизмҳо

Г. Занбӯруғҳо

(Ҷавоб: А)

2. Мувофиқа кунед (ҷавобҳои дурустро аз тарафи рост ёбед)

Гурӯҳҳоро бо организмҳое, ки дар гардиши ҳаёт иштирок мекунанд, мувофиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Истеҳсолкунанда | А. Ҳайвонот |
| 2. Истеъмолкунанда | Б. Занбӯруғҳо |
| 3. Вайронкунанда | В. Рустаниҳо |

(Ҷавоб: 1-В; 2-А; 3-Б)

3. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Дар хок моддаҳои ғизоӣ ҷамъ мешаванд, ки онҳоро растаниҳо _____________ мебаранд.

(Ҷавоб: истифода)

## § 22. Ҳифзи муҳити зист (1 соат)

**Салоҳиятҳо:**

– Муҳити атрофи маҳалашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳои гуногун меандешад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мафҳуми «экология»-ро шарҳ диҳанд;
- сабабҳои ифлос шудани табиатро гӯянд;
- оқибатҳои ин ифлосшавиро барои табиат ва саломатии одам фаҳмонанд;
- ҳолати партовгоҳҳои мактаб ва маҳаллашонро мушоҳида кунанд ва хулосаи зарурӣ бароранд;
- ҳиссаи мактаббачагонро дар беҳдошти вазъи экологии маҳали худ нишон диҳанд.

**Барнома.** Экология – илм дар бораи ҳифзи муҳити зист. Ифлосшавии табиат ва сабабҳои он. Оқибатҳои ифлосшавии табиат. Беҳдошти вазъи экологии табиат. Вазъи экологии маҳали худ ва мактаб. Саҳми хонандагон дар беҳдошти вазъи экологии маҳал.Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо, воситаҳои навишторӣ ва матн.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед ва ҷавобҳои ҷолиби хонандагонро дар тахта (лавҳа) нависед. Аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - *Аз назди маҳалли шумо кадом дарё ё ҷӯй мегузарад?*
   - *Оби онро мардум барои кадом корҳо истифода мебаранд?*
   - *Ҳолати тозагии об чӣ гуна аст?*
   - *Мардум партовҳои худро дар куҷо мепартоянд?*
   - *Шумо илмеро медонед, ки ба тозагии муҳит машғул бошад?*

   Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед ва фикри хонандагонро шунавед.

2) Шиносоӣ бо илми экология ва масъалаҳои экологӣ дар табиат. Оид ба ин масъала расмҳо ва аёниятҳои дастрасро истифода баред. Дар ҷараёни фаҳмондадиҳӣ ба таҷрибаҳои ҳаётии хонандагон такя кунед. Мазмуни зеринро ба онҳо пешниҳод карда метавонед:

*Шумо бисёр вақт ба воситаи телевизору радио оид ба ифлос шудани табиат ва кам шудани набототу ҳайвонот ҳар гуна хабарҳо мешунавед. Пас, маълум мешавад, ки табиати мо ифлос шуда истодааст. Илме вуҷуд дорад, ки ба ин масъала машғул аст. Ин илмро экология мегӯянд.*

*Калимаи «экология» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънояш «айкос» - хона, ё муҳит буда, «логос» - илм мебошад.*

*Экология илмест, ки алоқамандии байни организмҳои зиндаро бо муҳити атроф меомӯзад.Инчунин экология роҳҳои беҳдошти муҳити зистро нишон медиҳад.*

Нақшаи зеринро барои фаҳмондани мавзӯъ истифода баред:




*Дар замони ҳозира об, ҳаво ва хок аз партовҳои саноат ва нақлиёт хеле ифлос шудаанд. Мувофиқи маълумотҳо дар сайёраи Замин ҳар сол ба ҳаво миллионҳо тонна гарду чанг ва газҳои заҳролуд сар дода мешаванд. Дар натиҷа муҳит ифлос шуда, бисёр намуди рустаниҳо ва ҳайвонот нест магарданд.*

*Ҳолати дарёҳо низ хеле бад аст. Аз корхонаҳои саноатӣ ба дарёҳо ҳар гуна моддаҳои заҳролуду ифлосро мепартоянд. Обҳои ифлосе, ки аз шаҳрҳо ҷорианд, ба дарёҳо ҳамроҳ мешаванд. Дар натиҷа, мавҷудоти зиндаи дарёҳо аз таъсири ин моддаҳо заҳролуд мешаванд, таъмин намудани одамон бо оби нӯшокӣ душвор мегардад.*

*Масъалаи аз ҳама мураккаби экологӣ дар замони ҳозира – ин ҷамъ шудани партовҳо аст. Аз рӯйи ҳисоби олимон партовҳо дар рӯйи замин баъди ҳар даҳ сол ду маротиба зиёд шуда истодаанд. Кӯҳи партов. Бо он чӣ кор кунем?Роҳи аз ҳама осон оташзанӣ аст. Аммо ин кор оқибати хуб надорад. Зеро ҳангоми сӯзондани партовҳо дуду чанги зиёд ва моддаҳои заҳрнок ба ҳаво хориҷ шуда, захираи гази оксиген кам мешавад. Оксиген барои нафаскашии одам ва организмҳои зинда лозим мебошад. Аз ин рӯ, партовҳоро сӯзонидан лозим нест. Онҳоро дар заводҳои махсус аз нав кор кардан зарур аст.Ифлосшавии табиат боиси дар одам пайдо шудани касалиҳои гуногун мегардад.*

*Барои беҳтар намудани ҳолати экологии сайёраамон мактаббачагон низ ҳиссаи худро гузошта метавонанд. Агар мо муҳити синфхона, мактаб ва маҳалеро, ки дар он зиндагӣ мекунем, тозаю озода нигоҳ дорем, он гоҳ дар масъалаи тозагии сайёра ҳиссаи худро мегузорем.*

Расмҳо барои истифода:



*Ифлоскунандаҳои табиат*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Дар гурӯҳ маслиҳат намуда, ифлоскунандаҳои маҳалли худро муайян кунед ва роҳҳои пеширии онҳоро нишон диҳед;*
   - *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*
6) Мустаҳкамкунӣ. Масъалаҳои асосии мавзӯъро аз хонандагон ба тариқи саволу ҷавоб пурсида, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
7) Хулосабарорӣ. Бо саволи «Шумо аз дарси имрӯза чӣ омӯхтед?» ба хонандагон муроҷиат карда, фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст кунед ва хулосаҳои дарсро бароред. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Экология - илм дар бораи алоқамандии байни организмҳои зинда бо муҳити атроф буда, роҳҳои беҳдошти онро нишон медиҳад.*
   - *Экология дар замони имрӯза аҳамияти ниҳоят муҳим пайдо кардааст, зеро табиати сайёраи Замин ифлос гардида, аҳволи набототу ҳайвонот дар рӯи замин бад шудааст.*
   - *Дар беҳтар намудани ҳолати экологии сайёраамон мактаббачагон низ саҳми худро гузошта метавонанд.*
8) Дарсро ҷамъбаст намоед. Дониши хонандагонро қадр кунед. Барои хона супориш диҳед. Супориш барои хона чунин буда метавонад:
   - ✓ *Оид ба дарси имрӯза бо аҳли оилаатон суҳбат кунед ва роҳҳои пешгирии ифлоскунандаҳои хонаро бо онҳо маслиҳат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Экология чиро меомӯзад?*
- *Кадом олим мафҳуми «Экология»-ро аввалин бор ба илм дохил намудааст?*
- *Масъалаҳои имрӯзаи экологиро шарҳ диҳед.*

- *Барои чӣ партовҳоро сӯзонидан мумкин нест?*
- *Ҳавои ифлос ба саломатии одам чӣ гуна таъсир мерасонад?*
- *Мактаббачагон барои беҳдошти вазъи экологии сайёра кадом корҳоро анҷом дода метавонанд?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро дар давра гиред.

Экология чиро меомӯзад?

А. Алоқамандии ҳаво, об ва хок
Б. Алоқамандии одамон бо табиат
В. Алоқамандии мавҷудоти зинда бо муҳит
Г. Алоқамандии олимон бо муҳити зист

(Ҷавоб: В)

2. Ақидаҳои дурустро интихоб кунед (дар давра гиред):

А. Экология муносибати организмҳоро бо муҳити зист меомӯзад.
Б. Вазъи экологии сайёраи Замин он қадар бад нест.
В. Вазъи экологии сайёраи Замин ниҳоят бад мебошад.
Г. Ифлосшавии ҳаво боиси пайдоиши касалиҳои гуногун мегардад.
Ғ. Мактаббачагон ба тозагии атроф кор надоранд.
Д. Хонандагон метавонанд дар тозагии муҳити атроф саҳм гузоранд.

(Ҷавоб: А,В,Г,Д)

## § 23. Ҳайвонот ва набототи нодир (1 соат)

**Салоҳиятҳо:**
- Таъсири истифодаи нодурусти унсурҳои табиатро шарҳ дода, роҳҳои муҳофизати онро нишон медиҳад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- моҳияти Китоби сурхро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- баъзе ҳайвонот ва набототи ба Китоби сурх дохилшударо номбар кунанд;
- бо овардани мисоли мушаххас муносибати хунукназаронаи инсонро, ки боиси аз байн рафтани ҳайвонҳо гаштааст, нишон диҳанд;
- аҳамияти мамнуъгоҳро дар ҳифзи олами зинда шарҳ диҳанд;
- оид ба ҳифзи ҳайвонот ва набототи маҳалли худ маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

**Барнома.** Китоби сурх. Мақсади ташкили Китоби сурх. Организмҳои ба Китоби сурх дохилшуда. Мамнӯъгоҳ ва мақсади ташкили он. Фаъолиятҳое, ки дар мамнӯъгоҳ манъ карда шудааст.Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранокии машғулият, дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз суҳбат оид ба Китоби сурх оғоз кунед. Ба хонандагон саволҳо диҳед ва фикрҳои онҳоро муҳокима намоед. Саволҳои зеринро истифода бурда метавонед:
   - *Шумо оид ба ибораи Китоби сурх чизе шунидаед?*
   - *Ин чӣ гуна китоб аст?*
   - *Чаро ранги онро сурх кардаанд?*
2) Шиносоӣ бо маълумот оид ба китоби сурх ва мамнӯъгоҳ. Барои шиносоии хонандагон мазмуни зеринро истифода бурда метавонед:

***Китоби сурх.*** *Дар ин китоб оид ба наботот ва ҳайвоноти камшудаистода ва азбайнрафта маълумот дода мешавад. Барои он Китоби сурх мегӯянд, ки* ***ранги сурх аломати хатарро ифода мекунад.*** *Гӯё ин китоб ба мо хабар медиҳад, ки наботот ва ҳайвонот дар хатаранд, ба онҳо кумак кунед! Яъне номи ҳайвонот ва набототи ба ин китоб воридшуд хавфи нестшавӣ таҳдид мекунад. Мо бояд онҳоро эҳтиёт кунем ва ҳифз намоем.*

*Рӯйхати ҳайвонот ва набототе, ки аз табиат тамоман несту нобуд шудаанд. Дар Китоби Сурх рӯйхати онҳо бо ранги сиёҳ навишта мешавад. Инсоният дигар ҳеҷ гоҳ онҳоро баргардонида наметавонад. Яке аз чунин ҳайвонҳо паланги тӯронӣ мебошад, ки як вақтҳо дар кишвари мо зиндагӣ мекард. Ҳоло ин ҳайвони зебо бе бозгашт аз байн рафтааст. Одамон солҳои 50-уми асри гузашта охирин паланги тӯрониро паронданд.*

***Мамнӯъгоҳ.*** *Мамнӯъгоҳ муассисаи махсус буда, зери назорат ва ҳимояи давлат қарор дорад. Дар мамнӯъгоҳ намудҳои наботот ва ҳайвоноти камшудаистодаро ҳифз мекунанд. Ба онҳо имконият медиҳанд, ки озодона зиндагӣ карда, наслашонро зиёд кунанд. Бо ҳамин роҳ набототу ҳайвонотро аз нестшавӣ нигоҳ медоранд. Духтурон ва шахсони масъул дар мамнӯъгоҳ аз ҳолати саломатии ҳайвонҳо мунтазам бохабар шуда меистанд.*

*Шикори ҳайвонот ва буридани дарахтон дар мамнӯъгоҳ қатъиян манъ аст. Шахсоне, ки худсарона ба ин кор даст мезананд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.*

Дар раванди шиносоӣ аз расми зерин истифода баред:



3) Бозии таълимӣ. Якчанд рафтори дуруст ва нодурусти одамро нисбат ба ҳайвонот ва наботот ба хонандагон пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки дурустӣ ва нодурустии онҳоро муайян кунанд.
   Намуна:
   - ⇒ *Шикорчӣ кабки зебоеро дид, ки болои тухмҳояш хобидааст. Ӯ нишон гирифта, кабкро парронд ва гирифта ба хонааш овард.*
   - ⇒ *Шикорчӣ кабки фарбеҳеро дид, ки бо чӯҷаҳояш дона мехӯрд. Ӯ кабкро ба нишон гирифт, аммо напарронд. Оқибат бо дасти холӣ ба хона баргашт.*
   - ⇒ *Марде дар нисфи зимистон ҳезумашро тамом кард ва табарро гирифта, дарахти дар теппаи пушти хонааш бударо бурид ва ҳезум кард.*
   - ⇒ *Ҷавоне бо табар дарахти тареро буридан мехост, марди ҳамсоя омада ӯро аз ин кораш боздошт.*
   - ⇒ ……….. идома диҳед!
4) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Барои иҷрои супориш ба гурӯҳҳо вақти муайян диҳед. Дар вақти кор ба назди ҳар як гурӯҳ рафта, назорат баред ва агар лозим шавад, кумак кунед.

Супориш ба гурӯҳҳо:

- *Дар гурӯҳ маслиҳат намуда, муайян кунед, ки кадом ҳайвон ё набототи маҳалли шумо ба муҳофизат ниёз дорад ва ӯро чӣ тавр бояд ҳифз кард;*
- *Коратонро ба рафиқон муаррифӣ кунед.*

5) Муаррифӣ. Аз ҳар гурӯҳ як нафар хонанда натиҷаи корашонро ба дигарон пешниҳод мекунад. Дар вақти баромади гурӯҳҳо аз дигар хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷойҳои нофаҳмояшонро пурсанд ё илова кунанд. Барои ҳалли масъалаҳои муҳим ба хонандагон кумак кунед ва онҳоро ба роҳи дурусти ҳалли масъала равон созед. Вазъиятҳоро аз ҳама тараф дида бароед. Аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон истифода баред.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.
7) Мустаҳкамкунӣ ва хулосабарорӣ. Аз рӯйи масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва ҷавобҳои онҳоро муттаҳид карда, хулосаҳои дарсро бароред.
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   - *Мавзӯи имрӯзаро бо аҳли оилаатон муҳокима кунед. Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣкунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Бо кадом сабабҳо аҳволи наботот ва ҳайвонот дар табиат бад аст?*
- *Ба хотири пешгирӣ кардани нестшавии ҳайвонот ва наботот кадом чораҳо андешида шудааст?*
- *Оид ба Китоби Сурх маълумот диҳед.*
- *Аҳамияти мамнӯъгоҳро шарҳ диҳед.*
- *Кадом наботот ва ҳайвоноти маҳалли шуморо ҳифз кардан лозим аст?*

Намунаҳои тест:

1. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Китоби сурх ва мамнӯъгоҳҳоро барои __________ олами наботот ва ҳайвонот ташкил намудаанд.

(Ҷавоб: ҳифзи)

2. Ҷавоби дурустро интихоб намоед.

Кадом ҳайвон, ки як вақтҳо дар Тоҷикистон зиндагӣ мекард, ҳоло нест шудааст?

А. Гурбаи ваҳшӣ
Б. Паланги тӯронӣ
В. Гурги сафед
Г. Шутури сурх

(Ҷавоб: Б)

3. Мувофиқа кунед (Ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Мафҳумҳоро бо маълумот мувофиқ гузоред:

| | |
|---|---|
| 1. Китоби сурх | А. Наботот ва ҳайвонот ҳифз мешаванд |
| 2. Мамнӯъгоҳ | Б. Бо ранги сурх ифода ёфтааст |
| | В. Рӯйхати сиёҳ дорад |
| | Г. Кормандони махсус дорад |

(Ҷавоб: 1-Б,В; 2-А,Г)

# Боби IV. Узвҳои бадани инсон ва ҳифзи саломатӣ

## § 24. Сохти бадани одам (1 соат)

**Салоҳият:**

– Таъсири истифодаи нодурусти унсурҳои табиатро шарҳ дода, роҳҳои муҳофизати онро нишон медиҳад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- хусусияти умумии сохти бадани одамро фаҳмонанд;
- узвҳои бадани одамро ба берунӣ ва дохилӣ ҷудо кунанд;
- мафҳумҳои «узв» ва «системаи узвҳо»-ро шарҳ диҳанд;
- вазифаҳои пӯстро ҳамчун воситаи бовариноки ҳифзи организми одам шарҳ диҳанд;
- қоидаҳои гигиенӣ-санитарии пӯстро гӯянд ва дар ҳаёт риоя кунанд.

**Барнома.** Сохти бадани одам. Узвҳои одам. Системаи узвҳо. Вазифаҳои муайянро иҷро кардани узвҳо ва системаи узвҳо. Пӯст. Нақши пӯст барои организми одам. Қоидаҳои гигиенӣ ва нигоҳубини пӯст. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи матн ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Навиштани мафҳумҳо. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранокии машғулият дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз гузоштани саволҳо оғоз кунед. Аз саволҳои зерин истифода баред:
   *е) Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст?*
   *ж) Узвҳои берунӣ ва дохилии организми одамро номбар кунед;*
   *з) Узвҳо барои мо кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?*
   Аз рӯи саволҳо бо хонандагон каме муҳокимаронӣ карда, донишҳои пешина – дар синфҳои поёнӣ гирифтаашонро ба хотир оред.
2) Шиносоӣ бо узвҳои бадани одам. Номи мавзӯъро дар тахтаи синф нависед**. Сохти бадани одам. Пӯст.** Оид ба мавзӯъ ба тариқи сӯҳбат маълумот диҳед. Аз расму тасвир ва аёниятҳои дастрас истифода баред. Таҷрибаи ҳаётии хонандагонро истифода баред. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

   ***Бадани одам.*** *Бадани одамро узвҳо ташкил медиҳанд. Узвҳои одамро ба узвҳои берунӣ ва узвҳои дохилӣ ҷудо мекунанд. Узвҳои берунии одам чашм, гӯш, бинӣ, даст, пой ва ғайра мебошанд. Узвҳои дохилиро шуш, меъда, рӯда, гурда, дил, ҷигар ва ғайра ташкил медиҳанд. Ҳар як узви бадани мо кори муайянеро иҷро мекунад, бинобар ин сохти махсус дорад.*

   *Узвҳо дар якҷоягӣ амал карда, ягон фаъолияти ҳаётии организмро иҷро мекунанд, ки онро системаи узвҳо меноманд. Дар бадани одам якчанд системаи узвҳо вуҷуд дорад: системаҳои нафасгирӣ, асаб, гардиши хун, ҳозима ва ғайра.*

Нақшаи зеринро дар тахтаи синф тасвир кунед:

**Бадани одам**

↓

**Узвҳо**

| Узвҳои берунӣ | Узвҳои дохилӣ | Системаи узвҳо |
|---|---|---|
| – *Даст* | – *меъда* | – *ҳозима* |
| – *пой* | – *гурда* | – *нафаскашӣ* |
| – *гӯш* | – *рӯда* | – *асаб* |
| – *чашм* | – *дил* | – *гардиши хун* |
| – *бинӣ ва ғ.* | – *ҷигар ва ғ.* | – *ихроҷ ва ғ.* |

***Нақшаи сохти бадани одам***

*Одам бояд чӣ кор кунад, ки баданаш доим солиму бардам бошад? Барои ин ҳар шахс бояд сохт ва кори узвҳои бадани худро донад, ба қоидаҳои тозагӣ ва реҷаи рӯз риоя кунад. Чуноне бузургон гуфтаанд: «Ҳар кас бояд табиби худ бошад».*

***Пӯст.*** *Бадани одам аз берун бо пӯст пӯшида шудааст. Агар ягон ҷойи пӯсти баданро бо пурбин (асбоби калоннишондиҳанда, микроскоп) аз назар гузаронем, мебинем, ки дар он мӯй ва сӯрохиҳои бисёре ҳастанд. Пӯст баданро аз ҳар гуна таъсироти беруна ҳифз намуда, ба воситаи сӯрохиҳои он обу намаки зиёдатӣ ва равғани бадан ба берун хориҷ мешаванд.*

*Араќи бадан чиркину бӯи ғализ дорад. Бинобар ин пӯсти баданро доимо шуста, тоза нигоҳ доштан лозим аст. Одам бояд ҳар пагоҳ дасту рӯяшро шуста, ҳафтае ду маротиба баданашро собуншӯй кунад, то ки сӯрохиҳои пӯст бо чирк маҳкам нашаванд. Оби гарм ва собун пӯстро аз ифлосию микробҳо тоза мекунад.*

*Дар вақтҳои салқини рӯз пӯстро шамол додан (дар ҳавои тоза сайру гашт кардан) ва қабул кардани нурҳои Офтоб ба пӯст фоида дорад. Бо ин кор мо пӯстамонро обутоб медиҳем.*

Расмҳо барои истифода:



*Узвҳои дохилии одам*




*Сохти пӯсти одам*

3) Кори гурӯҳӣ – хонандагонро ба дунафараҳо муттаҳид кунед ва чунин супориш диҳед:
   - ✓ *Пӯсти аз ҳама ғафс дар кафи пойҳои одам ҷойгир аст, ки ғафсии он ба ним сантиметр баробар аст. Сабаби чунин ғафсӣ доштани пӯстро дар кафи пои одам муайян кунед;*
   - ✓ *Коратонро ба ҳамсинфон пешниҳод кунед.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.

5) Мустаҳкамкунии дарс. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бо хонандагон ба таври саволу ҷавоб дида бароед.
6) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст кунед. Хулосаҳои дарсро якҷоя бо хонандагон бароред. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Дар байни мавҷудоти зинда одам аз ҳама организми мураккаб дорад.*
   - *Бадани одамро узвҳо ташкил додаанд. Узвҳои бадани одамро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо мекунанд.*
   - *Узвҳо дар якҷоягӣ амал карда, ягон фаъолияти ҳаётии организмро иҷро мекунанд, ки онро системаи узвҳо меноманд.*
   - *Одам бояд мунтазам пӯсти баданашро бо собун шуста, тоза нигоҳ дорад ва онро обутоб диҳад.*
7) Супориши хонагӣ. Ба хонандагон чунин супориш диҳед:
   - *Оид ба нигоҳбин ва тоза нигоҳ доштан пӯст иншои хурд (эссе) нависед. Барои ин кор аз волидон маслиҳат пурсед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Сохти бадани одамро чӣ ташкил медиҳад?*
- *Узвҳои одамро ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо кунед.*
- *Чиро системаи узвҳо меноманд?*
- *Вазифаҳои пӯстро номбар кунед ва шарҳ диҳед.*
- *Одам бояд чӣ кор кунад, ки баданаш доим солиму бардам бошад?*
- *Қоидаҳои санитарӣ - гигиении пӯстро гӯед.*

**Намунаи тестҳо:**

1. Харфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.

Узвҳои бадани одамро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Кадомҳо?

А. Берунӣ ва дохилӣ
Б. Болоӣ ва поёнӣ
В. Чап ва рост
Г. Системаи узвҳо

(Ҷавоб: А)

2. Мувофиқа намоед (ҷавоби дурустро аз тарафи рост ёбед):

Ҳолати пӯстро бо хусусиятҳояш мувофиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Пӯсти ифлос | А. Микроб ва ифлосӣ надорад, солим аст |
| 2. Пӯсти тоза | Б. Чиркин ва бадбӯй аст |
| | В. Осон ҳаво мегирад ва хушбӯй аст |
| | Г. Мумкин аст ба бемориҳо гирифтор шавад |

(Ҷавоб: 1-Б,Г; 2-А,В)

3. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Одам бояд ҳамавақт пӯсти баданашро __________ нигоҳ дорад ва онро _____________ диҳад.

(Ҷавоб: тоза, обутоб)

## § 25.Системаи асаб ва узвҳои ҳис (1 соат)

**Салоҳият:**

– Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- узвҳои системаи асабро номбар кунанд;
- аҳамияти мағзи сар ва ҳароммағзро барои организми инсон гӯянд;
- аз рӯйи расму суробҳо ҷойи ҷойгиршавии мағзи сар ва ҳароммағзро нишон диҳанд;
- аҳамияти аъзои ҳисро фаҳмонанд;
- роҳҳои муҳофизати аъзои ҳисро аз таъсироти зарарноки атроф нишон диҳанд.

**Барнома.**Сохти системаи асаб. Мағзи сар ва ҳароммағз. Вазифаҳои системаи асаб. Аъзоҳои ҳис – шунавоӣ, биноӣ, бӯйфаҳмӣ ва маззафаҳмӣ. Аҳамияти аъзои ҳис ва гигиенаи онҳо. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи расму тасвирҳо ва воситаҳои навишторӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дар атрофи саволҳои зерин бо хонандагон суҳбат кунед:
   – *Чаро одам дар бораи чизе фикр мекунад?*
   – *Бо кадом сабаб мо дардиалам мекашем, хурсанд ва ё ғамгин мешавем?*
   – *Оид ба мағзи сар ва ҳароммағз чӣ гуфта метавонед?*
   – *Садои мусиқӣ ба шумо чӣ гуна таассурот мебахшад?*
   – *Чаро одам бӯйи сӯхтагиро ҳис карда, безобита мешавад?*

Ҷавобҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, ба онҳо номи мавзӯъро пешниҳод кунед ва гӯед, ки ба ин саволҳо мо дар ин дарс ҷавоби пурра меёбем.

2) Шиносоӣ ба маълумот оид ба системаи асаб ва узвҳои ҳис. Дар рафти шиносоӣ ба таҷрибаҳои ҳаётии хонандагон такя кунед ва маълумоти пешниҳодшавандаро бо ҳаёти онҳо пайвандед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

*Одам ҳар лаҳза ҳаракатҳои гуногунро иҷро мекунад. Баробари ин узвҳои бадан низ кор мекунанд. Тамоми ҳаракат ва кори узвҳои бадани моро мағзи сар ва ҳароммағз идора мекунанд. Мағзи сар дар косахонаи сар ҷой гирифтааст. Ҳароммағз бошад, мисли ресмон дар дохили сутунмӯҳра ҷойгир аст. Вазифаи ҳароммағз аз он иборат аст, ки хабарро аз майнаи сар ба узвҳо ва аз узвҳо ба майнаи сар мебарад.*

*Аз майна ва ҳароммағз ба тамоми бадан торҳои асаб паҳн мешаванд. Торҳои асаб ба риштаҳои сафед монананд. Онҳо хабари ҳар он чизеро, ки мебинем, мешунавем ва ҳис мекунем, ба мағзи сар мебаранд. Мағзи сар, ҳароммағз ва торҳои асаб дар якҷоягӣ системаи асабро ташкил медиҳанд.*

*Одам **панҷ аъзои ҳис** дорад. Онҳо ба одам оид ба ашё, ҳодисаҳо ва хатарҳои атроф маълумот медиҳанд.*

*Ба аъзои ҳисси одам чашм, гӯш, бинӣ, забон ва пӯст дохил мешаванд. Бо ёрии ин узвҳо мо гармию хунукӣ, рӯшноӣ, садо, мазза, дард, бӯй ва расидани чизеро ҳис мекунем. Барои ҳамин мо чароғаки сурхи роҳнаморо дида меистем, занги телефонро шунида, гӯшаки онро мебардорем, бӯйи хӯрокро ҳис карда, ба ошхона меравем ва ғайра.*

*Инсон бояд узвҳои ҳисро муҳофизат намояд. Чашми одам бисёр нозук аст, онро аз равшанӣ ва торикии зиёд бояд эҳтиёт кард. Дар вақти китобхонӣ ва навиштан чашмро аз китоб ё дафтар дар масофаи 30-35 см дур нигоҳ доштан лозим. Баъди ҳар 20-30 дақиқаи хондан ва навиштан каме танаффус кардан лозим, то ки чашм дам гирад.*

*Гӯшро бо гӯгирдчӯб ё ягон ашёи сахт кофтан мумкин нест. Зеро садопардаи гӯш метавонад зарар бинад. Аз садои баланд низ узви шунавоӣ зарар мебинад.*

*Аз касалии зуком (грипп) эҳтиёт шудан лозим аст, чунки бӯйфаҳмии одамро хеле кам мекунад. Дар натиҷа, одам хӯроки кӯҳнашударо аз бӯяш нафаҳмида, истеъмол менамояд ва заҳролуд шуданаш мумкин аст. Агар ба гӯшу бинӣ ягон чиз дарояд, зуд ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.*

*Забонро, ки узви маззафаҳмии мост, аз хӯроки гарми сӯзон ё оби ҷӯш эҳтиёт бояд кард.*

*Бо ёрии пӯст мо расидани чизе, гармӣ, хунукӣ ва дардро ҳис мекунем. Инчунин бо пӯсти кафи даст ва ангуштон мо ашёро ламс карда, онҳоро муайян карда метавонем.*

Расмҳо барои истифода:



*Мағзи сар*




*Ҳароммағз*



*Узвҳои ҳис*

3) Бозӣ – «Маззаашро ёбед!».

Қадамҳои бозӣ:

*А. Ба хонандагон номи меваҳои гуногунро гӯед ва хоҳиш кунед, ки маззаи онҳоро дар дафтарашон нависанд;*
*Б. Дафтарҳояшонро бо шарикашон иваз кунанд ва дурустии кори рафиқашонро санҷанд;*
*В. Дафтарҳоро ба соҳибаш баргардонанд ва бинанд, ки дар куҷо хато кардаанд;*
*Г. Дунафара аз болои хатоҳо кор кунанд.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дониш. Масъалаҳои асосии мавзӯъро ба таври мухтасар бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед. Бо ин мақсад аз саволу ҷавоб истифода бурда метавонед.
6) Хулосабарорӣ ва ҷамъбасти дарс. Оид ба маводди азхудшуда фикрҳои хонандагонро шунавед ва якҷоя бо онҳо хулосаҳои дарсро бароред. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Тамоми ҳаракат ва кори узвҳои бадани моро мағзи сар ва ҳароммағз идора мекунанд.*
   - *Мағзи сар, ҳароммағз ва торҳои асаб системаи асабро ташкил медиҳанд.*
   - *Одам панҷ аъзои ҳис дорад. Онҳо ба одам оид ба ашё ва ҳодисаҳои атроф маълумот медиҳанд ва аз хатар огоҳ мекунанд.*
   - *Инсон бояд узвҳои ҳисро аз ҳар гуна таъсирҳои зарарнок муҳофизат намояд.*

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ:
   ⇒ *Оид ба мавзӯи имрӯза, дар ҳаҷми 4-5 ҷумла иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Мағзи сар ва ҳароммағз дар куҷои бадани одам ҷой гирифтаанд?*
- *Аҳамияти мағзи сар ва ҳароммағз аз чӣ иборат аст?*
- *Оид ба вазифаи ҳароммағз маълумот диҳед.*
- *Ба системаи асаб кадом узвҳо дохиланд?*

- *Одам чанд аъзои ҳис дорад? Онҳоро номбар кунед.*
- *Аҳамияти аъзои ҳисро шарҳ диҳед.*
- *Инсон бояд аз кадом таъсирҳои беруна узвҳои ҳисро муҳофизат намояд?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби зиёдатиро муайян кунед.

Кадоме аз ин узвҳо ба системаи асаб дохил намешаванд?

А. Мағзи сар

Б. Гурда

В. Ҳароммағз

Г. Торҳои асаб

(Ҷавоб: Б)

2. Мувофиқа намоед (ҷавоби дурустро аз тарафи рост ёбед).

Узвҳои ҳисро бо вазифаҳояшон мувофиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Чашм | А. Бӯйфаҳмӣ |
| 2. Гӯш | Б. Мазафаҳмӣ |
| 3. Бинӣ | В. Ламскунӣ |
| 4. Забон | Г. Дидан |
| 5. Кафи даст | Д. Шунидан |

(Ҷавоб: 1-Г; 2-Д; 3-А; 4-Б; 5-В)

3. Ҷумларо пурра кунед (Калимаи партофташударо ёбед):

Инсон бояд узвҳои ҳисси худро аз ҳар гуна таъсирҳои зарарноки атроф _____________ намояд.

(Ҷавоб: муҳофизат)

## § 26. Скелет ва мушакҳои одам (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мафҳуми «скелет»-рошарҳ диҳанд;
- қисмҳои асосии скелети одамро номбар кунанд;
- вазифаҳои скелет ва мушакҳоро гӯянд;
- аҳамияти варзиши баданро барои инкишофи дурусти скелету мушакҳо шарҳ диҳанд;
- ба варзиши бадан машғул шаванд.

**Барнома.**Скелет – такягоҳи одам. Қисмҳои скелет – косахонаи сар, сутунмуҳра,қабурғаҳо ва устухонҳои дасту пой. Мушакҳои бадани одам. Вазифаи мушакҳо. Аҳамияти скелету мушакҳо. Варзиши бадан – сабабгори инкишофи дурусти скелету мушакҳо. Кор бо матн, воситаҳои навиштории ва расму тасвирҳо. Бозиҳои таълимӣ барои дарки масъала. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**.

1) Номи мавзӯъро ба хонандагон гӯед (дар тахтаи синф нависед).
2) Нақшаи зеринро дар тахтаи синф тасвир кунед. Оид ба мавзӯъ ба хонандагон масъалагузорӣ кунед ва аз рӯйи ҷавобҳои онҳо сутуни аввали ҷадвалро пур кунед.
   Намунаи ҷадвал:

| | |
|---|---|
| ……………….. ……………………<br>……………………………………..<br>…… …………………. ……………<br>………………. …………………….<br>………………………… | |

Намунаи савол барои пур кардани ҷадвал:

- ✓ *Оид ба скелет ва мушакҳои одам чӣ медонед?*

3) Шиносоӣ бо маълумоти назариявии мавзӯъ. Оид ба хусусияти одии скелет ва мушакҳои одам ба хонандагон маълумот диҳед. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Шиносоиро ба тариқи сӯҳбат гузаронед.

Мазмуни зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

***Скелет.*** *Дар зери пӯсту мушакҳои одам устухонҳои сахт мавҷуданд. Онҳо хеле зиёданд ва ҳамаи онҳоро дар якҷоягӣ скелет меноманд. Устухонҳои скелет тавре пайваст шудаанд, ки мо ҳаракатҳои гуногунро иҷро карда метавонем.*

*Скелети одам аз устухонҳои косахонаи сар, устухонҳои тана (сутунмӯҳра, қафаси сина, кос) ва устухонҳои дасту пойҳо иборат аст.*

*Агар одам скелет намедошт, қомати худро рост нигоҳ дошта наметавонист. Мо ба скелети худ такя намуда, рост меистем, медавем, хаму рост мешавем. Скелет узвҳои нозуки дохилии бадани моро аз ҳар гуна зарбу лат муҳофизат мекунад. Мисол, скелети косахонаи сар мағзи сарро муҳофизат мекунад; қафаси сина шуш, дил, ва ҷигарро; сутунмӯҳра ҳароммағзро.*

***Мушакҳо.*** *Устухонҳои баданро мушакҳо печонда гирифтаанд. Тамоми бадани одам мушак дорад: дасту пой, тахтапушту шикам, сару гардан, хуллас, ҳама ҷой.*

*Дар натиҷаи кашишхӯрӣ ва суст шудани мушакҳо одам роҳ мегардад, медавад, меҷаҳад, чизеро мебардорад, мерақсад, менависад, сухан мегӯяд ва имою ишора мекунад. Мушакҳо кори дил, меъда, шуш ва дигар узвҳои дохилии одамро низ таъмин мекунанд.*

Аз расмҳои зерин истифода бурда метавонед:



Скелет



Мушакҳо

*Барои дуруст инкишоф ёфтани скелету мушакҳо одам бояд саҳар барвақт аз хоб хеста, варзиши пагоҳирӯзӣ кунад. Инчунин дар корҳои оилавӣ ва мактаб ба калонсолон ёрӣ расонад.*

*Шахсе, ки мунтазам кори ҷисмонӣ мекунад, ё ба варзиш машғул мешавад, мушакҳои пурқувват дорад ва саломатиаш хуб аст. Одами танбалу коргурез ва хоболуд мушакҳои сусту заиф дошта, саломатиаш ҳам он қадар хуб нест.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
Супориш ба гурӯҳҳо:
   - *Дар гурӯҳ маслиҳат намуда, муайян кунед, ки хонандагони синфи 3 кадом намуди машқҳои ҷисмонӣ ва корҳои рӯзгорро бояд иҷро кунанд, ки ба саломатиашон зарар нарасонад;*
   - *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

   Барои иҷрои кор ба гурӯҳҳо вақт диҳед. Аз болои корашон назорат баред ва дар ҳолати зарурӣ кумак намоед. Баъди анҷоми вақти ҷудошуда муаррифии корҳоро ба роҳ монед.
6) Мустаҳкамкунӣ. Ба ҷадвал ва саволи аввали дарс бармегардем ва бори дигар ба хонандагон муроҷиат намоед. *Оид ба скелет ва мушакҳои одам чӣ медонед?*
Ҷавоби хонандагонро дар сутуни дуюми ҷадвал нависед.
Баъд аз анҷоми фикрҳои хонандагон ҷадвалро номгузорӣ кунед: сутуни 1 - «Дониши ман дар аввали дарс», сутуни 2 – «Дониши ман дар охири дарс». Нигаред ба намунаи зерин:

| **Донишҳои ман дар аввали дарс** | **Дониши ман дар охири дарс** |
|---|---|
| ……………….. ……………………<br>……………………………………..<br>…… …………………. ……………<br>…………….. ……………………<br>…………………………………….. | ……………………………… ……..<br>……………………………………….<br>…………… ………………………...<br>………………… …………………<br>………………………………………<br>………………… …………………<br>…… ………………… ……………..<br>……………………………………<br>…………………………………… |

   Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки донишҳои аввали дарс ва ҳозираашонро бинанд ва муқоиса кунанд. Албатта дар охири дарс дониши онҳо меафзояд.
7) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст кунед. Дониши хонандагонро бо суханони рӯҳбаландкунанда қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   ✓ *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳмoро нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Чиро скелет меноманд?*
- *Қисмҳои скелети одамро номбар кунед.*
- *Вазифаҳои скелет аз чӣ иборат аст?*
- *Мушакҳо кадом вазифаҳоро иҷро менамоянд?*
- *Чаро мо бояд ба варзиши бадан машғул шавем?*

**Намунаи тестҳо:**

1. Ҷавоби дурустро интихоб кунед (дар давра гиред).

Скелети қафаси сина кадоме аз ин узвҳоро муҳофизат мекунад?

А. Даст

Б. Чашм

В. Гӯш

Г. Шуш.

(Ҷавоб: Г)

2. Мувофиқа намоед (ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Вазифаи скелет ва мушакҳоро муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Вазифаи скелет | А. Қисмҳои скелетро ба ҳаракат медарорад |
| 2. Вазифаи мушак | Б. Кори узвҳои дохилии одамро таъмин мекунад |
| | В. Барои одам ҳамчун такягоҳ хизмат мекунад |
| | Г. Узвҳои дохилии баданро муҳофизат мекунад |

(Ҷавоб: 1-В,Г; 2-А,Б)

3. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Скелет ва мушакҳо дар якҷоягӣ системаи ________ ва __________ одамро ташкил медиҳанд.

(Ҷавоб: такя, ҳаракат)

## § 27. Узвҳои гардиши хун ва ихроҷ (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- вазифаи дилро барои организми инсон гӯянд;
- узвҳои системаи гардиши хунро номбар кунанд;
- набзи худро ҳисоб кунанд;
- сохт ва вазифаҳои гурдаро шарҳ диҳанд;
- узвҳое, ки системаи ихроҷи шошаро ташкил медиҳанд, номбар кунанд;
- хангоми баёни фикр аз расму тасвирҳо ва воситаҳои навишторӣ истифода баранд.

**Барнома.** Вазифаи дил. Рагҳои хунгард. Набз. Ҳисоб кардани набз.Системаи гардиши хун. Гурдаҳо ва вазифаи онҳо. Шакли гурдаҳо. Системаи ихроҷи шоша. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо матн, расму тасвирҳо ва воситаҳои навишторӣ.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат намоед:
   - *Одам кадом узвҳои дохилӣ дорад?*
   - *Оид ба дил ва гурдаҳо чӣ медонед?*
   - *Вазифаи ин узвҳо аз чӣ иборат аст?*
2) Шиносоӣ бо маводди назариявии мавзӯъ. Оид ба сохт ва вазифаҳои узвҳои гардиши хун ва узвҳои ихроҷи шоша, гурдаҳо ба хонандагон маълумот диҳед. Ҳангоми шиносоӣ аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Шиносоиро тариқи суҳбат ба роҳ монед. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

***Гардиши хун.*** *Ҳар як узви бадани одам хун дорад. Хун дар бадани одам бо рагҳои хунгард ҳаракат мекунад. Дар рагҳои хунгарди одами калонсол тақрибан 5 литр хун аст. Вазифаи асосии хун ба организм кашондани моддаҳои ғизоӣ ва гази оксиген мебошад.*

***Дил.*** *Хун дар рагҳои хунгард бевосита ҳаракат карда наметавонад. Онро дил ба ҳаракат медарорад. Дил дар ковокии нимаи чапи сина ҷойгир шудааст (нигаред ба расм). Дил якҷоя бо рагҳои хунгард системаи гардиши хунро ташкил медиҳанд. Хун дар рагҳо бо суръати тез ҳаракат мекунад ва дар муддати 26 сония тамоми баданро пурра давр мезанад.*

*Агар одам бо ягон сабаб нисфи хунашро бой диҳад, ҳалок мешавад. Барои ҳамин баданро аз хунравӣ муҳофизат кардан лозим аст. Меҳнати ҷисмонӣ ва варзиш барои мустаҳкам шудани мушакҳои дил фоида мерасонанд.*

***Гурда.*** *Гурда дар ковокии шикам аз тарафи тахтапушт ҷойгир шудааст. Шакли гурда ба дони лӯбиё монанд аст. Одам дуто гурда дорад.*

*Вазифаи гурдаҳо аз он иборат аст, ки обу намак ва моддаҳои барои одам зарарнокро аз хун ҷудо карда, хунро тоза мекунанд. Обу намаки аз хун ҷудокардашуда пешобро ҳосил карда, бо найчаҳои махсус ба пешобдон меоянд. Ҳангоми пур шудани пешобдон пешоб бо роҳи махсус аз организм ба берун хориҷ мешавад.*

Расмҳо барои истифода.

*Ҷойгиршавии дил*



*Системаи ихроҷи шоша*



3) Кори дунафарӣ. Хонандагонро ба дунафараҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Аз қисми пеши банди даст ҷои набзро ёбед (чи тавре ки дар расм нишон дода шудааст):*



   - *Ҳисоб кунед, ки дар як дақиқа набзи шумо чанд маротиба мезанад.*
   - *Натиҷаашро дар дафтар қайд кунед.*
   - *Аз натиҷаи набзи рафиқатон бохабар шуда, бо набзи худатон муқоиса кунед ва хулоса бароред.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Лаҳзаҳои асосии дарсро бори дигар бо хонандагон муҳокима намуда, донишҳои онҳоро мустаҳкам кунед. Ба хотири мустаҳкамкунии дарс аз пурсиш-посух истифода бурда метавонед.
6) Хулосабарорӣ. Якҷоя бо хонандагон хулосаҳои дарсро бароред ва таассуроти онҳоро аз дарс пурсон шавед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - *Кадом лаҳзаҳои дарс ба шумо писанд омад?*
   - *Аз мавзӯи имрӯза кадом маълумоти нав гирифтед?*
   - *Ин донишҳоро дар куҷо истифода бурда метавонед?*

   Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Хун дар тамоми бадани одам бо рагҳои хунгард ҳаракат мекунад ва дар рагҳои хунгарди одами калонсол тақрибан 5 литр хун аст.*
   - *Дил якҷоя бо рагҳои хунгард системаи гардиши хунро ташкил медиҳанд.*
   - *Меҳнати ҷисмонӣ ва варзиш барои мустаҳкамии дил фоида мерасонанд.*
   - *Вазифаи гурдаҳо аз он иборат аст, ки обу намак ва моддаҳои барои одам зарарнокро аз хун ҷудо мекунанд.*
   - *Гурда, пешобдон ва роҳҳои пешобгузарро дар якҷоягӣ системаи ихроҷи шоша меноманд.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориш ба хона:
   А. *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед;*
   Б. *Супориши зеринро иҷро кунед:*
   - *Дили одам дар 1 дақиқа ба ҳисоби миёна 70 маротиба, дар як соат 4200 маротиба, дар як шабонарӯз 100800 маротиба, дар як моҳ зиёда аз 3 миллион маротиба метапад (кашиш мехӯрад).*
   - *Агар одам 75 сол умр бинад, пас ҳисоб кунед, ки то охири умр дили одам чанд маротиба кашиш мехӯрад. (Инро дар хона бо ёрии падару модар ҳисоб кардан мумкин аст).*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Хун дар организми одам кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?*
- *Вазифаи дил дар организми мо аз чӣ иборат аст?*
- *Сохт ва вазифаҳои гурдаро шарҳ диҳед.*
- *Узвҳоеро, ки системаи ихроҷи шошаро ташкил медиҳанд, номбар кунед.*
- *Кадом корҳо боиси мустаҳкамии дил мегарданд?*

Намунаи тестҳо:

1.Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Кадом узв дар организм хунро ба ҳаракат медарорад?

А. Шуш

Б. Дил

В. Гурда

Г. Ҷигар

(Ҷавоб: Б)

2. Мувофиқа намоед (Ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Вазифаи дил ва гурдаҳоро муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Вазифаи дил | А. Обу намакҳоро аз таркиби хун ҷудо мекунад |
| 2. Вазифаи гурда | Б. Хунро ба рагҳо тела медиҳад |
| | В. Хунро дар организм ба ҳаракат медарорад |
| | Г. Хунро аз моддаҳои зарарнок тоза мекунад |

(Ҷавоб: 1-Б,В; 2-А,Г)

3. Ҷумларо пурра кунед (Адади партофташударо ёбед):

Хун дар рагҳо бо суръати тез ҳаракат мекунад ва дар муддати ___ сония тамоми баданро пурра давр мезанад.

(Ҷавоб: 26)

## §28.Узвҳои нафасгирӣ (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- узвҳои нафасгирии одамро номбар кунанд;
- оид ба таркиби ҳавое, ки мо нафас мегирем, маълумот диҳанд;
- аз рӯи тасвир самти ҷорӣ шунадани хунеро, ки дар шуш аз оксиген бой шудааст, нишон диҳанд;
- аҳамияти бо бинӣ нафас гирифтанро фаҳмонанд;
- зарурати шамол додани ҳавои дохили хона ё синфро шарҳ диҳанд;
- аҳамияти кабудизоркунии шаҳру деҳотро дар тоза намудани ҳаво гӯянд.

**Барнома.** Нафасгирӣ ва аҳамияти он. Узвҳои нафасгирӣ. Таркиби ҳавое, ки мо нафас мегирем. Аз оксиген бой шудани хун дар шуш. Аҳамияти бо бинӣ нафас гирифтан. Аҳамияти шамол додани ҳавои хона ва кабудизоркунии муҳити атроф. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Иншои хурд.Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз суҳбат оид ба аҳамияти нафаскашӣ оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:
   - ✓ *Барои чӣ одам нафас мегирад?*
   - ✓ *Чанд дақиқа бе нафасгирӣ зинда мондан мумкин аст?*
   - ✓ *Чаро ҳавои хонаро тоза кардан зарур аст?*
   - ✓ *Бо кадом сабаб мегӯянд, ки дарахту буттаҳоро зиёд шинонед?*

   Дар атрофи ин саволҳо бо хонандагон суҳбат кунед ва донишҳои пешинаи онҳоро бедор намоед.
2) Шиносоӣ бо хусусиятҳои нафаскашӣ. Хонандагонро бо узвҳои нафаскашӣ ва аҳамияти нафаскашӣ шинос кунед. Раванди шиносоиро бо тариқи суҳбат ба роҳ монед. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред.

   Оид ба ин масъала аз мазмуни зерин истифода бурда метавонед:

   *Одам ҳамеша ҳам дар хоб ва ҳам дар бедорӣ нафас мекашад. Нафасгирӣ бо ёрии ковокии даҳону бинӣ, ҳалқ, нойи нафас (хирной) ва паллаҳои шуш сурат мегирад.*

   *Вақте ки мо нафас мегирем, ҳаво аз бинӣ ва даҳон ба нойи нафас гузашта, ба шуш дохил мегардад. Шуш дар қафаси сина ҷойгир шуда, аз ду палла иборат аст. Дар шуш рагҳои сершумори хунгард вуҷуд доранд. Хун бо ин рагҳо ба шуш омада, аз ҳавои нафасгирифтаи мо гази оксигенро мегирад. Хуни аз оксиген бойшуда ба тамоми бадан паҳн мегардад. Ҳавои камоксигени дар шуш боқимонда, ҳангоми нафасбарорӣ ба берун хориҷ мешавад.*

   *Ҳавое, ки мо нафас мегирем, дар таркибаш ҳар гуна гарду чанг ва моддаҳои барои организми инсон зарарнок дорад. Бо бинӣ нафас гирифтан беҳтар аст. Зеро баъзе гарду чангҳо ҳангоми нафасгирӣ дар ковокии бинӣ дармонда, ҳавои нисбатан тоза ба шуш дода мешавад. Ғайр аз ин дар ковокии бинӣ ҳавои хунук гарм шуда, одамро аз беморӣ нигоҳ медорад.*

   *Агар одам дар дохили бино, хона ё синф муддати зиёд истода бошад, ҳис мекунад, ки ҳавои хона вазнин аст. Ҳавои вазнини камоксиген ҳангоми нафасбарорӣ пайдо мешавад. Бинобар ин дару тирезаҳоро кушодан лозим аст, то ки ба хона ё синф ҳавои тоза дарояд.*

Расмҳо барои истифода:




*Системаи нафаскашӣ*




*Гардиши хун ва аз оксиген бой шудани он*

3) Кори гурӯҳӣ. Мувофиқи хоҳиши худатон хонандагонро ба се ё чор гурӯҳ ҷудо кунед. Ба ҳамаи гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
   - *Дар деҳот барои чорвои хонагӣ хошок овmarданд. Писараке, ки хошокро ба каҳдон медаровард, ба даҳону биниаш дока баста буд ва бо душворӣ нафас мегирифт. Гӯед, ки ин кори писарак дуруст аст? Барои чӣ?*
   - *Муайян кунед, ки дар маҳалли шумо кадом омилҳо ба нафаскашии одам зарарнок аст. Номи онҳоро нависед.*
   - *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

   Дар вақти кори гурӯҳҳо ба назди онҳо рафта, барои пешравии корашон кумак расонед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Дониши азхудкардаи хонандагонро бо тариқи саволу ҷавоб мустаҳкам кунед. Дар раванди мустаҳкамкунӣ аз расму тасвирҳо истифода баред ва аз рӯйи онҳо ба хонандагон саволу супориш диҳед.
6) Хулосабарории дарс. Оид ба дарси имрӯза таассуроти хонандагонро пурсида, хулосаҳои дарсро барoред. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Ба узвҳои нафас - ковокии даҳону бинӣ, ҳалқ, нойи нафас ва паллаҳои шуш дохил мешаванд, ки онҳоро системаи нафасгирӣ меноманд.*
   - *Дар шуш рагҳои сершумори хунгард вуҷуд доранд, ки хун ба воситаи онҳо ба шуш омада, гази оксигенро мегирад ва ба тамоми бадан паҳн мекунад.*
   - *Ҳавои хонае, ки дар дохили он муддати зиёд одамон нишастаанд, вазнин аст, бинобар ин дару тирезаҳояшро кушода, биноро шамол додан лозим.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш барои хона:

   - *Оид ба аҳамияти ҳавои тоза дар ҳаҷми на кам аз 5-6ҷумла иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Одам дар кадом ҳолат нафас мегирад?*
- *Узвҳои нафасгирии одамро номбар кунед.*
- *Оид ба таркиби ҳавое, ки мо нафас мегирем, маълумот диҳед.*
- *Чаро бо бинӣ нафас гирифтан ба саломатии мо фоида дорад?*
- *Аз чӣ сабаб ҳавои дохили хона ё синфро шамол додан лозим аст?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҳарфи ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Ҳавое, ки мо нафас мегирем, ба куҷо меравад?

А. Ковокии даҳону бинӣ, шуш ва дил

Б. Ковокии даҳону бинӣ, нойи нафас ва гурда

В. Ковокии даҳону бинӣ, ҳалқ, нойи нафас ва шуш

Г. Ковокии даҳону бинӣ, дил ва ҷигар

(Ҷавоб: В)

2. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед):

Дар таркиби ҳавое, ки мо аз он нафас мегирем, ҳар гуна гарду чанг ва моддаҳои барои организми инсон ____________ мавҷуданд.

(Ҷавоб: зараровар)

## § 29.Узвҳои ҳозима (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти як қатор унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиати муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.
- Оид ба нишон додани омилҳои барои саломатии инсон беҳдошт, зиёновар ва хатарнок корҳои муайянро иҷро мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- таркиби хӯроки солимро номбар кунанд;
- ҳаракати хӯрокро дар узвҳои ҳозима (системаи ҳозима) шарҳ диҳанд;
- қоидаҳои хӯрокхӯриро номбар кунанд;
- аҳамияти дандонро дар ҳазми хӯрок фаҳмонанд;
- эҳтиёт кардани дандонҳо ва тарзи нигоҳубини онҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳанд ва дар амал татбиқ намоянд.

**Барнома.** Хӯроки солим.Меваю сабзавот манбаи ғизои солим. Узвҳои ҳозима. Ҳаракати хӯрок дар роҳи ҳозима. Қоидаҳои хӯрокхурӣ. Дандонатро эҳтиёт кун! Тарзи дурусти тоза намудани дандонҳо ва нигоҳубини онҳо. Кор бо матн ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи воситаҳои навишторӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз таҳлили мисраҳои шеърӣ оғоз кунед:

*Ғизои кам шифоангез бошад,*

– *Бале, асли даво парҳез бошад.*

Аз рӯйи мазмуни шеър ба хонандагон масъалагузорӣ кунед. Масалан:

✓ *Дар мисраҳои шеърӣ сухан дар бораи чӣ меравад?*

✓ *Чарои шоир истеъмоли ғизои камро тавсия медиҳад?*
✓ *Чаро мо дарси имрӯзаро аз таҳлили пораи шеърӣ оғоз кардем?*
✓ *Имрӯз мавзӯи дарси мо бояд чӣ бошад?*

Саволи охиронро муҳокима карда, номи мавзӯъро фаҳмонед.

2) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ. Маълумоти зеринро ба хонандагон пешниҳод кунед:

*Одам бе хӯрок зиндагӣ карда наметавонад. Бадани одам ҳама вақт ба моддаҳои ғизоӣ эҳтиёҷ дорад. Ғизо аз маҳсулоти рустанӣ ва ҳайвонҳо тайёр карда мешавад. Ғизо махсусан барои хурдсолон муҳим аст. Организми онҳо аз ҳисоби моддаҳои ғизоӣ инкишоф меёбад ва мустаҳкам мегардад.*

*Хӯроки одам бояд гуногун бошад. Баробари нон, боз маҳсулоти ширию гӯштӣ ва меваю сабзавоти ҳархеларо истеъмол кардан лозим аст. Агар одам муддати дароз фақат хӯроки якхела истеъмол кунад, бадани ӯ тамоми моддаҳои барои ҳаёт лозимиро гирифта наметавонад.*

*Ҳазми хӯрок аз ковокии даҳон сар мешавад. Хӯрок дар ковокии даҳон хоида, майда карда шуда, ба сурхрӯда мегузарад ва то меъда меравад. Аз таъсири шираи меъда хӯрок каме ҳазм шуда, ба рӯда дохил мегардад. Дар рӯда пурра ҳазм мешавад ва ғизояш ҷаббида шуда, ба хун меравад. Хун ин моддаҳои ғизоиро ба тамоми организм тақсим мекунад. Ҷигар ва талха низ дар ҳазми хӯрок иштирок мекунанд. Боқимондаи хуроки ҳазмнашуда аз рӯда ба берун хориҷ мегардад. Ҳамаи узвҳое, ки дар ҳазми хӯрок иштирок мекунанд, ба системаи ҳозима дохил мешаванд.*

*Агар мо хоҳем, ки хӯроки истеъмолкардаамон дар бадан хуб ҳазм шавад, бояд ба қоидаҳои хӯроккурӣ риоя кунем. Қоидаҳо инҳоянд:*

- *пеш аз хӯроккурӣ дастҳоро бо собун шустан;*
- *аз зарфи тозаи алоҳида хӯрок хӯрдан;*
- *рӯзе се-чор маротиба хӯрок хӯрдан;*
- *сабзавот ва меваро пеш аз хӯрдан бо оби тоза шустан;*
- *луқмаи хӯрокро дар даҳон нағз хоида, майда кардан;*
- *дар вақти хӯроккурӣ сухан нагуфтан;*
- *хӯроки шабмондаи бӯйнокро истеъмол накардан.*

*Барои хӯроккурӣ дандонҳо аҳамияти калон доранд. Онҳо дар даҳон луқмаро хоида, майда мекунанд. Одами калонсол 32 дандон дорад. Ҳар як дандон аз берун бо моддаи сахт пӯшида шудааст, ки онро сири дандон меноманд. Дар дохили дандон торҳои асаб ва рагҳои хунгард мавҷуданд.*

*Нигоҳубин ва муҳофизати дандонҳо барои ҳар як одам зарур аст. Агар мо чизҳои сахтро бо дандон шиканем, ё баъди хӯроки гарм оби хунук нӯшем, сири дандонҳо кафида ба он микробҳо медароянд. Дар натиҷа, дандон сиёҳ шуда, ба дард медарояд ва оқибат мегалтад. Шахсе, ки ба чунин ҳолат гирифтор шудааст, бояд зуд ба духтур муроҷиат намояд. Одам бояд ҳар саҳар ва шаб (пеш аз хоб) дандонҳояшро бо чӯтка ва хамираи дандоншӯӣ тоза кунад.*

Расмҳо барои истифода:

Системаи ҳозима






*Тарзи тоза кардани дандонҳо*

3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Маълум аст, ки ғунҷоиши меъдаи одам 1-1,5 литр аст. Шахсе дар тӯй 5 табақ ош хӯрд ва дере нагузашта шикамаш ба дард даромад. Ӯ ҳайрон шуд, охир вай дастонашро шуста, хӯрокро оҳиста-оҳиста хӯрда буд. Пас чаро шикамаш дард мекунад? Сабабашро фаҳмонед.*

   Аз болои кори гурӯҳҳо назорат баред ва дар ҳолати зарурӣ ба онҳо кумак кунед. Барои иҷрои кор вақт диҳед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Мафҳумҳои асосии дарси имрӯзаро бо тариқи саволу ҷавоб аз хонандагон пурсед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Хулосабарории дарс. Ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат кунед: Аз дарси имрӯза чӣ омӯхтед? Ҷавобҳои хонандагонро шунавед ва якҷоя бо онҳо хулосаҳои дарсро бароред. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Дар бадани одам ҳама вақт моддаҳои ғизоӣ сарф мешаванд, бинобар ин одам бе хӯрок зиндагӣ карда наметавонад.*

- *Хӯрок аз даҳон ба воситаи сурхрӯда то меъда рафта, аз он ба рӯда мегузарад. Дар рӯда ғизои хӯрок ҷаббида шуда, боқимондаи он аз бадан ба берун хориҷ мешавад.*
- *Барои хӯрокхурии мо дандонҳо аҳамияти калон доранд, онҳо дар ковокии даҳон луқмаро хоида, майда мекунанд.*
- *Одам бояд ҳар саҳар ва шаб дандонҳояшро бо чӯтка ва хамираи дандоншӯӣ тоза кунад.*

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ:
   - *Матни китобро хонед ва калимаҳои нофаҳморо нависед.Онҳоро дар дарси оянда аз ҳамсинфон ва омӯзгор пурсед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Чаро одам бе хӯрок зиндагӣ карда наметавонад?*
- *Ҳаракати хӯрокро дар узвҳои ҳозима шарҳ диҳед.*
- *Қоидаҳои хӯроkхӯриро номбар кунед.*
- *Аҳамияти дандон дар ҳазми хӯрок аз чӣ иборат аст?*
- *Дандонҳоро аз чӣ эҳтиёт кардан лозим ва онҳоро чӣ гуна нигоҳубин мекунанд?*

**Намунаи тестҳо:**

1. Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.

Ба системаи ҳозима узвҳои зерин дохил мешаванд:

А. Дил, ҷигар, гурда ва меъда
Б. Меъда, рӯда, гурда ва дил
В. Рӯда, шуш, дандон ва забон
Г. Ковокии даҳон, сурхрӯда, меъда ва рӯда

(Ҷавоб: Б)

2. Дар хоначаҳои холӣ рақам гузоред.

Пайдарҳамии дурусти ҳаракати хӯрокро дар организми одам муайян кунед:

| | |
|---|---|
| | Меъда |
| | Ковокии даҳон |
| | Рӯда |
| | Сурхрӯда |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: 1-3; 2-1; 3-4; 4-2)

3. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Одам бояд ________ ва _______ дандонҳояшро тоза кунад.

(Ҷавоб: саҳар, шаб)

## § 30.Тарзи ҳаёти солим (1 соат)

**Салоҳият:**
- Оид ба нишон додани омилҳои барои саломатии инсон фоидаовар, зиёновар ва хатарнок корҳои муайянро иҷро мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- мафҳуми «Тарзи ҳаёти солим»-ро шарҳ диҳанд;

- аҳамияти истеъмоли ғизои тоза, обу тоби варзиши бадан ва тарки одатҳои бадро дар таҳкими тарзи ҳаёти солим фаҳмонанд;
- хусусияти риояи низоми дурусти меҳнат ва истироҳатро барои одам шарҳ диҳанд;
- дар ҳаёт ба қоидаҳои тарзи ҳаёти солим риоя кунанд.

**Барнома.**Тарзи ҳаёти солим. Аҳамияти истеъмоли ғизои тоза. Обутоби бадан ва варзиш, аҳамияти онҳо барои саломатии одам. Низоми дурусти меҳнат ва истироҳат. Одатҳои бад ва зарари онҳо ба саломатии инсон. Таҳкими тарзи ҳаёти солим. Кор бо расму тасвирҳо ва воситаҳои навишторӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлили объекти омӯзиш. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**. Дар вақти банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - *Ҳаёти солим чист?*
   - *Кадом тарзи ҳаётро носолим номидан мумкин?*
   - *Унсурҳои тарзи ҳаёти солимро номбар кунед.*
   - *Одами варзишгар аз одами майзада чӣ фарқ дорад?*

   Тавассути саволҳо диққати онҳоро ба мавзӯъ ҷалб кунед ва номи мавзӯъро ба хонандагон гӯед.
2) Суҳбат. Аз расмҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо хусусиятҳои тарзи ҳаёти солим шинос кунед. Ҳангоми суҳбат аз таҷрибаҳои ҳаётии хонандагон истифода баред. Дар ҷараёни шиносоӣ мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:

   *Ҳар як одам мехоҳад, ки тану ҷонаш солим бошад. Солим будани ҳар як шахс дар дасти худи ӯст. Бачаҳое ҳастанд, ки қоидаҳои тарзи ҳаёти солимро медонанд, вале ба он риоя намекунанд. Чунин шахсон танбаланд. Ба фикри шумо чунин одамон метавонанд солим бошанд? Албатта не!*

   *Ҳамон одаме сиҳат ва боқувват буда метавонад, ки агар ба қоидаҳои тарзи ҳаёти солим риоя кунад. Мехоҳед, мо якҷоя бо ин қоидаҳо шинос шавем?*

   *Қоидаҳои тарзи ҳаёти солим чунинанд:*

   ***1. Риояи тозагӣ***. *Ҳар як одам бояд сару тан, либос ва ҷои истиқомати худро тоза нигоҳ дорад. Баданашро ҳар саҳар ва бегоҳ шӯяд. Пойафзолу либосашро тоза карда, хонаи хобашро шамол диҳад. Ҳеҷ гоҳ коғаз ё ягон чизи нодаркорро ба замин напартояд. Барои онҳо ҷойҳои махсуси партовпартоӣ мавҷуд аст. Фаромӯш накунед, ки «Тозагӣ гарави саломатӣ аст».*

   ***2. Ғизои дуруст хӯрдан.*** *Истеъмоли ғизои тоза асоси тарзи ҳаёти солим аст. Хӯроки мо бояд гуногун ва аз меваю сабзавот бой бошад. Хӯрокро саросема нашуда, дар вақти муайян хӯрдан фоида дорад.*

   ***3. Меҳнат ва истироҳат.*** *Ҳар як шахс бояд реҷаи муайяни кор ва истироҳат дошта бошад. Таҳсил дар мактаб ва иҷро кардани вазифаи хонагӣ меҳнати зиёдро талаб мекунад. Баъзан хонандаи синфи 3 ба мисли одами калонсол серкор мешавад. Бинобар ин зарур аст, ки меҳнат ва истироҳатро ба низом дарорем. Тамошои зиёди телевизор ё бозиҳои компютерӣ ба саломатӣ зарар дорад. Вақти холии худро мо метавонем бо сайругашт дар ҳавои тоза, бозӣ ва хондани китоб гузаронем. Ба варзиш машғул шудан низ яке аз қоидаҳои асосии тарзи ҳаёти солим ба шумор меравад. Туббозӣ ва дигар бозиҳои серҳаракатро зиёдтар иҷро кунед.*

   ***4. Аз одатҳои бад даст кашидан.*** *Одатҳои бад ин носкашӣ, сигоркашӣ, майнӯшӣ ва нашъамандӣ мебошанд.*

   *Нос ва сигор ба саломатӣ ниҳоят зарари калон доранд. Аз даҳони одамони носу сигоркаш бӯи бад меояд. Дандонҳояшон зард шуда, оҳиста-оҳиста меафтанд. Шуш ва меъдаи одамони носу сигоркаш касал аст. Дар натиҷа ин узвҳо зуд аз кор монда мешаванд.*

*Аз таъсири машруботи спиртӣ, пеш аз ҳама, мағзи сари одам зарар дида, рафтору гуфтораш дағал мешавад. Инчунин шароб ба кори дил, ҷигар, гурдаҳо ва дигар узвҳо зарар мерасонад.*

*Нашъамандӣ барои инсон одати аз ҳама хатарнок мебошад. Ҳангоми як маротиба истеъмол кардани маводди нашъадор одам ба ин одат мекунад ва ба бемории нашъамандӣ гирифтор мешавад. Бемории нашъамандиро табобат кардан душвор аст. Кашидан ё харидуфурӯши маводди нашъадор ҷиноят аст. Ин гуна одамонро ҷазои сахт медиҳанд.*

*Одамони гирифтори одатҳои бад на танҳо худашон, балки атрофиёнро ҳам нороҳат мекунанд. Ин одамон беобрӯ шуда, аз кор ва зану фарзандон маҳрум мегарданд, оқибат ба ҷиноят даст мезананд. Чуноне ки мегӯянд: «Мастӣ ба пастӣ мебарад». Аз одамоне, ки одатҳои бад доранд, дурӣ ҷӯед ва бо онҳо дӯстӣ накунед!*

Расмҳо барои истифода:





*Варзиш гарави саломатист!*





*Шахсони нашъакаш*

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Амалия дар гурӯҳҳо. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Сабабҳои пайдо шудани одатҳои бадро дар одам муайян кунед;*
   - *Коратонро ба рафиқон муаррифӣ кунед.*
5) Бозии таълимӣ – мустаҳкамкунии дарс. Хусусияти тарзи ҳаёти солимро ба хонандагон гӯед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки дуруст ё нодуруст будани онҳоро ёбанд. Масалан:

   *Писарак барои харидани тӯби футбол ба шаҳр рафт;*
   *Писарак дарсҳояшро тайёр кард ва баъд ба корҳои модараш ёрӣ расонд;*
   *Духтарак меваю сабзавотро аз полиз чида, аз он шакароб тайёр кард;*
   *Писарак аз роҳ халтаи носро ёфт ва барои санҷиш як каме нос кашид;*

*Духтарак меваю сабзавотро аз полиз чида, тоза шуст ва аз он шакароб тайёр кард;*
*ва ғайра…………*

6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтарҳояшон мафҳумҳои асосии мавзӯъро навишта, дар хотир нигоҳ доранд. Мафҳумҳоро ба хонандагон шарҳ диҳед:
   - ✓ *Солим будани ҳар як шахс дар дасти худи ӯст.*
   - ✓ *Ҳамон одаме сиҳат ва боқувват буда метавонад, ки агар ба қоидаҳои тарзи ҳаёти солим риоя кунад.*
   - ✓ *Тарзи ҳаёти солим аз тозагӣ сар мешавад.*
   - ✓ *Истеъмоли ғизои дуруст, обу тоб ва варзиши бадан, ба низом даровардани меҳнат ва истироҳат асоси саломатии одам мебошанд.*
   - ✓ *Аз одамони дорои одатҳои бад дурӣ бояд ҷуст.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ:
   - *Омилҳоеро, ки дар маҳалли шумо барои саломатии инсон зарарноканд, нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супориш ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Қоидаҳои тарзи ҳаёти солимро номбар кунед.*
- *Кадом одатҳоро мо одатҳои бад гуфта метавонем?*
- *Зарари нос ва сигорро ба организми одам шарҳ диҳед.*
- *Зарари машруботи спиртиро.*
- *Нашъамандон киҳоянд ва онҳо ба чӣ ниёз доранд?*
- *Мақоли «Мастӣ ба пастӣ мебарад»-ро шарҳ диҳед.*

**Намунаи тестҳо:**

1. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Кадоме аз мафҳумҳои зерин ба тарзи ҳаёти солим дохил намешавад?

А. Хоби зиёд;
Б. Риояи тозагӣ
В. Бозикунӣ
Г. Хӯрокхурӣ

(Ҷавоб: А)

2. Мувофиқа кунед (ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Одатҳои хуб ва бади инсонро муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Одатҳои хуб | А. Сигоркашӣ |
| 2. Одатҳои бад | Б. Ёрӣ ба калонсолон |
| | В. Нашъакашӣ |
| | Г. Дарстайёркунӣ |

(Ҷавоб: 1-Б,Г; 2-А,В)

3. Ҷумларо пурра кунед (Калимаи партофташударо ёбед):

Одамони гирифтори одатҳои бад на танҳо худашон, балки ____________ ҳам нороҳат мекунанд.

(Ҷавоб: атрофиёнро)

# Боби V. Бехатарии мо

## §31.Аз оташ, об, газ ва барқ эҳтиёт шав!

## (1 соат)

**Салоҳият:**

– Оид ба нишон додани омилҳои барои саломатии инсон фоидаовар, зиёновар ва хатарнок корҳои муайянро иҷро мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд

- сабаби хатарнок будани оташ, об, газ ва барқро фаҳмонанд;
- роҳҳои бехатари муносибат бо онҳоро гӯянд;
- ҳангоми сар задани яке аз ин хатарҳо ба хизматрасониҳои дахлдор занг зананд;
- оид ба тарзи дурусти муносибат бо яке аз ин хатарҳо иншои хурд (эссе) нависанд.

**Барнома.** Омилҳои таҳдидкунанда ба саломатии инсон – оташ, об, барқ ва газ. Хатари аз онҳо ба амалоянда. Роҳҳои ҳифз аз оташ, об, барқ ва газ. Хизматрасониҳои дахлдор оид ба садамаҳои сӯхтор, об, барқ ва газ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлили объекти омӯзиш. Кор бо расму тасвирҳо ва матн.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз намоиши расми зерин оғоз кунед.



Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

– *Шумо дар расм чиро дида истодаед?*
– *Сӯхтор дар куҷо ба амал омадааст?*
– *Ба фикри шумо сӯхтор бо кадом сабаб сар задааст?*
– *Ғайр аз сӯхтор боз кадом хатарҳо ба ҷони одам таҳдид мекунанд?*

Саволҳоро ба таври кӯтоҳ муҳокима кунед ва ба хонандагон гӯед, ки имрӯз мавзӯи мо дар масъалаи эҳтиёткорӣ аз омилҳои ба саломатии инсон хатарнок иборат аст. Номи мавзӯъро дар тахтаи синф нависед - ***Аз оташ, об, газ ва барқ эҳтиёт шавед!***

2) Маълумот оид ба хатари оташ, об, газ ва барқ. Шиносоиро бо омилҳои номбаршуда ба тариқи суҳбат ба роҳ монед ва хонандагонро бо хусусияти хатарнокии ҳар яки онҳо шинос кунед.

Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Чӣ бояд кард, то чунин ҳодисаҳо рӯй надиҳанд?*

*Агар бо ягон сабабе дар хона сӯхтор рух диҳад, зуд оташро хомӯш кардан лозим. Роҳи аз ҳама осони хомӯш кардани сӯхтор ба болои он пӯшондани кӯрпа ё гилеми ғафс аст. Дар ҳолате шумо бинед, ки оташро хомӯш карда наметавонед, зуд ба рақами 01 ба*

*сӯхторхомӯшкунандагон занг занед. Баъди ин зуд хонаро тарк кунед ва дари хонаро пӯшед. Агар бародар ё хоҳари хурдатон дар хона бошанд, онҳоро ҳамроҳи худ ба берун бароред. Агар хона пури дуд бошад, сачоқи тарро ба даҳону бинӣ пӯшонда нафас кашед. Агар ҳангоми сӯхтор дари хона маҳкам мекунад. Дар ин ҳолат аз тиреза ё ҷои дигар бо овози баланд ба ёрӣ ҷеғ занед.*

*Хонаҳои бисёрошёнаро бо қубурҳо об мегузаронанд. Баъзан ҳодисаи кафидани қубур ё вайрон шудани мурвати обдиҳак рӯй медиҳад. Дар ин ҳолат чӣ кор мекунед? Пеш аз ҳама, обро аз ҷои асосӣ маҳкам кардан лозим. Баъди ин ба волидон ё ягон одами боваринок занг занед. Онҳо ба шумо маслиҳат медиҳанд, ки чӣ кор кунед. Агар ба волидайни худ занг зада натавонистед, барои кӯмак ҳамсояро ҷеғ занед.*

*Мо дар рӯзгорамон бисёр вақт аз газ истифода мебарем. Агар шумо дар хона бӯи газро ҳис кардед, чӣ кор мекунед? Пеш аз ҳама, тирезаҳои хонаро кушода, ҳавои хонаро тоза кардан лозим. Пас, мурватҳои лӯла ё балони газро маҳкам кардан даркор. Ҳеҷ гоҳ дар вақти мавҷуд будани бӯи газ чароғи барқӣ, гӯгирд ё дигар асбобҳои барқиро фурӯзон накунед! Зеро таркиш ба амал меояд. Агар бӯйи газ нест нашавад, ба хонаи ҳамсоя рафта, бо рақами 04 ба кормандони газ занг занед.*

*Қувваи барқ дар хонаи ҳамаи мо ҳаст. Барқ низ ба мисли оташ ва газ хатарнок аст. Аз барқ чӣ гуна эҳтиёт кардан мумкин? Мо бояд ба сими лучи барқ даст нарасонем. Агар дар симҳои барқи хона ё асбобҳо ҷойи лучро мушоҳида кардед, зуд ба волидон хабар диҳед. Дар набудани волидон аз додару хоҳари хурдатон эҳтиёт шавед. Онҳо мумкин симҳои лучро бо даст доранд. Онҳоро ба ҷойи дуртар бурда, то омадани калонсолон якҷоя бозӣ кунед. Дар набудани калонсолон асбобҳои барқиро истифода набаред.*

Расмҳо барои истифода:




*Рафтори дуруст ҳангоми сӯхтор*







*Кӯдакон чӣ кор карда истодаанд?*

3) Бозии «Бинго».
*А. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф тасвир кунед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро ба дафтар кӯчонанд:*

| | |
|---|---|
| Хатари оташ | Хатари об |
| Хатари барқ | Хатари газ |

*Б. Оид ба омилҳои хатарноки дохили ҷадвал мисолҳо оред ва ба хонандагон гӯед, ки дар хоначаи дахлдори ҷадвал аломат гузоранд.*
*В. Кори хонандагонро санҷед ва муайян кунед, ки кадоме аз онҳо ба хато роҳ додааст.*
*Г. Якҷоя бо хонандагон аз болои хатоҳо кор кунед.*
Намунаи мисолҳо:
1. *Баъд аз сар задани он бо рақами 04 занг задан лозим аст;*
2. *Агар ҷумакҳоро маҳкам накунем, хонаи ҳамсояҳо зери об мемонад;*
3. *Ҳангоми рух додани ин ҳодиса зуд ба рақами 01 занг зада, аз хона берун шудан лозим аст;*
4. *Ин хатар бештар ба кӯдакони хурдсол таҳдид мекунад.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бори дигар хотиррасон шуда, дониши хонандагонро мустаҳкам кунед. Мустаҳкамкуниро тариқи саволу ҷавоб амалӣ карда метавонед.
6) Хулосабарорӣ. Дар якҷоягӣ бо хонандагон хулосаҳои дарсро бароред. Таассуроти онҳоро аз дарс пурсон шавед. Масалан:
   ⇒ Шумо аз дарси имрӯза чӣ чизҳои нав омӯхтед?
   ⇒ Кадом фаъолиятҳо барои шумо душвор буданд?
   ⇒ Ин донишҳоро дар куҷо истифода бурда метавонед?

Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
- *Дар ҳолати сар задани сӯхтор зуд ба рақами 01 занг зада, аз хона мебароем ва дарро мепӯшем.*
- *Агар қубури об дар хона вайрон шавад, ба волидайн хабар дода, ҳамсояро ба ёрӣ ҷеғ мезанем.*
- *Дар вақти баромадани бӯйи газ, зуд тирезаҳоро кушода, ба рақами 04 занг мезанем. Чароғ, барқ ва оташро фурӯзон намекунем.*
- *Барқ низ ба мисли оташ ва газ хатарнок аст ва мо бояд ба сими лучи барқ даст нарасонем.*

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед. Супориш ба хона:
   ✓ *Мавзӯи имрӯзаро бо аҳли оилаатон маслиҳат кунед ва қоидаҳои бехатариро бо онҳо муҳокима намоед.*
   ✓ *Оид ба қоидаҳои бехатарӣ аз барқ иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом омилҳои хатарноки хонаро номбар карда метавонед?*
- *Ҳангоми сӯхтор чӣ гуна рафтор мекунед?*
- *Рафтори одамро ҳангоми баромадани газ шарҳ диҳед.*
- *Агар қубури оби хона вайрон шавад, шумо чӣ амалро анҷом медиҳед?*
- *Аз барқ чӣ гуна худро эҳтиёт кардан лозим аст?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Дар ҳолати сар задани сӯхтор зуд бо рақами ___ занг зада, аз хона мебароем ва дари хонаро __________.

(Ҷавоб: 01, мепӯшем)

2. Ҷавоби дурустро интихоб кунед.

Дар кадом ҳолат даҳону биниро бо латаи тар маҳкам кардан лозим аст?

А. Сими барқ луч бошад

Б. Бӯйи газ бошад

В. Бӯйи дуд бошад

Г. Об аз қубур ҷорӣ бошад

(Ҷавоб: В)

3. Мувофиқа намоед (Ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Хатарҳоро бо рафтори дурусти одам мувофиқ гузоред:

| | |
|---|---|
| 1. Сар задани сӯхтор | А. Ба он даст намерасонем |
| 2. Сӯрох шудани қубури об | Б. Ба рақами 01 занг мезанем |
| 3. Хориҷ шудани газ | В. Ба ҳамсоя муроҷиат мекунем |
| 4. Луч будани сими барқ | Г. Ба рақами 04 занг мезанем |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-В; 3-Г; 4-А)

## §32.Эҳтиёт дар роҳҳои мошингард

## (1соат)

**Салоҳият:**

- Оид ба нишон додани омилҳои барои саломатии инсон фоидаовар, зиёновар ва хатарнок корҳои муайянро иҷро мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- қоидаҳои ҳаракати роҳро номбар кунанд;
- мазмуни баъзе аломатҳои бехатарии роҳро шарҳ диҳанд;
- мазмуни се қоидаи асосии бехатарии пиёдагардро фаҳмонанд;
- расми аломатҳои бехатарии роҳро тасвир намоянд;
- ҳангоми савор шудан ба нақлиёти мусофирбар ба қоидаҳои одоб ва бехатарӣ риоя кунанд.

**Барнома.** Ҳаётатро зери хавф нагузор. Аломатҳои бехатарии роҳ – аломати пиёдагузар, чароғаки роҳнамо, роҳи зеризаминӣ ва аломатҳои манъкунанда. Маълумоти чашмакҳои чароғаки роҳнамо. Қоидаҳои бехатарӣ дар нақлиёти мусофирбар. Тасвири объекти омӯзиш. Кор

бо расму тасвирҳо ва матн. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлили объекти омӯзиш.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Саволҳои зеринро аз хонандагон пурсон шавед ва донишҳои пешинаи онҳоро бедор намоед.
   - *Чаро роҳи мошингардро хатарнок мегӯянд?*
   - *Шумо кадом қоидаҳои бехатарии роҳро медонед?*
   - *Аломатҳои бехатарии роҳро номбар кунед.*
   - *Аҳамияти аломатҳои бехатарии роҳ аз чӣ иборат аст?*

   Баъди муҳокимаи масъалаҳо ба хонандагон номи мавзӯъро гӯед.
2) Шиносоӣ бо қоидаҳои бехатарии роҳ. Оид ба ин масъала мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:

   *Вақте ки одам ба ягон ҷо сафар мекунад, ҳама ба ӯ сафари нек мехоҳад. Оё ҳама вақт сафари кас нек анҷом меёбад? Кадом хатарҳо ба мо дар роҳ метавонанд таҳдид кунанд? Барои ба ин саволҳо ҷавоб ёфтан мо бояд аввал хатарҳои роҳро донем. Сипас, фикр кунем, ки чӣ гуна ин хатарҳоро бартараф кардан мумкин аст. Донистани қоидаҳои зерин барои бехатарии роҳи сафар ба мо кумак мекунанд.*

   ***Ҳангоми пиёда сафар кардан.*** *Ҳар як пиёдагард бояд се қоидаи асосиро дар хотир нигоҳ дорад:*
   1. *Ҳама вақт бо роҳҳои пиёдагард ҳаракат кардан лозим. Аз роҳе, ки мошинҳо ҳаракат мекунанд, истифода набаред.*
   2. *Дар роҳи мошингард ҳама вақт аз ҷои муайяншуда гузаред. Ҳеҷ гоҳ аз ҷое, ки барои гузаштан иҷозат дода нашудааст, нагузаред (давида гузаштан ҳам мумкин нест);*
   3. *Дар вақти сабз будани чароғаки роҳнамо (светофор) роҳи мошингардро гузаштан мумкин аст. Агар шумо саросема бошед ҳам, дар вақти сурх будани чароғак нагузаред.*

   *Бисёр вақт бачаҳо ва ҳатто баъзе калонсолон ин қоидаҳоро риоя намекунанд. Дар натиҷа воқеаҳои нохуш рух медиҳанд.*

   ***Сафар бо дучарха (велосипед).*** *Мувофиқи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба хурдсолон дар роҳҳои мошингард дучархаронӣ мумкин нест. Барои дучархаронӣ ҷойҳои махсуси бехатар мавҷуд аст. Агар дар ягон ҷо роҳи мошингардро гузаштан лозим бошад, аввал аз дучарха фароед. Сипас, аз чанбарак (рул) дошта оҳиста аз ҷои пиёдагузари роҳ гузаред. Ҳангоми дучархаронӣ ҳеҷ гоҳ чанбаракро сар надиҳед. Ин кор боиси чаппа шудани дучарха ва захмдор шудани шумо мегардад.*

   ***Сафар бо нақлиёт.*** *Дар хотир нигоҳ доред, ки ҳангоми ба мошин савор шудан ё аз мошин фаромадан аз дари ба сӯйи роҳи пиёдагардон кушодашавандаи мошин истифода баред. То дар ҷояш истодани мошин ба он савор нашавед ё аз мошин нафароед. Даст ё сари худро аз тирезаи мошин берун набароред. Агар ба автобус, троллейбус ё автобуси хурд савор шудед, аз назди дар дуртар истед ва дастқапакро сахт доред. Агар нишаста бошед, ба калонсолон ҷой диҳед. Дар дохили автобус ҷузвдон (сумка) ё халтаи бесоҳибро дидед, ронандаро огоҳ кунед.*

Расмҳо барои истифода:





ИСТО! ГУЗАР!

*Хабарҳои чароғаки роҳнамо барои пиёдагардон*



Ин аломат моро мефаҳмонад, ки дар роҳи мошингард аз ин ҷо **ГУЗАРЕД.**



Ин аломат моро мефаҳмонад, ки аз роҳи мошингард гузаштан **МУМКИН НЕСТ**.



Дар роҳҳое, ки чунин аломат гузошта шудааст, дучархасаворӣ **МУМКИН НЕСТ**.



Ин аломат ба мо **ИҶОЗАТ** медиҳад, ки бо дучарха ҳаракат кунем.

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Тарзи гурӯҳбандӣ ба ихтиёри омӯзгор. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
Дар гурӯҳ воқеаро муҳокима намуда, сабаби онро муайян кунед ва ба дигарон пешниҳод намоед.
Воқеа:
   - *Писараке дар дохили нақлиёти мусофирбар мерафт. Баъди каме ҳаракат кардан, нақлиёт якбора дар ҷояш истод. Писарак ба пеш афтид ва пешонааш ба чизе бархӯрда, хуншор шуд.*
   - *Оид ба ин ҳодиса фикрҳоятонро гӯед. Чаро ба писарак чунин ҳодиса рӯй дод? Ӯ бояд чӣ кор мекард?*
5) Мустаҳкамкунии дарс. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед. Бо ин мақсад аз савол ва супоришҳо оид ба мавзӯъ истифода бурда метавонед.
6) Хулосабарорӣ. Дар якҷоягӣ бо хонандагон хулосаҳои асосии дарсро бароред. Хулосаҳои умумии дарс чунин буда метавонанд:
   - *Донистани қоидаҳо ва аломатҳои роҳ барои бехатарии роҳи сафар ба мо кумак мекунанд.*
   - *Ҳар як пиёдагард бояд се қоидаи асосии бехатариро донад:*
     1. *Ҳамеша бо роҳҳои пиёдагард равад;*
     2. *Роҳи мошинро аз ҷои муайяншуда гузарад;*
     3. *Роҳи мошинро танҳо дар вақти сабз будани чароғаки роҳнамо убур кунад.*
   - *Даст ва сарро аз тирезаи мошин баровардан мумкин нест.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед:
   - *Матни китобро хонед ва оид ба мавзӯи имрӯза бо аҳли оилаатон суҳбат кунед.*
   - *Мафҳумҳои душворфаҳмро нависед ва маънои онҳоро аз омӯзгор пурсед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Се қоидаи асосии пиёдагардро номбар кунед.*

– *Ҳангоми рондани дучарха кадом қоидаҳои бехатариро риоя кардан лозим аст?*
– *Қоидаҳои бехатариро ҳангоми дар нақлиёти мусофирбар будан, шарҳ диҳед.*
– *Маънои аломатҳои дар расми китоб овардашударо фаҳмонед.*

Намунаи тестҳо:

1. Мувофиқа кунед:

Аломатҳои бехатарии роҳро бо шарҳашон мувофиқ гузоред:

1.  А. Дучархаронӣ манъ аст

2.  Б. Аз роҳи мошин гузаштан мумкин нест

3.  В. Аз роҳи мошин гузаштан мумкин аст

4.  Г. Барои дучархаронӣ иҷозат аст

(Ҷавоб: 1-В; 2-А; )

2. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед):

Ҳангоми дар дохили нақлиёт будан даст ва сарро аз тирезаи мошин ____________ мумкин нест.

(Ҷавоб: баровардан)

## § 33. Ҷойҳои хатарнок (1 соат)

**Салоҳият:**
– Оид ба нишон додани омилҳои барои саломатии инсон фоидаовар, зиёновар ва хатарнок корҳои муайянро иҷро мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
• ҷойҳои барои бачаҳо хатарнокро номбар кунанд;
• бо мисолҳои ҳаётӣ тарзи дурусти рафторро дар ин ё он ҳолати хатарнок шарҳ диҳанд;
• дар вақти мавҷуд будан дар чунин ҷойҳо қоидаҳои бехатариро риоя кунанд;
• ба дӯстон ва рафиқони худ оид ба ҳифзи ҳаёт маслиҳат диҳанд.

**Барнома.** Кадом ҷойҳо барои бачаҳо хатарнок буда метавонанд? Назди тиреза, мавзеъҳои сохтмон, ҷойҳои камодам, болои бом ва назди трансформатори барқ – ҳамчун ҷойҳои хатарнок. Қоидаҳои рафтори дуруст дар ҷойҳои хатарнок. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёт. Кор бо воситаҳои навиштторӣ, матн ва расму тасвирҳо. Муқоиса, мушоҳида ва таҳлили объекти омӯзиш.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро бо суҳбат оғоз кунед. Ба хонандагон саволҳо диҳед:
   – *Чӣ гуна ҷойҳо барои бачаҳо хатарнок мебошанд?*
   – *Барои чӣ ин ҷойҳоро шумо хатарнок мешуморед?*
   – *Ҳангоми афтидан дар чунин ҷойҳо бояд чӣ кор кард?*

Дар атрофи саволҳо муҳокимаронӣ карда, фикрҳои хонандагонро шунавед.

2) Кори дунафара – муҳокимаи вазъиятҳо. Ба хонандагон (дунафараҳо) якчанд вазъияти ҳаётиро пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки онҳоро таҳлил ва рафтори дурустро муайян кунанд. Баъди ба анҷом расидани вақти муайяншуда ҷавобҳои дунафараҳоро шунавед (агар шумораи хонандагон зиёд бошад, як вазъиятро ба ду дунафара диҳед).
   Вазъиятҳо:
    1. Шахси бадафте дар боғи шаҳр писаракро ба назди худ хонд ва гуфт, ки ман ба ту шоколад медиҳам;
    2. Марди ношиносе бо мошинаш омада, дар назди духтараке истод ва ба ӯ таклиф намуд, ки ба мошин савор шавад;
    3. Ду бачаи синфи 3 барои бозӣ назди трансформатори баркро интихоб карданд;
    4. Писарак бо хоҳарчаи хурдиаш дар бинои бисёрошёна, дар назди тиреза бозӣ мекарданд;
    5. Бачаҳо бозии баҷошавак мекарданд ва яке аз онҳо рафта болои бом баромад ва дар он ҷо пинҳон шуд;
    6. Дар назди хонаи писарак сохтмоне вуҷуд дошт. Ӯ бо ҷӯрааш ҳар рӯз рафта, он ҷо бозӣ мекард;
    7. Бачаҳо аз падару модари худ пинҳонӣ рафта, дар ҳавзи назди деҳаи худ оббозӣ карданд.
3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо қоидаҳои рафтори дуруст дар ҷойҳои хатарнок шинос кунед. Шиносоиро тариқи суҳбат ба роҳ монед ва аз таҷрибаи хонандагон истифода баред.
   Мазмуни зеринро ба онҳо пешниҳод карда метавонед:

*Ҷойҳои хатарнок метавонанд гуногун бошанд. Вале ҷойҳои хатарноке, ки бачаҳо бештар гаштугузор ва бозӣ мекунанд, назди тирезаи хона, майдони сохтмон, назди трансформатори барқ, боғ ва дарахтзор мебошанд.*

*Дар хонаҳои баландошёна ҷойи хатарнок назди тирезаи хона мебошад. Баъзе бачаҳо сарашонро аз тирезаи бинои баландошёна мебароранд, худашонро овезон мекунанд, якдигарро тела медиҳанд, гӯё шӯхӣ мекунанд. Вале онҳо намедонанд, ки ин шӯхии онҳо метавонад бо фоҷиа анҷомад.*

*Болои боми хонаҳо низ ҷойи хатарноканд. Он ҷо бозӣ кардан мумкин нест. Дар баландӣ сари одам чарх зада, афтиданаш мумкин аст.*

*Майдони сохтмон барои баъзе бачаҳо ҷои дӯстдоштаи бозӣ аст. Аммо онҳо намедонанд, ки атроф пур аз хатар аст. Масалан, чуқуриҳои калон, тӯдаҳои хишт, бетонҳои вазнин, чӯбу тахта, мех ва ғайра. Дар ҳолати каме беаҳамиятӣ ба нохушӣ дучор шудан мумкин аст.*

*Трансформатори барқ ҷои аз ҳама хатарнок ба ҳисоб меравад. Дар дохили он қувваи барқ ниҳоят баланд аст. Аз ин сабаб мо бояд дар наздикии трансформатори барқ бозӣ накунем ва додару хоҳари хурдсоламонро ҳам ба назди он рафтан намонем.*

*Боғ, ҷойҳои холии шаҳр ва дарахтзорҳо аз он сабаб хатарнок мебошанд, ки он ҷо одамон каманд ва бо шахсони ҷинояткор дучор омадан мумкин аст. Одами боақл ба чунин ҷойҳо ҳеҷ вақт танҳо намеравад. Пас чӣ кор кунем, агар рафтанамон зарур бошад? Агар бо одамони ношиноси шубҳанок вохӯрдед, зуд роҳатонро дигар кунед. Ба сӯе, ки одамонро мебинед, равед ва роҳатонро ҳамроҳи онҳо давом диҳед. Дидед, ки он одами шубҳанок аз паси шумо омада истодааст, тез давед ва аз ӯ дур шавед. Шояд ӯ шуморо фарёд кунад – "Ист, ман ба ту гап дорам!" ва ғайра. Ба гапҳои ӯ аҳамият надиҳед. Рафту чунин одам шуморо аз дастатон ё либосатон дорад, бо тамоми овоз фарёд кунед, ба ёрӣ ҷеғ занед ва як илоҷ карда, аз дасти ӯ халос шуда гурезед!*

*Оббозӣ кардан дар ҷойҳои ношинос ҳам хатарнок аст. Барои оббозӣ ҷойҳои махсус вуҷуд доранд. Ҳамроҳи волидон ба он ҷо рафта, оббозӣ кардан бехатар аст.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии донишу малака. Масъалаҳои асосии дарсро бо хонандагон ба тариқи саволу ҷавоб дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.

6) Хулосабарорӣ ва навиштани мафҳумҳои мавзӯъ. Аз хонандагон пурсед, ки аз мавзӯи имрӯза чӣ омӯхтанд. Ҷавобҳои онҳоро шунавед ва якҷоя хулосаҳои дарсро муайян кунед. Хулосаҳои умумии дарс (хонандагон онро дар дафтарҳои худ метавонанд нависанд):
   - ✓ *Ҷойҳои хатарнок метавонанд гуногун бошанд, ба мисли тирезаи хона, майдони сохтмон, назди трансформатори барқ, боғ, дарахтзор ва ғайра.*
   - ✓ *Агар мо дар ҷойҳои хатарноки хона ва шаҳр эҳтиёткор бошем, ба сухани калонсолон гӯш кунем, хатарҳо ба мо таҳдид намекунанд.*
7) Дарсро ҷамъбаст кунед ва дониши хонандагонро қадр намоед.
8) Барои хона супориш диҳед. Супориш барои хона:
   - *Дарси имрӯзаро бо аҳли оилаатон муҳокима намуда, якҷоя ҷойҳои хатарноки маҳалли зисти худро муайян кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Хатарнокии назди тирезаи хонаро шарҳ диҳед.*
- *Боми хонаҳо чӣ гуна хатарнок буда метавонанд?*
- *Қоидаҳои бехатариро дар майдони сохтмон ва назди трансформатори барқ фаҳмонед.*
- *Оё шаб танҳо дар кӯчаҳо сайру гашт кардан бехатар аст? Барои чӣ?*
- *Ба рафиқони худ оид ба ҷойҳои хатарнок чӣ маслиҳат медиҳед?*

Намунаи тестҳо:

1. Ҷавоби дурустро муайян кунед (ҳарфашро дар давра гиред).

Чаро дар назди тирезаи хонаи баланд бозӣ ва шӯхӣ кардан мумкин нест?

А. Одамро барқ мезанад

Б. Аз бӯйи газ беҳуш мешавад

В. Он ҷо шахсони хатарноканд

Г. Ба поён афтидан мумкин аст

(Ҷавоб: Г)

2. Ҷумларо пурра кунед (калимаҳои партофташударо ёбед):

Дар болои боми хонаҳо бозӣ кардан мумкин ______, зеро дар баландӣ сар _______ мезанад ва одам меафтад.

(Ҷавоб: нест, чарх)

3. Ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро интихоб намоед.

Рафтори дурусти одамро дар боғ, ҷойҳои холӣ ва дарахтзорҳо муайян кунед:

| | | |
|---|---|---|
| ҳа | не | Ба чунин ҷойҳо танҳо рафтан мумкин нест. |
| ҳа | не | Агар бо рафиқат бош, ягон хатар надорад. |
| ҳа | не | Бо одамони ҷинояткор вохӯрдан мумкин аст. |
| ҳа | не | Агар шахси шубҳанок дучор шуд, бо дигар роҳ меравем. |
| ҳа | не | Хоҳиши одами бегонаро иҷро кардан лозим аст, набошад ғазабнок мешавад. |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: ҳа-1,3,4; не-2,5)

### § 34. Нақшаҳои мо барои таътили тобистона (1 соат)

**Салоҳият:**

- Оид ба нишон додани омилҳои барои саломатии инсон фоидаовар, зиёновар ва хатарнок корҳои муайянро иҷро мекунад.
- Таъсири истифодаи нодурусти унсурҳои табиатро шарҳ дода, роҳҳои муҳофизати онро нишон медиҳад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- мавзеи гузаронидани таътили тобистонаро номбар кунанд;
- фаъолиятҳои таълимӣ ва фароғатии худро ҳангоми таътил шарҳ диҳанд;
- рафторҳои дурусти мактаббачаро дар таътил фаҳмонанд;
- ҳангоми таътил ба қоидаҳои бехатарӣ риоя кунанд;
- корҳои худро барои таътили тобистона ба нақша гиранд.

**Барнома.** Мо дар таътил ба чӣ кор машғул мешавем. Фаъолиятҳои омӯзишӣ ва фароғатӣ дар таътили тобистона. Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми таътили тобистона. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёт. Кор бо воситаҳои навишторӣ, матн ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**. Дар дарси мазкур фаъолиятҳои хонандагон ҳангоми таътили тобистона ба нақша гирифта, диққати асосӣ ба қоидаҳои одобу ахлоқ ва бехатарии бачаҳо ҳангоми таътили тобистона дода мешавад.

## 4. СТРАТЕГИЯҲОИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО)

### 4.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарки ахбори шунида ва муошират бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс ба мақсадҳои гуногун сухан, нақл ва дигар хелҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гӯш кардани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Омӯхтан.

Таҳқиқоти гуногун нишон медиҳад, ки шахс аз 25 то 50 фоизи шунидаҳояшро дар хотир нигоҳ медорад. Аз ин лиҳоз, ташаккул додани малакаи гӯш кардан ба хонандагон имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводди таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи маҳсулнокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:

- ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
- фикрҳоеро, ки гӯш карданро халал мерасонанд , ба як тараф гузоштан;
- ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан;
- ба омилҳое, ки ҷараёни гӯш карданро халал мерасонанд, ба монанди садоҳои атроф, гуфтугӯи дигарон , аҳамият надодан;
- ба имову ишораи гӯянда диққат додан.

2) Ифодаи бодиққат гӯш кардан, яъне:
   - истифода бурдани воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат;
   - ҳар сари вақт сар ҷунбондан;
   - табассум кардан ва истифодаи имои мувофиқ;
   - қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан;
   - барои идома додани суҳбат ба суханони гӯянда эзоҳи хурд пешниҳод кардан, ба монанди *ҳа, наход* ва амсоли ин.

3) Ҷавоби мувофиқ додан.

   Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо мефаҳмонад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шунаванда ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан, ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад.
   - дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан;
   - ақидаро эҳтиромона пешниҳод кардан;
   - ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.

**4.2. Таълими хониши бошуурона**

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксар сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: “Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад”. Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн аст. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани “қобилият, малака, дониш ва таҷрибаи” шахс ва он матнест, ки муболиға меномояд. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла табиатшиносӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, стандарти мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми системаҳои маорифи мамолики дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин арзёбиҳои стандартии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (PISA, PIRLS, EGRA) мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба тavри ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои иншоро мехонад;
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
- матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонад;
- ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад;

Дар поён тавсияҳоее, ки дар асоси таҳқиқотҳои фаннӣ[1] таҳия шудаанд, пешниҳод мегарданд. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

---

[1]Шанаҳан, Т., Коллисон, К., Карриер, К., Дюк, Н., Пиерсон, П.Д., Шатчнейдер, К., ваТоргесен, Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010-4038). Вошингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Гирифта шуд аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳои (усулҳои) хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияҳои хониши бошуурона ин ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифта мебошад, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия ин истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикронӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Страгияҳои хониши бошуурона ба хонанда имконият медиҳанд, ки ӯ сатҳи фаҳмишашро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намояд, дониши суст ва номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунад.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонад (ба ҷои аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стартегияҳоро ба хонандагон омӯзонанд.

Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад[2]:

| Стратегияҳои самаранок | Тафсир |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | Хонандагон оид ба маълумоте, ки аллакай медонанд ва ин донишро якҷоя бо дигар нишонаҳо маънои матни хондаашонро дарк мекунанд, ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки талабагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯии худро аниқ месозанд. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ҷонишинҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд, ё не. Онҳо матнро бори дигар мехонанд, ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Баровардани хулоса** | Хонандагон аз ахборе, ки барои дарки маънии матн заруранд, аммо ин ахбор дар матн наомадааст ё пурра шарҳ дода нашудааст, хулосаҳо мебароранд. |
| **Ҷамъбаст/Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён/тасвир мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шаванд. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст. Яъне хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн хонандагон метавонанд машқҳоеро иҷро намоянд, ки барои муайян кардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣ мерасонанд, сипас оид ба ҳамон матн пешгӯйӣ мекунанд. Инчунин савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, ҳамзамон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда, сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамоии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд мегардад.

[2] Барои маълумоти бештар нигаред ба Замимаи 10.

**Тавсияи 2.** *Хонандагонро тавассути муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагон ва омӯзгор аз саволу ҷавоби рӯйякӣ ба саволҳои мантиқиву таҳқиқӣ мегузаранд. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмоиҳои матнро ҳал мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Ӯ тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: "Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳои оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо калимаҳои ғафси сиёҳ оварда мешавад ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана нигаред, сарлавҳа оид ба "Ғизои оҳувон". Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳуҳо маълумот медиҳад." Ҳамин тавр, муҳокимаро доир ба матни хондашуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Инчунин омӯзгор метавонад матнро бо овози баланд хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол медиҳад, ҳикоя дар бораи чӣ аст, ё ба фикри онҳо, баъд чӣ ҳодиса мешавад. Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои гуногуни фикрронии дараҷаи баланд ба роҳ монед, ин ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Инчунин барои муҳокима омӯзгор матнеро интихоб мекунад, ки масъалаеро фаро гирад, ки хонандагон шояд ба он розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори симо ё оё натиҷаҳои ҳикоя ба ҳақиқат рост меоянд, ё не. Пас аз хондан омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё набудан) муттаҳид менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаеро интихоб намоянд, ки ақидаи онҳоро дастгирӣ мекунад (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ва тахайюлӣ мегардонанд).Барои ба роҳ мондани ҷараёни мазкур омӯзгор ба хонандагонро варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки бо ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

Омӯзгор бояд саволҳои дараҷаи баланди фикррониро таҳия намояд, ки аз хонандагон оид ба маънии матн амиқ фикр карданро талаб намояд, на гуфтани маълумотҳои одиро. Саволҳо бояд он чизеро инъикос кунанд, ки омӯзгор мехоҳад, хонандагон аз матн гиранд, аз ҷумла, ахбори мушаххас ва муфассал. Саволҳо набояд хеле сода бошанд ("Номи писар чӣ буд?") ё танҳо ақидаи хонандагон пурсидан ("Ҳикоя ба Шумо маъқул шуд?"). Саволҳои дараҷаи баланди фикрронӣ асосан чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- Барои чӣ ... ?
- Шумо дар бораи ... чӣ фикр доред?
- Агар Шумо ба ҷои муаллиф мебудед ...?
- Ин чиро ба ёди Шумо меорад ва чаро?

**Тавсияи 3.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи "як ченак барои ҳама" бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводди зиёди хониш, ки хонандагон дар синфҳои минбаъда вомехӯранд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо ба хонандагон матнҳои гуногунро шинос мекунанд, балки боварӣ ҳосил мекунанд, ки матни интихобшуда (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равони хонандагон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқанд. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб карда, малакаи хониши бошууронаи хонандагон тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар стандартҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – бадеӣ ва ахборӣ ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ:** ҳикояҳое, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд, ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣ ё ҳақиқие, ки одамон ё симоҳои тахайюлиро фаро мегиранд ва шеърҳо. **Матнҳои ахборӣ:** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар стандартҳо навъҳои жанрҳо вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ - матнҳои ҳикоя, афсона ва шеър.
- Матнҳои ахборӣ - матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳар ду навъи матн (матнҳои бадеӣ ва ахборӣ)-ро истифода баранд. Зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Стандартҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва ахбори бойу рангин доранд.*** Ҳикояҳое ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матнҳои хабарие, ки хуб таҳия шудаанд ва шавқоваранд, барои таълими хониши бошуурона хуб мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифат будани матн, ки барои ташаккули малакаи фикрронии интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои ахборӣ)
- Сохтори хуб
- Луғати гуногун, бой ва услуби хуби баён

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки аз рӯйи дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну сол ва қобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон ва на мушкил бошад. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷуд аст: муракабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва ташкили матн, равшании қолаб/сохтор) ва муракабии муҳтаво (яъне, то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабиро дар ҳамон як матн фарқ карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд ҳар дуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба онҳо хеле мушкил мегардад. Ҳамин тавр, матне, ки муҳтавои осон дошта, бо калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошад, дарки чунин матнҳо низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолиятҳои таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд, ба монанди хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда шавқи хонандагонро ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн бедор карда, ҳавасмандии онҳоро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд мегардонад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, аз рӯйи ба хонандагон маъкул, ё шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсадҳои гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонанд (1) ташаккул додани малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; (2) ташаккул додани дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; (3) ташаккули малакаи онҳо барои иштирок дар муҳокимаронидҳои оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор барои интихоби матн барои таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 4.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор метавонад фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани стратегияҳои хониши бошуурона ташкил намояд. Омӯзгорон бояд маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамаррӯза чӣ тавр таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва ба хонандагон барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад,.

Омӯзгор бояд дар ҷараёни дарс ба хондан диққати махсус диҳад. Хониши якҷоя бояд дар ҳама ҳолат ташкил карда шавад ба маърази намоиш гузоштани кори хонандагон, тартиб додани қоидаҳои синф, қоидаҳои бехатарӣ ва ҳангоми ба деворҳои синф овезои кардани дастурҳо, ё ҳангоми аз як қисми мактаб ба дигар қисми он бурдани овезаҳо. Омӯзгорон инчунин метавонанд дар синф китобҳое, ки ба доираи фаҳмиши хонандагон мувофиқанд, гузоранд. Масалан, марказҳои хониш ё китобхонаи синфро, ки ба tаври ҷолиб оро дода шуда, мавзӯъҳои гуногуни ба шавқу завқи хонандагон мувофиқро тасвир мекунанд, таъсис дода шаванд.

Инчунин омӯзгорон метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути фаъолиятҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд.

Хулосаи умумӣ.

Омӯзгорон бояд хонандагонро оид ба тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикрронӣ ҳангоми хондан омӯзонд, инчунин ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур хонандагон бояд бо матнҳои сифатнок кор кунанд, матнҳое, ки (аз лиҳози муҳтаво ва сифат) барои фикрронии амиқ мусоидат менамоянд. Хонандагон бояд на танҳо стратегияҳои хонишро дуруст истифода баранд, балки бояд аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин лиҳоз, истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъоли муҳтавои матн тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

### 4.3. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил

Табиат ҳамеша либоси нав дар бар карда, бо қувваи ақлу заковати мардум сол то сол дигаргун мешавад. Баробари иваз шудани фаслҳои сол табиат низ тағйир меёбад, ки ин аз назари кӯдакон пинҳон намемонад.

Мушоҳида дар таълими табиатшиносӣ нақши хеле муҳим бозида, барои рушди малакаҳои мушоҳидакорӣ, муқоисакунӣ, таҳлил ва хулосабарории хонандагон кӯмак мерасонад.

Мушоҳида ҳамон вақт аҳамияти таълимӣ пайдо мекунад, ки агар омӯзгор онро дуруст ба нақша гирад, гузаронад ва ҷамъбаст намояд. Ин ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Асосан хонандагони хурдсол дар мактаб бо мушоҳидаҳои зерин дучор мешаванд:

- мушоҳидаи лавҳаи синф (дар он чӣ навишта мешавад?);
- мушоҳидаи аёниятҳои таълимӣ (онро омӯзгор чӣ тавр намоиш медиҳад?);
- мушоҳида дар асоси супориши махсуси омӯзгор.

Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ яке аз қисмҳои таркибии кори таълимӣ ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, ду навъи мушоҳидаи таълимиро фарқ кардан лозим аст:

1. Ашё ва ҳодисаҳои омӯхташавандаро дар шакли табииашон мушоҳида кардан;
2. Зимни таҷриба ҳодисаҳои омӯхташавандаро ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда, мушоҳида намудан.

Ин ду шакли мушоҳидаро дар дарс ва ё берун аз он вобаста ба шароити мактаб ва маҳал ташкил кардан мумкин аст.

Мушоҳидаи таълимӣ чунин мушоҳидаест, ки онро худи хонандагон аз рӯйи супориши муаллим иҷро мекунанд. Саволҳо бояд хонандагонро барои муайян кардани хосият ва ҷиҳатҳои муҳими чизи омӯхташаванда ба фикр кардан водор намоянд.

Дар омӯзиши табиатшиносӣ чунин мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

- ✓ хазоншавии барги дарахтони маҳал ва қайди онҳо дар дафтари «Мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ» (олами атрофи мо);
- ✓ ҳарорати баландтарини шабонарӯз;
- ✓ боди шадидтарини фасли сол;
- ✓ хелҳои боришот дар фаслҳои сол;
- ✓ кори занбӯри асал ва захираи зимистонаи он;
- ✓ парандаҳои мавсимӣ ва муқимии маҳал;
- ✓ сабзиши майсаи гандум;
- ✓ фарқи байни алаф, бутта ва дарахт;
- ✓ бориши аввалини барфи сол;
- ✓ кушодашавии муғчаҳои рустанӣ;
- ✓ дар кадом ҳарорат ба кор шурӯъ кардани мӯрчаҳо;
- ✓ лонасозии парандаҳо;
- ✓ пухтани меваи рустанӣ;
- ✓ хӯрокдиҳии парандаҳо ба чӯҷаҳояшон;
- ✓ вазъи экологии маҳал ва ғайра.

Объекти мушоҳида бояд мувофиқи фаслҳои сол интихоб гардад. Мушоҳидаро дар давоми як дарс, ҳафта, моҳ ва ҳатто то охири сол ба роҳ мондан мумкин аст. Вобаста ба талаботи барнома ва имконоти шароити маҳал омӯзгор бояд пешакӣ ҷой ва ашёву ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро интихоб намуда, натиҷаи онро муайян кунад. Ҳангоми мушоҳида хонандагон на танҳо чизеро мебинанд, балки бо хусусияту сохти он шинос мешаванд.

Мушоҳидаи табиат узвҳои ҳисро инкишоф дода, ба қобилияти дарккунии хонандагон мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, мушоҳида имконият медиҳад, ки хонандагон таҳлил кунанд, сабабҳои бо ҳам алоқамандии ашёву ҳодисаҳоро муайян ва аз худ намоянд.

Ба хонандагон дафтари махсуси мушоҳидаҳо зарур аст. Онҳо дар рафти мушоҳида мувофиқи супориши омӯзгор ҳодисаи табиӣ ё дигар объекти мушоҳидашавандаро омӯхта, натиҷаҳоро дар дафтар қайд мекунанд. Натиҷаи мушоҳидаҳо дар «Дафтари мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ» ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар давоми сол қайд карда мешавад.

***Мушоҳида, таҷриба ва таҳлил*** бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Бе ба роҳ мондани мушоҳида, дар таълими табиатшиносӣ гузаронидани таҷриба ва таҳлили натиҷаҳои он ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, мушоҳидаро метавон ҳамчун усули гузаранда байни таҷриба ва таҳлил ҳисобид. Яъне, аввал бояд мушоҳида гузаронида шавад, баъд таҷриба ва таҳлил.

Гузаронидани ҳама гуна мушоҳида бояд иҷрои пай дар пайи марҳилаҳои зеринро дар бар гирад:

1. Марҳилаи омодагӣ – гузоштани вазифа, проблема ва мушаххас намудани мушоҳида; интихоби вазъият ва объекти мувофиқ.
2. Ҷамъ кардани диққати хонандагон ба объекти омӯзиш.
3. Тадқиқ ва таҳлили объекти мушоҳида, ки ба коркард ва такмилдиҳии роҳҳои омӯзиши объект равона шудааст. Дараҷаи муайяни кумаки омӯзгор барои азхудкунии маводди омӯхташаванда.
4. Марҳилаи хотимавӣ – ҷамъбасти натиҷаҳо, мустаҳкамкунии тасаввуроти андӯхташуда оид ба объекти омӯзиш ва роҳҳои тадқиқи он, гирифтани таассуроти хонандагон аз кори анҷомдодашуда.

Ба роҳ мондани таҷриба (тадқиқ) аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

1. Марҳилаи омодагӣ. Он аз ду қисм иборат аст:

а) барои омӯзгор – тафтиши таҷҳизот, муайян кардани миқдори зарурии он, гузаронидани пешакии таҷриба;

б) барои хонандагон –ҷалби таваҷҷӯҳи хонандагон ба аз нав ба вуҷуд овардани ҳодисаи табиии муайян, гузоштани вазъияти проблемавӣ ва бо иштироки хонандагон интихоб намудани таҷҳизоти зарурӣ, дастур додан, муайян кардани мавзӯъ, мақсад, нақшаи гузаронидан ва муаррифии натиҷаҳои таҷриба, пешниҳоди фарзияҳо.

2. Гузаронидани таҷриба. Ин марҳила аз пешниҳоди мақсад, муайян кардани вазифаҳои мушаххас, ба қайд гирифтани таҷҳизот ва ҷою шароити гузаронидани таҷриба, дастурдиҳӣ ва иҷрои қадам ба қадам, яъне мушоҳида иборат мебошад.
3. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада. Хотиррасон намудани мақсадҳо, таҷҳизот, пайдарҳамии иҷроиши амалҳои таҷриба, хулоса ва асосноккунии назариявӣ.

Ҳамин тариқ, мушоҳида, таҷриба ва таҳлил бо ҳам алоқаманд буда, гузаронидани ҳар як таҷрибаро мушоҳида ҳамроҳӣ мекунад. Барои мисол дар поён якчанд намунаи таҷрибаҳои одиро пешниҳод мекунем, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои табиатшиносӣ (олами атрофи мо) шавқи хонандагонро нисбат ба ин фан зиёд карда, дар онҳо қобилиятҳои мушоҳидакорӣ, таҳлил ва хулосабарориро рушд медиҳад. Баъзе таҷрибаҳои овардашуда барои омӯзиши фанҳо дар синфҳои болоӣ таҳкурсиро ба вуҷуд меоранд ва баъзеи онҳо дар ҳаёти наврасон кор меоянд.

## *Ҳаворо месӯзонем (Таркиби ҳаво)*

Таҷҳизот:

- Тақсимчаи чуқур;
- Шамъ;
- Зарфи шишагин (банкаи баландиаш аз шамъ зиёд);
- Об;
- Ранг;
- Гӯгирд;
- Пластилин.

Раванди таҷриба:

1. Шамъро дар даруни тақсимча бо пластилин мустаҳкам кунед.
2. Ба дохили тақсимча об рехта, чанд чакра ранг омехта кунед, то ки намоён шавад.
3. Шамъро даргиронед.
4. Шамъи сӯзонро бо зарфи шишагӣ (банка) маҳкам кунед.

*Чиро мушоҳида кардед?*

Баъди чанде оташи шамъ хомӯш мешавад ва об ба дохили банка медарояд.

*Хулоса:*

Ҳангоми сӯзиш оксигени таркиби ҳаво месӯзад. Об аз таъсири фишори атроф, ба ҷойи оксигени сӯхта ба дохили банка медарояд. Аммо об тамоми зарфро пур карда наметавонад, зеро дар таркиби ҳавои дохили зарф ғайр аз оксиген боз гази нитроген вуҷуд дорад, ки ба дохил шудани ҳаво монеъ мешавад.

## *Оё ҳаво фишурда мешавад?*

Таҷҳизот:

- Зарфи шишагин
- Пуфак
- Оби гарм ва оби хунук

Раванди таҷриба:

1. Ба зарфи шишагин оби гарм резед.
2. Баъд аз чанд дақиқа оби зарфро резед ва зуд ба даҳони зарф пуфакро пӯшонед.
3. Ба деворҳои зарфи шишагин оби хунук пошед.

*Чиро мушоҳида кардед?*

Пуфак ба дохили зарфи шишагин кашида мешавад.

*Хулоса.*

Ҳавои гарми дохили зарфи шишагин ҳангоми хунук шудан фишурда шуда, ҳаҷми он хурд мешавад. Аз ин рӯ пуфакро ба дохили зарф мекашад. Фишурдашавии ҳаво аз он сабаб ба амал меояд, ки дар хунукӣ молекулаҳои ҳаво суст ҳаракат мекунанд (аз муаллими физикаи мактаб ин ҳодисаро пурсед).

## *Зичии об*

Лавозимот:

- Зарфи шишагин (банка);
- Асали каме обкардашуда (жидкий мёд);
- Равғани растанӣ;
- Об.

Раванди таҷриба:

1. Аввал ба зарф асалро резед.
2. Баъд, ба зарф равғани рустаниро резед.
3. Аз ҳама охир обро резед.

*Чиро мушоҳида кардед?*

Моеъҳо омехта намешаванд, балки дар дохили зарф қабат-қабат ҷойгир мешаванд. Об равғанро гузашта, қабати дуюмро ҳосил мекунад. Равған қабати аз ҳама болоро ташкил медиҳад.

*Хулоса:*

Се моеъи интихобкардаи мо зичии гуногун доранд. Равғани рустанӣ зичии аз ҳама кам дорад, бинобар ин дар дохили зарф аз ҳама боло ҷойгир шуд. Асал дар қаъри зарф, аз ҳама поён ҷойгир шуд, зеро зичии он аз ҳама зиёд мебошад. Зичии об нисбат ба равған зиёдтар ва нисбат ба асал камтар аст, аз ин рӯ қабати мобайниро ташкил дод.

## *Муқоисаи зичии оби шӯр ва оби ширин (нӯшокӣ)*

Лавозимот:

- Намаки майдакардашуда (орди намак);
- Стакони калон;
- Об;
- Тухм;
- Қошуқи хурд;
- Қошуқи калон.

Раванди таҷриба:

1. Стаконро то нисфаш аз об пур кунед. Бо ёрии қошуқи калон, оҳиста тухмро ба дохили стакони обдор гузоред.

   *Чиро мушоҳида кардед?*

Тухм дар поёни стакони обдор ҷойгир мешавад.

2. Тухмро аз дохили стакон гиред, ба андозаи 10 қошуқи хурд ба об намак резед ва то ҳал шудани намак обро кобед. Намакоб ҳосил шуд.
3. Аз нав тухмро ба стакон андозед.

   *Чиро мушоҳида кардед?*

Тухм ғарқ нашуда, дар болои об ҷойгир шуд.

4. Оҳиста-оҳиста ба стакон оби тоза резед.
5. Вақте, ки тухм ба ғарқшавӣ сар мекунад, рехтани обро қатъ кунед.

   *Чиро мушоҳида кардед?*

Тухм то қаъри об ғарқ нашуда, дар мобайни стакон ҷойгир мешавад.

Хулоса:

Зичии тухм нисбат ба об каме зиёдтар аст, бинобар ин ғарқ мешавад. Аммо зичии оби шӯр аз зичии тухм зиёд мебошад, барои ҳамин тухм дар оби шӯр ғарқ намешавад. Вақте, ки мо ба намакоб оби тоза рехтем, шӯрии он кам шуда, зичиаш ба зичии тухм баробар шуд, аз ин сабаб тухм дар байни об истод.

## *Рустаниҳо гази оксиген хориҷ мекунанд!*

Лавозимот:

- Шохчаи баргдори рустанӣ (агар рустании обӣ бошад, беҳтар);
- Табақи тагаш ҳамвор (масалан, табақи ошкашӣ);
- Зарфи шишагин (бонкаи 2 ё 3-литра);
- Варақи ғафс (картон);
- Об.

Раванди таҷриба:

1. Обро ба табақ резед.
2. Шохчаи баргдорро дар дохили бонка гузоред.
3. Бонкаро аз об пур кунед.
4. Даҳони бонкаро бо коғази ғафс (картон) маҳкам кунед, бо дастатон картонро маҳкам доред ва бонкаро чаппа гардонед.
5. Дар ҳамин ҳолат бонкаро дар дохили табақ гузоред.
6. Картонро оҳиста гиред.
7. Табақро дар ҷойи офтоб гузоред.

   *Чиро мушоҳида кардед?*

Дар танаи баргҳо ҳубобчаҳои ҳаво пайдо мешаванд (ҳубобчаҳо бо гази оксиген пур шудаанд). Ҳубобчаҳо ба болои об ҳаракат мекунанд.

*Хулоса:*

Барги растаниҳо дар равшании офтоб гази оксиген хориҷ мекунанд. (Аз он сабаб таҷриба дар дохили об гузаронда шуд, ки гази оксиген намоён шавад.)

## *Оё бо ду чашм ҳамчун бо як чашм дидан мумкин аст?*

Лавозимот:

- Варақи коғаз;
- Қалам;
- Ручка бо сарпӯшак.

Раванди таҷриба:

1. Дар варақ нуқта гузоред.
2. Аз варақ дар масофаи 75см дур шавед.
3. Як чашматонро пӯшида, кӯшиш кунед, ки қаламро ба нуқтаи гузоштаатон расонед.

4. Ручкаро бо сарпӯшакаш ба даст гиред.
5. Як чашматонро пӯшида, кӯшиш намоед, ки сарпӯшаки ручкаро пӯшонед.

*Чиро мушоҳида мекунем?*

Нӯги қалам аз нуқтаи дар коғаз гузошташуда дуртар расидааст.
Ҳангоми кӯшиши аввал сарпӯш ба ручка намерасад.

*Хулоса:*

Чашмон ба майнаи сари мо ду тасвири каме фарққкунандаи ҳамон як ашёро медиҳанд. Зеро чашмон ашёро зери кунҷи гуногун мебинанд. Майна онҳоро кор карда, ҳамчун як ашё нишон медиҳад. Вақте ки як чашм пӯшида аст, ҳаракати худро ҳамоҳанг сохтан бисёр мушкил аст.

## *Қувваи ҳубобчаҳо*

Лавозимот:

- Зарфи пластикӣ (баклажка);
- Пуфак;
- Оби гарм;
- Хамиртуруши хушк (дрожжи);
- Шакар;
- Қошуқи хурд.

Раванди таҷриба:

1. Ба зарфи пластикӣ се қошуқча хамиртуруш ва се қошуқча шакар резед.
2. Ба зарф оҳиста оби гармро резед.
3. Пуфакро ба даҳони зарф пӯшонед.

*Чиро мушоҳида мекунем?*

Моеъ ба ҷӯшидан медароянд ва кафк мекунад, дар натиҷа пуфак дам мешавад.

*Хулоса:*

Хамиртуруш бо шакар омехта шуда, гази ангидриди карбонро ҳосил мекунанд. Ҳубобчаҳои зиёди ҳосилшуда, ба боло меҷаҳанд (моеъ кафк мекунад) ва пуфак дам мешавад.

Таҷриба:



## 5. Арзёбӣ

### 5.1. Принсипҳои арзёбӣ

Арзёбӣ унсури доимии раванди таълиму омӯзиш аст. Таълиму арзёбиро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст. Таҳқиқоти зиёди олимони мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки арзёбӣ ба раванди азхудкунӣ ва татбиқи донишу малакаҳои хонандагон таъсир мерасонад.

Дар илми педагогикаи муосир навъҳои гуногуни арзёбӣ маъмул буда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мафҳуми арзёбӣ дар адабиёти илмҳои педагогӣ ба таври гуногун номбар шудааст. Аз ҷумла, дар адабиёти соҳавӣ чунин мафҳумҳо истифода шудаанд: «арзёбии анъанавӣ», «арзёбии алтернативӣ», «арзёбии фаъолият» (Сюзан М. Батлер ва Нэнси Д. Мак Мунн), «арзёбии ташхисӣ», «арзёбии ташаккулдиҳанда», «арзёбии ҷамъбастӣ» ва ғайра.

Арзёбии ташаккулдиҳанда барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати хонанда ёрӣ мерасонад. Он имкон медиҳад, ки дастоварди хонандагон тахти назорат бошад. Арзёбии ташаккулдиҳанда аз методҳои баҳодиҳии мавҷуда фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, дар ин низом муаллим имконияти бо хонанда ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Омӯзгор метавонад дар асоси чунин арзёбӣ дониши азхудкардаи хонандагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Хонанда дар ин маврид барои таҳсил бештар масъулият ҳис мекунад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда хусусияту принсипҳои худро дорад. Принсипҳои мазкур аз тарафи гурӯҳи кор оид ба арзёбӣ (аз тарафи Асосиатсияи Британии Пажӯҳишҳои Маърифатӣ) дар асоси таҳқиқот муқаррар шудаанд:

**Арзёбӣ ҷузъи асосии банақшагирии дарс бошад.** Омӯзгор ҳангоми ба нақшагирии дарс фаъолиятҳоеро бояд ба эътибор гирад, ки ҳам ба ӯ ва ҳам ба хонанда имконияти назорати раванди таълимро фароҳам оранд. Мувофиқи принсипи мазкур восита ва усулҳои арзёбӣ баъди муайян кардани мақсад ва методикаи таълим тарҳрезӣ карда мешавад. Мақсад он аст, ки дар марҳилаи банақшагирӣ роҳу воситаҳои арзёбӣ муайян карда шуда, дараҷаи эътимоднокии онҳо таҳлил мегарданд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронида шуда бошад.** Яъне, ҳангоми арзёбӣ хонандагон бояд ба саволҳои чӣ тарз ба ин натиҷа ноил гаштанд, чӣ душворӣ кашиданд ва барои чӣ муваффақ шуданд, ҷавоб диҳанд. Ин хонандагонро водор менамояд, ки раванди таълимро таҳлил карда, боварӣ ҳосил намоянд. Пас аз иҷрои ҳар як методикаи таълим омӯзгор тавассути воситаҳои арзёбӣ хонандагонро мувазаф менамояд, то раванди иҷрои он фаъолиятро таҳлил намоянд, хулоса бароранд ва фаолияти минбаъдаро мушаххас гардонанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун меҳвари дарс шинохта шавад.** Аксари методикаи таълимӣ, ки дар дарс иҷро карда мешаванд, бояд хусусияти арзёбӣ (таҳлилӣ) дошта бошанд. Масъала, савол ва дигар масъалаҳои таълим тарзе тарҳрезӣ гарданд, ки ба хонанда имконияти таҳлили раванди омӯзишро фароҳам оранд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор шинохта шавад.** Омӯзгор бояд малакаву маҳорати истифодаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро дошта бошад. Ин малакаву маҳорат дар донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва курсҳои такмили ихтисос ва ё ба таври худомӯзӣ ҳосил карда мешаванд. Омӯзгор бояд тарзи банақшагирӣ, ташкил ва таҳлили воситаҳои арзёбӣ, пешниҳоди тавсияҳо, саволу масъалаҳоро дуруст ба роҳ монад.

**Арзёбӣ бояд асоснок ва қобили қабул бошад**. Ҳангоми пешниҳоди тавсияву натиҷаҳои арзёбӣ омӯзгор бояд чӣ гуна таъсир доштани онро ба ҳисоб бигирад. Яъне, то кадом андоза

тавсияҳо ба хонанда таъсири манфӣ ва ё мусбӣ мерасонанд. Тавсия, шарҳу эзоҳҳо бояд ба методикаи таълимии хонанда нигаронида шуда бошад, на ба шахсияти ӯ. Тавсияву тақризҳо бояд асоснок бошанд, то барои ба зинаҳои дигари инкишоф ноил гаштани хонанда мусоидат кунанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳавасмандии (мотиватсияи) хонандагонро нисбат ба таълим ба эътибор гирад**. Барои баланд бардоштани мотиватсияи хонандагон арзёбӣ нақши муассир дорад. Дар ин асно аввал ба дастовардҳои хуби хонанда диққат дода, сипас фаъолиятҳои дигар, аз ҷумлаислоҳи ғалатҳо, имлои калимаҳо ва ғайра ба роҳ монда мешаванд. Тавсия карда мешавад, ки омӯзгор ҳангоми матраҳ сохтани муколама бо хонанда дар қадами аввал ақалан се ҷиҳати хуби корро баррасӣ мекунад, сипас роҳу усулҳои такмилдиҳӣ пешниҳод мешаванд. Дар ин ҳолат хонанда ҳавасмандии омӯзишро гум намекунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ба фаҳмидани мақсади таълим ва меъёрҳои арзёбӣ бояд мусоидат намояд**. Хонанда бояд аз мақсади дарс огаҳ буда, моҳияти онро дарк намояд. Зиёда аз он мақсадҳоро баррасӣ карда, барои таълим гирифтан масъулият ҳис кунад. Омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон мақсадҳоро муаррифӣ карда, натиҷаи ниҳоии таълимро муҳокима мекунад. Хонанда бояд донад, ки барои чӣ имрӯз масъалаи мазкур мавриди омӯзишу таҳлил қарор мегирад ва он ба донишу малакаҳои пешинааш чӣ алоқамандӣ дорад. Донистани меъёрҳои арзёбӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки тамоми методикаи таълимиашро ба тартиб дарорад ва онро барои ба даст овардани мақсаду натиҷаҳо равона созад. Ҳангоми баррасии меъёрҳои арзёбӣ иштироки хонандагон ҳатмист.

**Тавассути воситаҳои арзёбӣ барои рушди минбаъдаи хонанда тавсияҳои мушаххас дода шавад** ва ин тавсияҳо самтҳои рушди минбаъдаи хонандаро фаро бигирад. Тавсияҳо дар навбати худ бояд мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва саривақтӣ бошанд. Тавсияҳо ҳамчун дастур пешниҳод карда мешаванд, то хонанда самти такмилталабро пурра дарк кунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда малакаи ба худ баҳо додани хонандагонро такмил диҳад.** Омӯзгор дар ниҳоди хонанда малакаи назорат кардани методикаи таълимии худро тарбият мекунад. Хонанда объекти асосии раванди таълим маҳсуб ёфта, аз ин лиҳоз омӯзгор ба ӯ дар ин самт роҳнамоӣ мекунад. Таълим гирифтан ва маърифатноку лаёқатманд шудан асосан ба худи хонанда вобаста аст. Инро метавон тавассути таҳлили раванди иҷрои масъалаи таълим ҷалб кардан собит намуд. Чӣ тарз? Кадом воситаҳо ҳангоми ҳалли масъала истифода шудаанд? Ба кадом мушкилот дучор шуданд? Чӣ гуна он мушкилотро паси сар карданд? Ин саволҳо хонандагонро водор менамоянд, ки раванди таълимро таҳлил кунанд.

**Арзёбӣ ҳамаи дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирад.** Омӯзгор ҳангоми арзёбӣ бояд тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили Методикаи таълимии худро дошта бошад. Аз эътибор дур сохтани дастовардҳои таълимии хонандагон ҳавасмандии маърифатҷӯйии ӯро паст мегардонад. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки ҳар як дастоварди ӯ дар доираи имкон қадрдонӣ гардад.

## 5.2. Арзёбии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби ба ҳам пайванд буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад. Аммо инчунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтанро тавассути воситаҳои сода санҷида наметавонанд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда басо муҳим аст.

**5.2.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гӯш кардан**

Санҷиши дарки ахбори шунида.

Матнро ба хонанда хонед ва сипас ба ӯ якчанд савол дода, то кадом андоза хонанда онро дарк кардааст, санҷед. Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахборро, балки дараҷаи фаҳмидану таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд. Масалан, “Ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Дар чунин вазъият шумо чӣ кор мекардед?” Тавсия мешавад, ки дар синфи якум саволу ҷавоб ба таври шифоҳӣ сурат гирад.

Агар дар натиҷаи санҷиш муайян гардад, ки малакаи дарки маънии ахбори шунида то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, он гоҳ бо чунин хонандагон дар алоҳидагӣ кор карда, стратегияҳои ташаккули малакаи гӯш карданро омӯзонед.

**5.2.2. Арзёбии салоҳиятҳои гуфтан**

**Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гуфтан**

1) Санҷиши тарзи талаффузи овозҳо ва калимаҳо

Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва мутаносибан барои ислоҳи ғалатҳо тавсия дода, роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин калимаҳоро нишон медиҳад.

2) Санҷиши сарфӣ ва наҳвӣ

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳои дуруст гуфта метавонанд, омӯзгор ба гуфтори хонандагон аҳамият дода, тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

- тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
- ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолаби наҳви забони тоҷикӣ аст.

3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда ақидаашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

**Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан**

Ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбии сарфу наҳв ва луғату пешниҳоди ақидаро истифода баред.

Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану гуфтан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия намоед:

- ҳангоми гуфтор баландии овоз мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

### 5.3. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил

Санҷиши малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил асосан дар натиҷаи арзёбии фаъолиятҳои таълимии таҷрибавӣ, мушоҳида ва саёҳат амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- дар фаъолиятҳо вобаста ба мушоҳида ва таҷриба фаъолона иштирок намудааст;
- дар рафти машғулиятҳо ба ҷараён диққат медиҳад;
- тартиби иҷрои фаъолиятҳоро аз рӯйи нақшаи муайян анҷом додааст;
- маълумоти пешниҳодшударо тадқиқ ва таҳлил мекунад;
- ҳангоми коркарди маълумот, ёфтани роҳи ҳалли проблема аз омӯзгор кумак мепурсад;
- оид ба корҳои анҷом додашуда фикрҳояшро баён ва асоснок карда метавонад;
- натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда метавонад;
- таассуроти худро оид ба кори анҷом додашуда гуфта метавонад.

**Адабиёт**


1. Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010.
2. А. А. Плешаков. Мир вокруг нас. Учебник для 1 класса начальной школы. Москва «Просвещение» 2005.
3. А. Вохрушев, О. Бурский, А. Раутиан. Окружающий мир. Мир и человек. Живые обитатели планеты. Учебник 3 класса в двух частях. Москва. ДРОФА. 2008.
4. Горецкий В. Г. и др. Обучение в 1 классе.-Москва, 1988
5. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики. –М., 2005.
6. Кошмина И. В. Межпредметные связи в начальной школе. –М., 2003.
7. Кукушин В. С., Болдырева А.В.– Вараксина. Педагогика начального образования. –М. - Ростов–на–Дону, 2005.
8. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок. –М.: Учитель, 2005.
9. Кустарева В.А. Методика грамматики и орфографии в начальных классах.-Москва, 1979
10. Лутфуллоев М. Дарс. -Душанбе, 1995.
11. Лутфуллоев М. Ҳамидова .... ва дигарон. Таълим дар синфи 1.Душанбе, 1992.
12. Л. Ф. Мелчаков, М. Н. Скаткин. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, «Маориф», 1984.
13. М. Ҳоҷиматов, Б. Каримов. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 3). Душанбе «Маориф», 1994.
14. Ниёзов Ф. Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. –Душанбе, 2012.
15. Н. Қодиров, И. Абдуллоев. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе «Комбинати полиграфӣ» – 2013.
16. Панов М. В. Занимательная орфография. Москва,1984
17. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ – Душанбе, 2012.
18. Содиқ Акрамов. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе «Маориф», 1987.
19. koi.tspu.ru/koi_books/semenova/razdel%206.htm.Обзор современных программ по окружающему миру.
20. https://sites.google.com/.../sovremennye-programmyСовременные Программы по Окружающему миру.
21. festival.1september.ru/articles/566779/ Рабочая учебная программа по предмету "Окружающий мир для 3-го класса.
22. school2100.com/uroki/elementary/okrmir.phpПрограмма «Окружающий мир» - Школа 2010

# РОҲНАМОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 3-ЮМ

**барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 29.08.2016 эҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 17.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 147/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади  Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru